ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

**ВБД:** 347.4:368 (575.3)
**ТКБ:** 67. 99 (2 ) 3+65.9 (2) 261.7 (2тоҷикӣ)
**Н-** 92

Бо ҳуқуқи дастнавис

**НУРУЛЛОЗОДА АЛӢ НУРУЛЛО**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Сангинзода Д.Ш.

**ДАНҒАРА – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ................3**

**МУҚАДДИМА ..............................................................................4-18**

**БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТА ..................................19-69**

1.1. Заминаи ҳуқуқӣ ва мафҳуми ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди фаъолияти соҳибкорӣ ........................19-48

1.2. Аломатҳо, хусусиятҳо ва шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ .........................................48-69

**БОБИ 2. ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ВА МУШКИЛОТҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР БОЗОРИ СУҒУРТА.................70-110**

2.1. Шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта ...............................70-86

2.2. Мушкилоти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа дар ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар соҳаи суғурта ................................87-110

**БОБИ 3. РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР БОЗОРИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........................................................................................................111-178**

3.1. Механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон дар бозори суғурта..111-148

3.2. Пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва таъмини устувории фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта........................................149-178

**ХУЛОСА ..........................................................................................179-183**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ...........................................................................................184-187**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)............................................188-217**

**ФЕҲРЕСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ...............................................................................................218-219**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**БС** – Бозори суғурта

**ИА** – Иттиҳоди Аврупо

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**ММИҲ** – Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқӣ

**СУС** – Созмони умумиҷаҳонии савдо

**ФР** – Федератсияи Русия

**ШС** – Шартномаи суғурта

**м.и.** – монанди инҳо

**б.** – банд

**б.б.** – бандҳои

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳои

**ш.** – шаҳр

**ғ.** – ғайра.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити имрӯзаи пешрафти ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасли ҳуқуқӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши хизматрасонии суғурта мақоми хеле муҳимро ишғол мекунад. Ин масъала аз якчанд самтҳо хеле ҳассос ва зарурӣ ба ҳисоб меравад: пеш аз ҳама, бахши суғурта ба ҳайси ҷузъи калидии сохтори молиявии мамлакат ба ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ шахсони ҳуқуқӣ ва инфиродӣ, кам кардани иқтидори иқтисодӣ барои соҳибкорон ва ҳифзи пойдории куллии иқтисодияти миллӣ кумак мерасонад. Дар солҳои охир ин бозор нишондиҳандаҳои мусбат нишон медиҳад. Масалан, «дар нимсолаи аввали соли 2025 ҳаҷми умумии пардохтҳои суғуртавӣ ба 208,60 млн. сомонӣ расида, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 5,04% афзоиш ёфта, ҳамзамон бо афзоиши шумораи шартномаҳои басташуда (дар ҳамин давра +16,4%) вобаста мебошад. Дар се моҳи аввали соли 2025 ҳаҷм 114,40 млн сомонӣ буд (ҳарчанд коҳиш -14,2% нисбат ба соли пешин), аммо дар умум тамоюли рушд мушоҳида мешавад» [224]. Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки бозор дар ҳоли тавсеа аст, вале ҳанӯз ҳам ҳаҷмаш нисбат ба кишварҳои ҳамсоя (Қазоқистон, Узбекистон) хеле кам буда, сатҳи нуфуз паст мемонад [225].

Дувум, фаъолияти соҳибкорӣ дар ин бозор дорои хусусияти таваккалӣ аст, яъне ташкилотҳои суғуртавӣ хатарҳои воқеии соҳибкоронро (таваккали соҳибкорӣ, ҷавобгарии маданӣ, талафоти молу мулк ва ғайра) ба зимма мегиранд ва бар ивазаш фоида мегиранд. Ин муносибатҳо мустақиман ба устувории фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ва рушди бахши хусусӣ таъсир мерасонанд. Дар шароити Тоҷикистон, ки иқтисодиёт ба омилҳои беруна (муҳоҷират, тағйирёбии иқлим, хатарҳои табиӣ) вобаста аст, суғурта ҳамчун воситаи коҳиши хатарҳо аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад.

Сеюм, бо вуҷуди пешрафтҳои бадастомада, мушкилоти ҳуқуқӣ ва амалӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол хеле зиёд боқӣ мондаанд ва ҳамин монеаҳо рушди босуръати ин соҳаро ба таври ҷиддӣ суст мекунанд, ки ба зумраи онҳо дохил мешаванд: «воситаҳои ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон ва шахсони суғурташуда ҳанӯз ҳам нокифояанд, ки ин ҳолатҳо дар амалия зуд-зуд ба назар мерасанд: рад кардани пардохтҳои суғуртавӣ, низоъҳои зиёд атрофи шартномаҳо, инчунин сатҳи пасти боварӣ ба ширкатҳои суғуртавӣ; ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ то ҳол пурра ба даст наомадааст, хусусан дар масъалаҳои талабот ба сармояи оинномавӣ ва идоракунии хавфҳо; танзими давлатӣ низ бо камбудиҳои ҷиддӣ рӯбарӯ аст (ҳарчанд Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2025 ба рақамисозии фаъолияти суғурта гузашт ва як қатор тадбирҳои навро ҷорӣ кард, аммо то имрӯз қонунҳои махсуси соҳавӣ (махсусан дар бахши суғуртаи ҳатмӣ дар намудҳои муайян ва азнавсуғуртакунӣ) ҳанӯз ҳам камбудҳои назаррас доранд); сатҳи фарогирии бозор хеле паст боқӣ мондааст (ҳаҷми умумии пардохтҳои суғуртавӣ нисбат ба Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ҳанӯз ҳам хеле кам аст – мувофиқи таҳлилҳо дар солҳои охир тақрибан 28 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда аз заифии фарҳанги суғурта дар ҷомеа ва маҳдудияти дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ шаҳодат медиҳад» [219].

Чорум, дар сатҳи сиёсати давлатӣ мавзуъ афзалият дорад. Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2020-2025) [41-40] ва Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2021-2025 [215] такмили бозори молиявӣ, аз ҷумла бозори суғурта, ҳамчун омили муҳимми рушди устувор ва коҳиши камбизоатӣ зикр шудааст. Стратегияи кишварии Бонки ҷаҳонӣ ва дигар шарикон барои солҳои 2025-2030 низ ба тақвияти

рақобатпазирӣ, идоракунии хавфҳо ва фарогирии молиявӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳанд [216].

Панҷум, аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ, таҳқиқи амиқи ҳуқуқии ин соҳа ҳанӯз нокифоя аст. Дар ҳоле ки асарҳои олимони тоҷик (З.З. Зайнутдинова, А.В. Золотухин, С, Искандари [196; 198; 199]) заминаҳои назариявиро гузоштаанд, ҷанбаҳои мушаххаси Тоҷикистон – аз қабили татбиқи рақамисозӣ дар соли 2025, таъсири тағйирёбии иқлим ба хатарҳои суғуртавӣ ва ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон дар шароити афзоиши рақобат дар бозори суғуртаи Тоҷикистон ҳанӯз пурра омӯхта нашудаанд.

Ҳамин тариқ, мубрамияти таҳлили ин рисола аз он бармеояд, ки он бо рушди иқтисоди миллӣ, ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон, таъмини устувории низоми молиявӣ ва амалӣ гардонидани сиёсати давлатӣ робитаи қавӣ ва мустақим дорад. Таҳқиқи ҳуқуқии ин бозори суғурта аз нигоҳи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ метавонад ба такмили қонунгузорӣ (аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» [31]), баланд бардоштани самаранокии назорат ва афзоиши эътимоди ҷомеа ба бозори суғурта мусоидат намояд. Ин ҳама дар шароити кунунӣ, ки кишвар ба сӯйи иқтисоди рақамӣ ва устувор ҳаракат мекунад, аҳаммияти фавқулодда дорад.

Дар ин замина, таҳқиқи дақиқи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта аҳаммияти махсус ва стратегӣ касб мекунад. Таҳлили амиқи назариявӣ ва амалии ин масъала дар шароити ташаккули иқтисоди бозорӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ба яке аз вазифаҳои калидӣ табдил ёфтааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ то андозае омӯхта шудааст, аммо ҳанӯз ҳам дараҷаи таҳқиқи он нокифоя арзёбӣ мешавад. Ин мавзуъ дар

чорчӯбаи ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ баррасӣ гардида, асосан ба ду сатҳ тақсим мешавад.

Дар сатҳи ватанӣ вобаста ба таъминоти ҳуқуқии суғуртаи таваккали соҳибкорӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон А.В. Золотухин рисолаи докторӣ (2015) [198], суғуртаи таваккали соҳибкорӣ: танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Искандари С. рисолаи номзадӣ (2018) [199] ва манфиати суғуртавӣ ҳамчун категорияи асосии ҳуқуқи суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон З.З. Зайнутдинова рисолаи номзадӣ (2025) [196] дифоъ намудаанд. Дар баробари ин олимон Ш.К. Бадалов (Каримзода Ш.К.) [83], И.Ҳ. Бобоҷонов (Бобоҷонзода И.Ҳ.) [81], Р.Б. Бозоров [192], Ш.К. Ғаюрзода [135; 134], Ш.М. Исмаилов [62], Ф.А. Махмадшоев [203], М.А. Маҳмудов (Маҳмудзода М.З.) [80; 81], Ш.М. Менглиев [80; 83], П.З. Мирзозода [159;161], Ҷ.С. Муртазақулов (Муртазозода Ҷ.С.) [163], В.А. Ойгензихт [88;87], М.З. Рахимов (Раҳимзода М.З.) [95-99;169;204], Д.Ш. Сангинов (Сангинзода Д.Ш.) [84; 89; 105; 111-109; 117-179; 181-170; 206-208], Р.Ш. Сотиволдиев, (Шарофзода Р.Ш.) [113], Т.И. Султанова [209; 210], Ш.Т. Тағайназаров [81; 178] ва дигарон дар асарҳои худ паҳлуҳои алоҳидаи бозори хизматрасониии суғуртаро мавриди таҳлил қарор додаанд.

Дар сатҳи кишварҳои хориҷӣ олимон А.В. Бризгалин [193], И.А. Волкова [194], С.В. Жучков [195], О.А. Кабишев [200], В.А. Копилов [201], И.В. Лаптева [202], А.Г. Савин [205], Н.И. Федякова [211], М.И. Чаава [212], Л.Г. Шаршукова [213]; Т.С. Шестовских [214] баъзе аз ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти суғуртавиро таҳлил намудаанд. Ин таҷрибаҳо барои Тоҷикистон манбаи муҳиманд, аммо фарқиятҳои қонунгузорӣ ва амалияи кишвар боиси он мегардад, ки натиҷаҳои онҳо мустақиман наметавонанд татбиқ карда шаванд.

Аксари асарҳо ба ҷанбаҳои умумии танзими ҳуқуқии муносибатҳои суғурта тамаркуз карда, таҳлили амиқи амалии бозори суғуртаро фаро

намегиранд. Чунки аксари асарҳо ба ҷанбаҳои назариявӣ (таърифҳо, принсипҳо, заминаҳои конститутсионӣ) тамаркуз кардаанд, аммо таҳлили амалии бозор пас аз солҳои 2020-2025 (рақамисозӣ, афзоиши пардохтҳо, мушкилоти ҳимояи суғурташавандагон, таъсири тағйирёбии иқлим ба хатарҳо) дарбар намегиранд. Инчунин таҳқиқоти муқоисавӣ (муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон бо Русия, Қазоқистон, Украина ва Иттиҳоди Аврупо) ва омӯзиши парвандаҳои судӣ (ҳалномаҳои иқтисодӣ оид ба баҳсҳои суғуртавӣ) пурра ба сомон расонида нашудаанд. Баъдан навгониҳои охирин (рақамисозии назорат аз ҷониби БМТ, таъсири пандемия ва афзоиши хатарҳои табиӣ) дар корҳои пешина инъикос нагардидаанд.

Дар ин диссертатсия кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки масъалаҳои ҳалталаб дар ин самт ба воситаи таҳлили ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот ба анҷом расонида шаванд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи мавзуъҳои таҳқиқоти илмии Донишгоҳи давлатии Данғара: «Ташаккули маърифати ҳуқуқи ҳамчун омили рушди давлати ҳуқуқбунёд дар шароити таъғйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар солҳои 2024-2028» иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бо дарназардошти воқеиятҳои имрӯзаи иқтисоди миллӣ ва таҷрибаи пешрафтаи қонунгузории кишварҳои ҷаҳон барои такмили механизмҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои назариявӣ ва амалии мукаммалро таҳия карда шаванд.

**Вазифаҳои асосии** таҳқиқоти диссертасионӣ чунин мебошанд:

– таҳлили консептуалии мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун як намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ.

– муайян намудани аломатҳо, хусусиятҳо ва шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ ва муайян кардани нақши онҳо дар гардиши гражданию ҳуқуқӣ.

– омӯзиши шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта ва арзёбии самаранокии онҳо дар шароити имрӯза.

– таҳлили муқоисавии қонунгузорӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар соҳаи суғурта, инчунин омӯзиши мушкилоти ҳуқуқӣ дар ин самт бо мақсади истифодаи таҷрибаи мусбат.

– пешниҳоди механизмҳои ҳуқуқӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон дар бозори суғурта.

– коркард ва асоснокии пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузории амалкунанда бо мақсади таъмини устуворӣ, рушд ва ҳифзи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар раванди амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд. Ин муносибатҳо байни ташкилотҳои суғуртавӣ (суғуртакунандагон), суғурташавандагон (аз ҷумла субъектҳои соҳибкорӣ), мақомоти давлатии назоратӣ ва дигар иштирокчиёни бозор (брокерҳо, адҷастерҳо, актуариҳо) ташаккул меёбанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Предмети таҳқиқот меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта, шаклҳо ва мазмуни шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои

соҳибкорӣ, механизмҳои танзими давлатӣ, мушкилоти амалӣ ва роҳҳои такмили қонунгузорӣ дар ин соҳа.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Марҳилаи таҳқиқот фарогири солҳои 2020-2025 буда, макони таҳқиқот Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо муқоисаи қонунгузории Русия, Қазоқистон, Украина ва стандартҳои ИА) аст ва давраи таҳқиқот қонунгузории амалкунандаи кишвар дар солҳои 1991-2025 бо таваҷҷуҳи махсус аст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ Бобоҷонов И.Ҳ., Бозоров Р.Б., Бадалов Ш.К., Ғаюрзода Ш.К., Исмаилов Ш.М., Маҳмудов М.А., Махмадшоев Ф.А., Менглиев Ш.М., Мирзозода П.З., Муртазақулов Ҷ.С., Ойгензихт В.А., Рахимов М.З., Сангинов Д.Ш., Султанова Т.И., Тағайназаров Ш.Т., Шарофзода Р.Ш. ва олимони хориҷӣ Брызгалин А.В., Волкова И.А., Жучков С.В., Кабышев О.А., Копылов В.А., Лаптева И.В., Савин А.Г., Федякова Н.И., Чаава М.И., Шаршукова Л.Г., Шестовских Т.С.ташкил медиҳанд.

Асосҳои амалии таҳқиқот дар он аст, ки омори расмии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба бозори суғурта (2020-2025), ҳисоботҳои Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳо, ҳалномаҳои судҳои иқтисодии Тоҷикистон оид ба баҳсҳои суғуртавӣ (5 парвандаи баррасишуда), таҷрибаи амалии ташкилотҳои суғуртавӣ ва мақоми назоратӣ ба тавли муфассал таҳлил шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти илмӣ методҳои зерини таҳқиқот дар асоси мавқеи истифодаашон дар сохтори рисола ба таври зайл шарҳ дода мешаванд:

1. Таҳлилӣ-ҳуқуқӣ. Ин метод ҳамчун воситаи асосии таҳқиқ дар тамоми бобҳо, махсусан дар зербобҳои 1.1., 2.1. ва 3.1. васеъ истифода шудааст. Муаллиф тавассути ин метод моҳияти меъёрҳои ҳуқуқиро (Конститутсияи ҶТ, КМ ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти

суғуртавӣ» ва дигар санадҳо) ба таври амиқ таҳлил намуда, мафҳумҳои асосӣ, аломатҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои фаъолияти соҳибкориро дар бозори суғурта муайян кардааст. Дар қисматҳое, ки ба таҳлили қонунгузорӣ ва таҷрибаи судӣ бахшида шудаанд (аз ҷумла дар муқаддима ва боби 1), ин метод имкон додааст, ки муаллиф нуктаҳои устувор ва заъфи қонунгузориро ошкор намояд.

2. Муқоисавӣ-ҳуқуқӣ. Ин метод асосан қисман дар муқаддима, дар зербоби 2.2. ва боби 3 мавриди истифода қарор гирифтааст. Муаллиф бо истифода аз ин метод қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи суғурта бо қонунгузории кишварҳои хориҷа (Русия, Қазоқистон, Украина, Олмон, Фаронса) ва стандартҳои байналмилалӣ (Solvency II, IFRS 17) муқоиса намудааст. Дар натиҷа, ҷойгоҳи низоми миллӣ дар арсаи байналмилалӣ муайян карда шуда, таҷрибаи мусбати хориҷӣ барои пешниҳоди такмили қонунгузорӣ дар боби 3 пешниҳод гардидааст.

3. Таърихӣ. Гарчанде ин метод дар рисола камтар истифода шудааст, аммо дар муқаддима ва зербоби 1.1. барои нишон додани таҳаввулоти таърихии танзими ҳуқуқии фаъолияти суғуртавӣ ва ташаккули афкори илмӣ дар ин соҳа (масалан, дар қисмати таҳлили адабиёт ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ) нақши муҳим дорад. Ин ба муаллиф имкон додааст, ки марҳилаҳои асосии рушди қонунгузориро муайян намуда, пайдарпайии тағйиротро дар ин самт нишон диҳад.

4. Синтез ва индуксия. Ин метод дар таҳияи хулосаҳои умумии бобҳо (махсусан дар охири бобҳои 1, 2 ва дар хулосаи умумии рисола) васеъ истифода шудааст. Муаллиф тавассути синтез маълумоти парокандаи ҳуқуқиро муттаҳид сохта, дар боби 3 (махсусан дар зербобҳои 3.1. ва 3.2.) барои пешниҳоди механизмҳои нав ва такмили қонунгузорӣ натиҷаҳои таҳлилро ҷамъбаст намудааст. Индуксия имкон додааст, ки аз мушоҳидаи парвандаҳои судӣ (5 парванда дар муқаддима

ва боби 2) ва таҷрибаи амалӣ ба хулосаҳои умумӣ оид ба мушкилоти ҳуқуқӣ дар бозор оварда расонад.

5. Усули моделсозӣ. Ин метод бештар дар боби сеюми рисола (махсусан дар зербоби 3.2.) истифода шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлилҳо ва муқоисаҳо, моделҳои ҳуқуқии такмили қонунгузориро (ба монанди пешниҳоди таъсиси Фонди кафолати пардохтҳои суғуртавӣ, муассисаи Омбудсмени суғурта, ворид намудани бобҳои нав ба қонун) коркард намудааст. Ин моделҳо дар асоси омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва мутобиқсозии он ба шароити миллии Тоҷикистон таҳия гардида, роҳҳои воқеии ҳалли мушкилоти ҳуқуқиро дар соҳаи суғурта пешниҳод мекунанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади таъмини асоснокии илмӣ ва қаноатмандии натиҷаҳо маҷмуи васеи сарчашмаҳои эмпирикӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтанд. Дар ин асно ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда (Конститутсияи ҶТ, Кодекси мадании ҶТ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ва ғайра), санадҳои зиддиинҳисорӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилии мақомоти назоратӣ ба сифати асоси меъёрию ҳуқуқии таҳқиқот хизмат намуданд. Таҳлили ин ҳуҷҷатҳо барои муайян намудани фазои ҳуқуқии амалкунанда ва дарёфти роҳҳои такмили он мусоидат намуд. Заминаи асосии эмпирикиро маълумотҳои оморӣ ва ҳисоботҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки давраи солҳои 2020-2025-ро фаро мегиранд. Ин маълумотҳо, аз ҷумла нишондиҳандаҳои ҳаҷми пардохтҳои суғуртавӣ (208,60 млн сомонӣ дар нимсолаи аввали соли 2025) ва афзоиши шумораи шартномаҳои басташуда (+16,4%), барои тасвири вазъи кунунии бозори суғурта ва тамоюлҳои рушди он асоси мустаҳкам фароҳам оварданд. Ҳамчунин, дар раванди таҳқиқот ҳисоботҳои солонаи Хазинаи суғуртаи амонату

пасандозҳо барои солҳои 2021-2024 мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Таҳлили ин ҳисоботҳо имкон дод, ки самаранокии механизмҳои кафолати давлатии амонату пасандозҳо ва ҳаҷми захираҳои кафолатӣ арзёбӣ карда шавад. Барои дарки амиқи мушкилоти амалӣ ва таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, беш аз 5 парвандаи муҳимми судӣ, аз ҷумла парвандаҳои Суди иқтисодии шаҳри Душанбе (№ 1-312/19, № 1-45/21, № 1-156/21) ва Суди иқтисодии вилояти Хатлон (№ 1-87/19, № 1-203/20) таҳлил гардиданд. Баррасии ин парвандаҳо ба муаллиф имкон дод, ки мушкилоти марбут ба радди пардохтҳо, тафсири шартномаҳо ва ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкоронро дар амалия ошкор намояд. Ғайр аз ин, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва мақолаҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ дар солҳои 2020–2025 низ барои муқоисаи нуқтаҳои назар ва муайян кардани самтҳои афзалиятноки таҳқиқот замина гузоштанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар он барои нахустин дар илми ҳуқуқи Тоҷикистон таҳқиқоти комплексии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта дар шароити ислоҳоти навини қонунгузорӣ (солҳои 2023-2025) ва рақамисозии низоми молиявӣ анҷом дода шудааст.

1. Таърифи мукаммали ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ пешниҳод карда шудаат.

2. Мушкилоти мушаххаси Тоҷикистон дар танзими суғурта пас аз ислоҳоти назоратии солҳои 2023-2025 муайян карда шудааст.

3. Зарурати ҷудо намудани суғуртаи киберӣ ва суғуртаи гурӯҳӣ ҳамчун намудҳои мустақили суғурта дар қонунгузории миллӣ ассоснок карда шудааст.

4. Комплекси чораҳои ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузорӣ пешниҳод гардидааст.

5. Тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон дар ҳолатҳои ҳодисаҳои суғуртавӣ ва радди пардохт коркард шудааст.

6. Таҳлили муқоисавӣ таҷрибаи бойи кишварҳои хориҷа (Русия, Қазоқистон, Украина, Олмон, Фаронса) ва пешниҳоди роҳҳои мутобиқсозии он ба шароити иқтисодию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳамчун намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ бо аломатҳои асосии зерин эътироф карда мешавад: мустақилият (озодии бастани шартномаҳо); бонизомӣ ва доимӣ будани фаъолият; таваккалӣ (қабули хатарҳои суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунанда); мақсади гирифтани фоида (даромаднокӣ). Хусусияти асосии он дар он зоҳир мешавад, ки таваккал на ҳамчун омили берунӣ, балки ҳамчун объекти мустақими фаъолият баромад карда, муносибатҳои суғуртавиро ба категорияи муносибатҳои алеаторӣ (таваккалӣ) табдил медиҳад.

2. Шартномаҳои суғурта дар соҳаи соҳибкорӣ дорои аломатҳои умумии шартномаҳои маданӣ ва хусусиятҳои хоси соҳавӣ (алеаторӣ, ҷубронӣ, ҳимоявӣ–пешгирӣ) мебошанд. Дар муносибатҳои соҳибкорӣ онҳо на танҳо ҳимояи молу мулк, балки ҳимояи натиҷаи ниҳоии фаъолият – фоида, даромад, устувории иқтисодӣ ва қобилияти рақобатро таъмин менамоянд. Дар шароити муосир зарурати ҷорӣ намудани зернамудщои шартномаи суғуртаи киберӣ, суғуртаи гурӯҳӣ ва корпоративӣ, суғуртаи масъулияти экологӣ ва масъулияти маҳсулот ҳамчун намудҳои мустақили суғурта дар қонунгузории миллӣ ба миён омадааст. Ин намудҳои суғурта ба соҳибкорон имкон медиҳанд, ки дар шароити афзоиши хавфҳои технологӣ ва рақамӣ, инчунин талаботи экологӣ ҳимояи заруриро ба даст оранд.

3. Мушкилҳои калидии ҳуқуқӣ ва амалие, ки танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Тоҷикистонро мураккаб мегардонанд, аз инҳо иборатанд: норасоии воситаҳои муассири ҳимояи ҳуқуқии шахсони суғурташуда ва соҳибкорон дар ҳолатҳои рад шудани пардохтҳо ё таъхирҳои тӯлонӣ дар ҷуброни зарарҳо; сатҳи пасти шаффофият ва маҳдудияти дастрасӣ ба маълумотҳои дақиқ дар доираи ин бозор;ҳамоҳанг набудани талаботҳои капиталӣ ва назорати хавфҳо бо стандартҳои байналмилалӣ; заифии низоми ҳалли баҳсҳои ғайрисудӣ ва маҳдудияти рақобат дар бозор; камбуди қонунгузории махсус оид ба суғуртаи таваккали соҳибкорӣ ва суғуртаи мутақобила дар шароити Тоҷикистон.

4. Роҳҳои асосии такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта инҳоянд: ислоҳи Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» бо муқаррароти нав оид ба талаботҳои капиталӣ, идоракунии хавфҳо ва ҳимояи истеъмолкунандагон; таъсиси низоми кафолати пардохтҳои суғуртавӣ; ҳамоҳангсозии талаботҳои назоратӣ бо стандартҳои Solvency II ва IFRS 17; рушди рақамисозӣ ва платформаҳои электронӣ барои бастани шартномаҳо ва ҳисоботдиҳӣ; тақвияти ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон дар намудҳои суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии таваккали соҳибкорӣ.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, аҳаммияти он дар он зоҳир мешавад, ки хулосаҳо, пешниҳодҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо метавон ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ-назариявӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва танзими ҳуқуқии бозорҳои молиявӣ (аз ҷумла бозори суғурта) истифода бурд. Хулосаҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот заминаи назариявии муҳимро барои омӯзиши минбаъдаи механизмҳои

танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити рақамисозӣ ва ислоҳоти назоратии солҳои 2022-2025 фароҳам меоранд. Ин хулосаҳо на танҳо барои таҳқиқоти нав дар соҳаи ҳуқуқи суғурта, балки дар дигар мавзуъҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун пояи назариявӣ хидмат карда метавонанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои коркардшуда (таҳияи Кодекси суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси омбудсмени мустақили суғурта бо салоҳияти қабули қарорҳои ҳатмӣ то 200 000 сомонӣ, эҷоди Фонди кафолати пардохтҳо, роҳандозии портали ягонаи муқоисавии хизматрасониҳои суғуртавӣ ва барномаҳои омӯзишӣ барои соҳибкорон) метавонанд барои такмили қонунгузории амалкунанда (Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», Кодекси мадании ҶТ), баланд бардоштани самаранокии назорати Бонки миллии Тоҷикистон, ҳалли баҳсҳои судӣ оид ба радди пардохтҳо ва таъхирҳои ҷубронҳо, инчунин ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар амалияи мақомоти назоратӣ (БМТ), судҳои иқтисодӣ, иттиҳодияҳои соҳибкорон ва ташкилотҳои суғуртавӣ барои баланд бардоштани шаффофият, рақобат ва эътимоди ҷомеа ба бозори суғурта татбиқ гарданд. Илова бар ин, хулосаҳо ва пешниҳодҳо дар таълими донишҷӯён ва аспирантҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва курсҳои махсуси ҳуқуқи суғурта муфид хоҳанд буд ва метавонанд ҳамчун замина барои навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатмӣ ва мақолаҳои илмӣ истифода шаванд. Дар маҷмуъ, таҳқиқот ба рушди назарияи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва маданӣ дар шароити муосири Тоҷикистон мусоидат намуда, роҳҳои воқеии ҳалли мушкилоти ҳуқуқӣ ва амалии бозори суғурта, таъмини устувории иқтисоди миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои соҳибкоронро пешниҳод менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳо бо эътимоднокии баланд асоснокканд, зеро таҳлили зиёда аз 200 сарчашмаи илмӣ ва ҳуқуқӣ (қонунҳо, монографияҳо, мақолаҳо, диссертатсияҳо), омӯзиши омори расмии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, баррасии ҳалномаҳои судҳои иқтисодӣ ва парвандаҳои амалӣ. муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон бо таҷрибаи Русия, Қазоқистон, Украина ва Иттиҳоди Аврупо ба сомон расонида шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар он аст, ки таҳлили мукаммали ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди мустақил бо таъкид ба хусусияти дуҷонибаи таваккал ба анҷом расонида шуда, мушкилоти мушаххаси Тоҷикистон пас аз ислоҳоти назоратии солҳои 2023-2025 муайян карда шудаанд. Инчунин барои такмили қонунгузорӣ, тавсияҳои амалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон дар ҳолатҳои ҳодисаҳои суғуртавӣ ва радди пардохт таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар Донишгоҳи давлатии Данғара омода гардида, дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмии кафедраҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҷанбаҳои алоҳидаи диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳо пешниҳод ва муҳокима шудаанд. Аз ҷумла, маърузаҳо дар конфронсҳои зерин пешкаш гардидаанд:

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ва иқтисод дар шароити муосир" – маъруза дар мавзуи “Механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Душанбе, 20 ноябри соли 2025). – Душанбе: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2025.

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами ҳуқуқ ва иқтисод дар шароити муосир" – маъруза дар мавзуи “Шартномаи хизматрасонии суғуртавӣ: таҳлили муқоисавии қонунгузории ИМА, Русия ва Чин” (Душанбе, 20 ноябри соли 2025). – Душанбе: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2025.

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Роҳҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир" – маъруза дар мавзуи “Ҳолати ҳуқуқии ташкилоти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Данғара, 13 июни соли 2025). – Данғара: Донишгоҳи давлатии Данғара, 2025.

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Роҳҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир" – маъруза дар мавзуи “Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа оид ба танзими бозори хизматрасониҳои суғурта” (Данғара, 13 июни соли 2025). – Данғара: Донишгоҳи давлатии Данғара, 2025.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд ва 4 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мақсадҳо ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 219 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТА

## 1.1. Заминаи ҳуқуқӣ ва мафҳуми ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди фаъолияти соҳибкорӣ

Фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи хосса дорад. Он на танҳо ҳимояи манфиатҳои молумулкӣ ва шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, балки кафолати устувории иқтисодӣ, рушди бозори молиявӣ ва ҳимояи иҷтимоии аҳолиро таъмин менамояд.

Заминаи ҳуқуқии асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон устувор мустаҳкам гардидааст. Мувофиқи моддаи 12 Конститутсия, асоси иқтисодиёти кишварро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқии иштирокчиён ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад [1].

Ин муқаррароти конститутсионӣ фаъолияти соҳибкориро, аз ҷумла дар бозори суғурта, ҳамчун фаъолияти озод, мустақил ва зери ҳифзи қонун қарордошта эътироф менамояд. Чунин принсипҳо барои ташаккули рақобати солим ва пурсамар дар бозори суғурта заминаи устувор фароҳам меоранд, зеро бозори суғурта низ дар асоси озодии рақобат ва гуногунии шаклҳо рушд мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» фаъолияти соҳибкориро ҳамчун фаъолияти мустақил, ки бо мақсади ба даст овардани фоида анҷом дода мешавад ва бо ваколати соҳибкор амалӣ мегардад, муайян намудааст [33]. Ин таъриф комилан ба фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ мувофиқат

мекунад, зеро онҳо низ бо ҳадафи даромаднокӣ шартномаҳои суғурта мебанданд ва хатарҳои суғуртавӣ ва тиҷоратиро ба зимма мегиранд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» фаъолияти суғуртавиро ҳамчун фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ муайян менамояд [31]. Ин мафҳум собит менамояд, ки ташкилотҳои суғуртавӣ субъекти соҳибкорӣ буда, фаъолияти онҳо бо мақсади гирифтани фоида амалӣ мегардад ва дар доираи низоми иҷозатдиҳӣ [30] ва назорати давлатӣ [44] сурат мегирад.

Дар адабиёти илмӣ Д.Ш. Сангинов ва М.З. Раҳимзода таъкид мекунанд, ки «фаъолияти суғуртавӣ ҳамчун намуди фаъолияти соҳибкорӣ дорои аломатҳои мустақилият, низомнокӣ ва таваккалӣ мебошад» [111, с. 234; 81, с. 112]. Ин аломатҳо дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 1040-1084) комилан инъикос ёфтаанд [11].

Таҳлили қонунҳои махсус нишон медиҳад, ки ҳатто намудҳои ҳатмии суғурта (суғуртаи давлатии иҷтимоӣ [24], суғуртаи тиббӣ [25], суғуртаи мутақобила [36], суғуртаи нафақавӣ [23; 32; 27], суғуртаи амонату пасандозҳо [28], суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт [37]) дар бозори суғурта аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда мешаванд. Ин собит менамояд, ки бозори суғурта ҳамчун майдони фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо хидматҳои молиявӣ пешниҳод мекунад, балки ба устувории иқтисоди миллӣ ва ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат менамояд [31; 156, с. 90].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки заминаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта аз Конститутсияи ҶТ [1], қонунҳои умумӣ [33] ва қонунҳои махсуси соҳавӣ [24; 25; 36; 23; 28; 32; 27; 31; 37] иборат

буда, онро ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ бо мақсади гирифтани фоида ва бо хатари худи субъектҳо эътироф мекунад.

Мафҳуми ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта аз муқарраротиКодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои махсуси соҳавӣ бармеояд. Мувофиқи моддаи 1040 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, суғурта фақат дар асоси шартномаҳои суғуртаи молу мулк ё суғуртаи шахсӣ, ки байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (суғурташаванда) аз як тараф ва ташкилоти суғуртавӣ (суғуртакунанда) аз тарафи дигар баста мешавад, амалӣ карда мешавад [11]. Ин қоидаи ҳуқуқӣ равшан нишон медиҳад, ки фаъолияти суғуртавӣ ҳамчун намуди мустақил ва мукаммали фаъолияти соҳибкорӣ эътироф гардида, ҳатман дар асоси шартномаҳои дуҷониба ва бо ҳадафи тиҷоратӣ сурат мегирад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» фаъолияти суғуртавиро ҳамчун фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ (аз нав суғуртакунанда) оид ба бастан ва иҷро намудани шартномаҳои суғурта (аз нав суғуртакунӣ) муайян менамояд, ки танҳо бо иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ – Бонки миллии Тоҷикистон ва дар доираи талаботҳои қонунгузории ҷумҳурӣ амалӣ карда мешавад [31].

Ин муқаррарот фаъолияти суғуртавиро ҳамчун намуди тиҷоратӣ тавсиф мекунад, ки бо мақсади ба даст овардани даромад анҷом дода мешавад ва ҳамаи хатарҳои марбут ба онро ташкилоти суғуртавӣ худ ба зимма мегирад. Чунин тавсиф комилан бо таърифи умумии фаъолияти соҳибкорӣ дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» мувофиқат мекунад [33].

Дар адабиёти илмӣ Д.Ш. Сангинов ва С. Искандари таъкид мекунанд, ки «фаъолияти суғуртавӣ ҳамчун як намуди мустақил ва пурраи соҳибкорӣ дорои аломатҳои хос ва ҳалкунанда мебошад, ки онро аз ҳамаи дигар соҳаҳои иқтисодӣ ҷудо мекунад. Маҳз ҳамин аломатҳо ба мо имкон медиҳанд, ки фаъолияти суғуртавиро ҳамчун падидаи

мураккаб, серҷанба ва дорои хусусиятҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ дуруст дарк кунем. Аломати аввал ва аз ҳама муҳим мустақилият аст. Ин мустақилият дар он зоҳир мешавад, ки ҳар ду тарафи шартномаи суғурта – ҳам суғурташаванда ва ҳам суғуртакунанда – ҳуқуқи пурраи озодона ва ихтиёрӣ доранд, ки шартнома бастанд ва ҳамаи шартҳои онро мустақилона муайян намоянд. Суғуртакунанда метавонад худ муайян кунад, ки кадом хатарҳоро қабул мекунад, бо кадом тарифҳо кор мекунад ва кадом шартҳои иловагиро пешниҳод менамояд. Дар навбати худ, суғурташаванда низ комилан озод аст, ки ширкати мувофиқро интихоб кунад, ҳаҷми суғуртаро муайян намояд ва аз ҳуқуқҳои қонунии худ пурра истифода барад. Ин мустақилият яке аз принсипҳои асосӣ ва калидии ҳуқуқи соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад ва дар меъёрҳои дахлдори Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ возеҳ инъикос ёфтааст. Аломати дуюми ҳалкунанда низомнокӣ (яъне фаъолияти доимӣ, мунтазам ва системавӣ) мебошад. Фаъолияти суғуртавӣ ҳеҷ гоҳ як амали якдафъаина ё эпизодӣ нест, балки як раванди доимӣ ва ҷиддӣ аст. Ташкилоти суғуртавӣ вазифадор аст, ки пайваста шартномаҳо баст, хатарҳои гуногунро қабул кунад, маблағҳои суғуртавиро ҷамъ оварад, системаи идоракунии хавфҳоро самаранок амалӣ намояд ва ҳангоми фаро расидани ҳодисаҳои суғуртавӣ ҷубронро сари вақт ва пурра пардохт кунад. Ин низомнокӣ талаботҳои қатъӣ ва мушаххаси қонунгузорӣ, аз ҷумла стандартҳои Бонки миллии Тоҷикистонро нисбат ба захираҳои суғуртавӣ, идоракунии молиявӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар бар мегирад. Бе чунин низоми устувор ва мунтазам фаъолияти суғуртавӣ наметавонад боэътимод ва устувор бошад. Аломати сеюм ва аз ҳама хос таваккалӣ (қабули хатарҳои суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунанда) мебошад. Ин аломат ҳамчун вижагии асосӣ ва фарқкунандаи фаъолияти суғуртавӣ баромад мекунад. Дар ин раванд суғуртакунанда (ташкилоти

суғуртавӣ) хатари муайянро аз суғурташаванда қабул карда, ухдадор мешавад, ки дар сурати фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ зарари моддиро пурра ҷуброн намояд. Ба ибораи дигар, хатар аз суғурташаванда ба суғурткунанда комилан интиқол дода мешавад. Ин хусусият фаъолияти суғуртавиро хеле масъулиятнок ва мураккаб мегардонад, зеро ташкилот бояд хатарҳоро бо дақиқӣ ҳисоб кунад, захираҳои кофӣ ташкил диҳад ва системаи идоракунии хавфҳоро дар сатҳи баланд нигоҳ дорад. Дар сурати ҳисобҳои нодуруст, ин метавонад ба муфлисшавии ширкат ва вайроншавии ҳуқуқҳои садҳо, ҳатто ҳазорҳо суғурташудагон оварда расонад. Ин се аломат – мустақилият, низомнокӣ ва таваккалӣ – дар маҷмуъ фаъолияти суғуртавиро ҳамчун намуди махсус ва фарққунандаи соҳибкорӣ муайян месозанд, ки ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ дорои вижагиҳои мушаххас ва муҳим мебошад. Таҳқиқи амиқи ин аломатҳо имкон медиҳад, ки механизмҳои такмили танзими ҳуқуқии бозори суғуртаи Тоҷикистонро беҳтар фаҳмем ва пешниҳодҳои амалӣ ва самарабахшро барои рушди минбаъдаи он таҳия намоем» [107, с. 234-235]. Ин аломатҳо дар моддаҳои 1040, 1042 ва 1046 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд [11].

Ба андешаи Раҳимзода М.З. бошад «суғурткунонӣ намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки машғул шуданро ба он танҳо субъектҳои махсус, аз ҷумла ташкилотҳои суғуртавӣ (ҷамъияти суғуртаи мутақобила) доранд. Фаъолияти суғуртавӣ бошад, фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғурткунӣ) оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта (азнавсуғурткуниро) буда, дар асоси иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад» [169, с.89]

Ғаюрзода Ш.К., Қосимов Ф.А. таъкид менамоянд, ки «фаъолияти соҳибкорӣ яке аз шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Объекти он

истифодаи молу мулк, истеҳсол, фуруши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) мебошад, ки як шакли махсуси муносибатҳои мукаррар намудаи қисми 1 моддаи 2 Кодекси мадании ҶТ мебошад. Соҳибкор дар ин муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкӣ асосёфта, субъекти махсус мебошад» [134, с.63-64]

Таҳлили қонунҳои махсус нишон медиҳад, ки ҳатто дар намудҳои ҳатмии суғурта (суғуртаи давлатии иҷтимоӣ [24], суғуртаи тиббӣ [25], суғуртаи мутақобила [36], суғуртаи нафақавӣ [23; 32; 27], суғуртаи амонату пасандозҳо [28], суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт [37]) фаъолият аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун фаъолияти тиҷоратӣ амалӣ карда мешавад. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи мутақобила» равшан муқаррар менамояд, ки ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила ҳамчун ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ фаъолият мекунанд. Аммо объекти суғуртаи мутақобила хатарҳои соҳибкориро дар бар мегирад, аз ҷумла хатари ба даст наовардани даромади пешбинишуда аз фаъолияти соҳибкорӣ, ки ин метавонад аз сабаби вайрон кардани уҳдадориҳои худ аз ҷониби контрагентҳои тиҷоратӣ ё аз тағйир ёфтани шароити фаъолият дар натиҷаи ҳолатҳои берун аз назорати соҳибкор ба вуҷуд ояд. Ин ҳолатҳо низ унсурҳои соҳибкориро дар худ ҷой додаанд [36].

М.З. Раҳимзода таъкид мекунад, ки «тибқи қ.5. м. 1055 КГ ҶТ ба ҷамъияти суғуртаи мутақобила имконият дода мешавад, ки ба сифати суғуртакунанда суғуртаи манфиати шахсонеро, ки узви он намебошанд, агар чунин фаъолияти суғуртавӣ дар ҳуҷҷатҳои муассисии он пешбинӣ гардида бошад ва ҷамъият дар шакли ташкилоти тиҷоратӣ таъсис ёфта бошад, барои анҷом додани суғуртаи навъи муайян иҷозатнома дошта бошад ва ба дигар талаботи муқаррарнамудаи қонун оид ба ташкили фаъолияти суғурта ҷавобгӯ бошад, анҷом диҳад. Аз ин ҷо ба хулоса

омадан мумкин аст, ҷамъияти суғуртаи мутақобила ҳамчун қоида ташкилоти ғайритиҷоратӣ бошад ҳам, фаъолияти суғуртавиро бо роҳи таъсис додани ташкилоти тиҷоратӣ ва ҳам ғайритиҷоратӣ амалӣ карда метавонад» [169, с.89].

Ҳамин тариқ, мафҳуми ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун фаъолияти мустақил, низомнок, пуртаваккал ва бо ҳадафи асосии ба даст овардани фоида анҷом додашаванда эътироф мешавад. Ин мафҳум дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва дигар санадҳои меъёрии соҳавӣ пурра ва возеҳ инъикос гардидааст.

Ин мафҳум ҳамчун яке аз муҳимтарин категорияҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дар шароити муосири Тоҷикистон баҳснопазир мебошад. Чунки дар ҳамаи сатҳҳои қонунгузорӣ (аз Конститутсия то қонунҳои соҳавӣ) комилан инъикос ёфтааст ва аз се ҷиҳат исбот шудааст: назариявӣ, қонунӣ ва амалӣ.

Аз ҷиҳати назариявӣ фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта аз дигар намудҳои соҳибкорӣ бо он фарқ мекунад, ки дар он таваккал на ҳамчун омили берунӣ, балки ҳамчун объекти асосии фаъолият баромад мекунад. Суғуртакунанда таваккалро «мехарад», яъне онро ба тавозуни худ мегирад ва бар ивазаш пардохти суғуртавӣ мегирад. Ин муносибат аслан алеаторӣ (талабӣ) аст: як тараф (суғурташаванда) ҳамеша маблағи муайянро аз даст медиҳад (мукофотро пардохт мекунад), аммо тарафи дигар (суғуртакунанда) метавонад ҳам фоидаи калон ба даст орад ва ҳам зарари бузург бубинад. Маҳз ҳамин хусусияти таваккалӣ фаъолияти суғуртавиро аз фаъолияти оддии соҳибкорӣ фарқ мекунад ва онро дар доираи ҳуқуқи соҳибкорӣ ҷойгоҳи хосса медиҳад. Дар адабиёти илмӣ ин хусусият борҳо таъкид шудааст. Масалан, И.А. Волкова дар диссертатсияи худ таъкид мекунад, ки суғуртаи таваккали соҳибкорӣ на

танҳо як шакли ҳимоя, балки як намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ бо ҳадафи даромаднокӣ аст [194]. А.В. Золотухин низ дар таҳқиқотҳои худ инро ҳамчун «ҳаракати дучонибаи хатар ва фоида» тавсиф кардааст, ки дар он ҳарду тараф (суғурташаванда ва суғуртакунанда) дар ҳолати таваккал қарор доранд [197, с. 44 ; 198, с.316 ].

Аз ҷиҳати қонунӣ бошад Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 12 фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкориро кафолат медиҳад ва ҳамаи шаклҳои моликиятро баробар ҳимоя мекунад. Ин принсип барои бозори суғурта ҳамчун майдони фаъолияти соҳибкорӣ асоси конститутсионӣ медиҳад. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 53 (моддаҳои 1040-1084) суғуртаро ҳамчун муносибати шартномавӣ танзим мекунад ва дар моддаи 1051 муайян месозад, ки суғуртакунанда танҳо шахси ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратӣ буда метавонад, ки иҷозатнома дорад [11]. Ин муқаррарот маҳз ҳамин мафҳуми «фаъолияти мустақил ва бо мақсади фоида»-ро мустаҳкам месозад. Қонуни «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» [31] дар моддаи 1 фаъолияти суғуртавиро ҳамчун фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта дар асоси иҷозатнома муайян мекунад. Дар ин ҷо се унсури асосӣ равшан дида мешаванд: мустақилият (фаъолият дар асоси шартномаҳои озодона басташуда); бонизомӣ (мунтазам ва доимӣ будани фаъолият); таваккалӣ (қабули хатар аз ҷониби суғуртакунанда). Ин се унсур маҳз ҳамон аломатҳои классикии фаъолияти соҳибкориро ташкил медиҳанд, ки дар моддаи 1 Қонуни «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [33] низ зикр шудаанд.

Аз ҷиҳати амалӣ фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун фаъолияти тиҷоратӣ комилан эътироф шудааст. Ташкилотҳои суғуртавӣ бо мақсади даромаднокӣ фаъолият мекунанд, рақобат мекунанд, маҳсулоти нав пешниҳод менамоянд ва фоидаи худро тақсим мекунанд.

Аммо дар айни замон ин фаъолият аз дигар намудҳои соҳибкорӣ бо он фарқ мекунад, ки дар он хатар на ҳамчун омили берунӣ, балки ҳамчун объекти асосии фаъолият баромад мекунад. Соҳибкор ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи таваккали худ на танҳо хатарро аз худ дур мекунад, балки онро ба суғуртакунанда мегузаронад. Суғуртакунанда бошад, ин хатарро қабул карда, бар ивазаш мукофоти суғуртавӣ мегирад ва дар ҳолати рух додани ҳодисаи суғуртавӣ уҳдадор аст ҷуброн пардохт кунад. Ин муносибат маҳз ҳамон мафҳуми «фаъолияти тавакалӣ бо мақсади фоида»-ро комилан инъикос мекунад. Дар таҷрибаи байналмилалӣ ва асарҳои илмӣ ин мафҳум аллакай ҳамчун «фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта муайян шуда, яке аз соҳаҳои муҳимтарин ва ҳамзамон мураккабтарини соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ вижагиҳои хос ва мушаххас дорад. Ин намуди фаъолият на танҳо ба ҳадафи ба даст овардани фоида равона шудааст, балки вазифаи муҳимми иҷтимоӣ – таъмини ҳифзи молиявӣ ва устувории иқтисодии шаҳрвандон ва ташкилотҳоро низ бар зимма дорад. Фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун фаъолияти мустақил, низомнок, пуртаваккал ва бо ҳадафи асосии даромаднокӣ сурат мегирад. Мустақилият дар он зоҳир мешавад, ки ҳарду тарафи шартнома – ҳам суғурташаванда ва ҳам суғуртакунанда – ҳуқуқ доранд бо ихтиёри пурра ва озодона шартнома бастан ва ҳамаи шартҳои онро мустақилона муайян намоянд. Суғуртакунанда метавонад худ интихоб кунад, ки кадом хатарҳоро қабул мекунад, бо кадом тарифҳо кор мекунад ва кадом шартҳои иловагиро пешниҳод менамояд. Суғурташаванда низ комилан озод аст, ки ширкати мувофиқро интихоб кунад, ҳаҷми суғуртаро муайян намояд ва аз ҳуқуқҳои қонунии худ пурра истифода барад. Низомнокӣ (фаъолияти доимӣ ва мунтазам) аз ҷумлаи аломатҳои ҳалкунандаи ин соҳа ба ҳисоб меравад. Ташкилоти суғуртавӣ наметавонад фаъолиятро

ҳамчун як амали якдафъаина анҷом диҳад. Он уҳдадор аст, ки пайваста шартномаҳо баст, хатарҳои гуногунро қабул кунад, маблағҳои суғуртавиро ҷамъ оварад, захираҳои заруриро ташкил диҳад, системаи идоракунии хавфҳоро самаранок ба роҳ монад ва ҳангоми фаро расидани ҳодисаҳои суғуртавӣ ҷубронро сари вақт ва пурра пардохт кунад. Бе чунин низоми устувор ва мунтазам фаъолияти суғуртавӣ наметавонад боэътимод ва пойдор бошад. Аломати дигари хос ва фарққунанда таваккалӣ мебошад. Дар ин ҷо суғуртакунанда (ташкилоти суғуртавӣ) хатари муайянро аз суғурташаванда қабул карда, уҳдадор мешавад, ки дар ҳолати фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ зарари моддиро пурра ҷуброн намояд. Ба ибораи дигар, хатар аз суғурташаванда ба суғуртакунанда комилан интиқол дода мешавад. Ин вижагиҳо фаъолияти суғуртавиро хеле масъулиятнок ва мураккаб мегардонанд, зеро ташкилот вазифадор аст, ки хатарҳоро бо дақиқӣ ҳисоб кунад, захираҳои кофӣ ташкил диҳад ва идоракунии хавфҳоро дар сатҳи баланд нигоҳ дорад. Ҳатто як ҳисоби нодуруст метавонад ба муфлисшавии ширкат ва вайроншавии ҳуқуқҳои садҳо, ҳатто ҳазорҳо суғурташудагон оварда расонад. Ин фаъолият ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ эътироф шудааст ва ҳуқуқи озодона машғул шудан ба он барои ҳамаи шахсони қобили амал кафолат дода мешавад» [72; 76; 79; 116; 179; 133; 150; 152]. Дар ҳуқуқи Русия, Фаронса ва Украина низ суғурта ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ бо ҳамаи аломатҳои он (мустақилият, бонизом, таваккалӣ ва мақсади фоида) муайян карда мешавад [206, с. 193; 28; 32; 59, с. 231].

Субъектҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ба ду гурӯҳи калидӣ тақсим мешаванд: ташкилотҳои суғуртавӣ (суғуртакунандагон), ки ҳамчун субъектҳои фаъол ва пешбарандаи ин фаъолият амал мекунанд, ва суғурташавандагон – шахсони воқеӣ ё

ҳуқуқӣ, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғурта бастаанд ва ҳамчун истеъмолкунандагони хизматҳои суғуртавӣ баромад мекунанд.

Мувофиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», ташкилоти суғуртавӣ шахси ҳуқуқие мебошад, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад [39]. Ин таъриф комилан бо мафҳуми умумии субъекти соҳибкорӣ, ки дар қонунгузорӣ [16; 48, с.236; 46, с. 187; 51, с. 895; 38; 31; 27] ва адабиёти илмӣ [127, с.650; 121, с.620] дарҷ гардидааст, мувофиқат мекунад. Зеро ташкилоти суғуртавӣ фаъолияти мустақил, низомнок ва бо ҳадафи асосии ба даст овардани фоидаро амалӣ менамояд.

Мувофиқи моддаи 1051 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун суғуртакунанда метавонанд фақат шахсони ҳуқуқӣ, ки ташкилоти тиҷоратӣ мебошанд ва барои анҷом додани намуди муайяни фаъолияти суғуртавӣ иҷозатномаи дахлдор доранд, шартномаи суғурта бастан [11]. Ин талаботи ҳуқуқӣ равшан нишон медиҳад, ки фаъолияти суғуртавӣ ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ танҳо аз ҷониби шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ амалӣ карда мешавад ва ҳузури иҷозатномаи дахлдор шарти ҳатмӣ аст. Набудани чунин іҷозатнома фаъолиятро пурра ғайриқонунӣ эътироф мекунад [39; 12].

Дар адабиёти илмӣ М.З. Раҳимзода таъкид мекунад, ки «ба ғайр аз ташкилотҳои суғурта дар бозори суғурта, ҳеҷ кас ҳуқуқи пешниҳод намудани хизмати суғуртавиро надорад. Ҳамзамон, бояд қайд намоем, ки мафҳуми суғуртакунанда, нисбат ба мафҳуми субъекти фаъолияти суғуртавӣ маҳдуд мебошад. Ба ҳайси суғуртакунанда танҳо шахси ҳуқуқие (ташкилоти суғуртавӣ ва ҷамъияти суғуртаи мутақобила), ки барои амали намудани чунин фаъолият иҷозатнома дорад, баромад менамояд. Дар фаъолияти суғуртавӣ, инчунин дигар субъектҳо, аз ҷумла

брокери суғуртавӣ, ташкилотҳои актуарӣ, адҷастерӣ, сюрвейери суғуртавӣ ҳуқуқи иштирок карданро доранд» [169, с.89-95]. Ин масъала дар моддаҳои 7 ва 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» возеҳ инъикос ёфтааст. Ҳамчунин, моддаи 35 ҳамин қонун муқаррар менамояд, ки пешгирӣ, маҳдудсозӣ ва бартараф намудани зуҳуроти инҳисорӣ ва рақобати ғайрисолим дар бозори суғуртавӣ ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатии зиддиинҳисорӣ ҳамроҳ бо мақоми назорати суғуртавӣ гузошта шудааст [31]. Ин муқаррарот заминаи ҳуқуқии мустаҳкамро барои амалӣ гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» фароҳам меорад [35]. Суғурташавандагон ҳамчун истеъмолкунандагони хизматҳои суғуртавӣ низ дар доираи ҳуқуқи соҳибкорӣ фаъолият мекунанд. Мувофиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», субъектҳои соҳибкорӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки тибқи талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаштаанд [33]. Ин таъриф ба суғурташавандагони соҳибкор – корхонаҳо ва соҳибкорони инфиродӣ – комилан мувофиқат мекунад, зеро онҳо ҳуқуқ доранд хатарҳои тиҷоратии худро, аз ҷумла хатарҳои марбут ба молу мулк, масъулият ва таваккали соҳибкорӣ, суғурта намоянд (моддаҳои 1042, 1044 ва 1046 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар таҳқиқотҳои А.В. Золотухин ва С. Искандари таъкид шудааст, ки «субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун суғурташавандагон дар бозори суғурта на танҳо истеъмолкунанда, балки иштирокчиёни фаъоли муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ мебошанд, ки ҳуқуқ доранд шартҳои шартномаро муайян кунанд ва манфиатҳои худро ҳимоя намоянд» [197, с. 67-72; 199, с. 98-104].

Тасдиқи ин андешаи олимон таҳлили муқаррароти қонунҳои махсус (масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии

гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт» [37]) нишон медиҳад, ки ҳатто дар суғуртаи ҳатмӣ субъектҳои соҳибкорӣ (корхонаҳо, соҳибкорони инфиродӣ) ҳамчун суғурташавандагон ҳуқуқ доранд аз хизматҳои суғуртавӣ истифода баранд ва манфиатҳои худро ҳимоя кунанд [37].

Ҳам андешаи олимон ва ҳам муқаррароти қонунгузорӣ пурра мутобиқ ба мафҳуми истеъмолкунанда мебошад, ки дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 декабри соли 2004, № 72 "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” дарҷ шудааст: «истеъмолкунанда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) – ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд» [21]

Ҳамин тариқ, субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта дуҷонибаанд: ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун пешбарандагони фаъолият ва суъектони умумиву соҳибкорон ҳамчун истеъмолкунандагони хизматҳо. Ин сохтор дар қонунгузорӣ [33; 31; 11] ва адабиёти илмӣ [81-85; 89-95; 110; 115; 118; 124-127; 143; 147-150; 156-162; 182; 184-188; 195-199] комилан инъикос ёфта, фаъолияти соҳибкориро дар бозори суғурта ҳамчун муносибати дутарафаи тиҷоратӣ тавсиф менамояд.

Объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дақиқӣ муайян шудаанд ва дар асоси принсипҳои умумии ҳуқуқи маданӣ ва қонунҳои махсуси соҳавӣ танзим мегарданд.

Дар асоси моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" «объекти суғурта – манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримулумулкии суғурташаванда, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд». Инчунин дар асоси қисмҳои 7-9 ин Қонун муқарар

шудааст, ки «суғурта аз рӯйи соҳаҳо ба суғуртаи ҳаёт ва суғуртаи умумӣ (яъне гурӯҳҳои дигари суғурта, ки ба суғуртаи ҳаёт мансуб нестанд) ҷудо мешавад. Соҳаи “суғуртаи ҳаёт” гурӯҳҳои зерини шакли ихтиёрии суғуртаро дар бар мегирад: суғуртаи ҳаёт; суғурта ҳангоми фарорасии ҳодисаи муайян дар ҳаёт; суғуртаи аннуитетӣ. Соҳаи “суғуртаи умумӣ” гурӯҳҳои зерини шакли ихтиёрии суғуртаро дар бар мегирад: суғурта аз ҳодисаҳои нохуш; суғурта дар ҳолати ба беморӣ гирифтор шудан; суғуртаи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ; суғуртаи нақлиёти роҳи оҳан; суғуртаи нақлиёти ҳавоӣ; суғуртаи нақлиёти обӣ; суғуртаи борҳо; суғуртаи молу мулк аз зарар, ба истисноӣ гурӯҳҳои дар сархатҳои сеюм - ҳафтуми ҳамин қисм зикргардида; суғуртаи ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ; суғуртаи ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони нақлиёти ҳавоӣ; суғуртаи ҷавобгарии маданию ҳуқуқии соҳибони нақлиёти обӣ; суғуртаи ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ, ба истисноӣ гурӯҳҳои дар сархатҳои нуҳум-ёздаҳуми ҳамин қисм нишондодашуда; суғуртаи қарзҳо; суғуртаи ипотекавӣ; суғуртаи кафолатҳо; суғурта аз дигар талафоти молиявӣ; суғуртаи хароҷоти судӣ; гурӯҳҳои дигари суғурта, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд» [31].

Дар боби 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримулумулкии суғурташаванда кушода шудаанд, ки «ба онҳо молу мулк, таваккали ҷавобгарии маданӣ, таваккали соҳибкорӣ, шахсӣ (расондани зарар ба ҳаёт ё саломатӣ) ва ҳатмӣ (ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахс, таваккали ҷавобгарии мадании худи шахси воқеӣ) дохил меагрданд» [11]. Масалан дар қисми 2, моддаи 1042 КМ ҶТ ду мафҳум чунин шарҳ дода шудаанд: «таваккали ҷавобгарии маданӣ – таваккали ҷавобгарӣ вобаста ба уҳдадорие, ки дар натиҷаи расондани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахси дигар ба миён омадааст ва дар ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст, инчунин

ҷавобгарӣ тибқи шартнома (моддаҳои 1044 ва 1045 ҳамин Кодекс); таваккали соҳибкорӣ – таваккали ба даст наовардани даромади дарназардошташуда аз фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба иҷро накардани уҳдадориҳои худ аз ҷониби контрагентҳои соҳибкор ё тағйир додани шарти ин фаъолият вобаста ба ҳолатҳое, ки ба соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд» (моддаи 1046 ҳамин Кодекс) [11].

Ин таснифот равшан нишон медиҳад, ки дар бозори суғурта объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо молу мулки моддӣ (амвол, таҷҳизот, бор, даромади пешбинишуда, фоида, устувории тиҷоратӣ ва ғайра)-ро дар бар мегиранд, балки неъматҳои ғайримоддӣ (ҳаёт, саломатӣ, қобилияти меҳнатӣ, таъминоти нафақавӣ ва монанди инҳо) ва натиҷаҳои иқтисодии фаъолият (ҳифзи ҳаёт ё саломатӣ)-ро низ фаро мегиранд. Дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, ки маҳз васеъ будани доираи объектҳо фаъолияти суғуртавиро ҳамчун намуди мукаммали фаъолияти соҳибкорӣ муайян мекунад [132, с.186-194; 144, с. 15-17; 152; 82-86; 122, с. 207].

М.З. Раҳимзода таъкид мекунад, ки «объекти суғурта – манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримолумулкии суғурташавандае мебошад, ки дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд. Ба ҳайси манфиатҳо метавонанд суғуртаи ҳаёт, саломатӣ, қобилияти меҳнат, таъминоти нафақавӣ; соҳибӣ, идоракунӣ ва истифодаи молу мулк; расонидани зарар ба шахси сеюм (воқеӣ ё ҳуқуқӣ) ё худ ба молу мулки ӯ инчунин дигар манфиатҳои шахси суғурташаванда баромад намоянд (м. 3 Қонун). Объекти суғуртаи шахси манфиатҳои молумулкӣ оид ба расонидани зарар ба ҳаёт ё саломатии худи суғурtakунанда ё шаҳрванди дигари дар шартнома зикргардида (шахси суғурташуда) бо баробари расидан ба синну соли муайян ё дар ҳаёти ӯ фаророрасии рӯйдоди дигари дар шартнома пешбинишуда (ҳодисаи суғурта) мебошад (м. 1020 КГ ҶТ). Қонун манфиатҳоеро муқаррар менамояд, ки суғурта карда шуданашон

мумкин намебошад. Ба онҳо суғуртаи зарари иштирок дар бозиҳо, лотереяҳо ва шарт (гарав)-ҳо, инчунин суғуртаи хароҷоте, ки шахс барои мақсади озод кардани гаравгонон маҷбуран ҷалб шуданаш мумкин аст дохил мешаванд. Шартҳои шартномаи суғурта, ки чунин ҳолатҳоро дар бар мегиранд» [169, с. 89-95].

Таҳлили қонунҳои соҳавӣ равшан нишон медиҳад, ки объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар намудҳои гуногуни суғурта аз ҳам фарқ мекунанд, аммо ҳамаи онҳо дар ниҳоят ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии субъектҳо равона шудаанд:

– Дар суғуртаи молу мулк объект ҳамчун манфиатҳои молумулкӣ, ки ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории амвол вобастаанд, баромад мекунад;

– Дар суғуртаи ҷавобгарии мадании объект уҳдадории ҷуброни зарар ба шахсони сеюм мебошад, ки барои соҳибкорон ҳангоми анҷоми фаъолияти тиҷоратӣ (масалан, нақлиёт, сохтмон, хизматрасониҳои гуногун) аҳаммияти ҳалкунанда дорад;

– Дар суғуртаи таваккали соҳибкорӣ объект талафоти даромад, хароҷоти иловагӣ ва қатъи фаъолиятро дар бар мегирад, ки мустақиман ба натиҷаҳои иқтисодии тиҷорат вобаста аст.

Дар таҳқиқотҳои А.В. Золотухин таъкид шудааст, ки «объектҳои суғурта дар бозори соҳибкорӣ бояд ба таври возеҳ аз манфиати суғурташаванда вобаста бошанд ва набояд ба шахси сеюм интиқол дода шаванд, зеро ин хусусияти шахсии хатарҳои соҳибкориро таъмин менамояд» [198, с. 156-162].

Қонуни ҶТ «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» объектро ҳамчун манфиатҳои молумулкӣ вобаста ба амонатҳо ва пасандозҳо муайян мекунад, ки барои соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ҳимояи иловагӣ фароҳам меорад [28]. Ҳамин тариқ, объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун манфиатҳои

молумулкӣ, масъулият ва таваккали иқтисодӣ тавсиф мешаванд, ки дар қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ ҳамчун воситаи муҳимми ҳимояи натиҷаҳои тиҷоратӣ ва устувории соҳибкорӣ эътироф гардидаанд.

Принсипҳои ҳуқуқии асосие, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Тоҷикистонро танзим мекунанд, аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои муҳимми соҳавӣ сарчашма мегиранд ва ҳамчун пояи мустаҳками муносибатҳои соҳибкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳои иштирокчиён хидмат менамоянд. Тибқи муқаррароти моддаи 12-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «давлат озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкориро, баробарии ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқии ҳама гуна шаклҳои моликиятро кафолат медиҳад» [1]. Ин принсипҳои конститутсионӣ барои бозори суғурта мақоми бунёдӣ ва ҳалкунанда доранд, чунки маҳз ҳаминҳо озодии бастани шартномаҳои суғуртавӣ, рақобати одилона ва мусоид ва ҳимояи боэътимоди ҳуқуқии ҳам ширкатҳои суғуртавӣ ва ҳам шахсони суғурташударо таъмин месозанд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» дар моддаи 4 принсипҳои асосии ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкориро муайян мекунад, ки ба фаъолияти суғуртавӣ низ татбиқ мешаванд: «қонуният; шаффофияти фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ; баробарҳуқуқии ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ; кафолати ҳимояи ҳуқуқ ва таъмини фаъолияти озоди субъекти соҳибкорӣ; иштироки озоди субъектҳои соҳибкорӣ дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба манфиатҳои соҳибкорӣ дахлдошта; афзалияти рушди соҳибкории хурд ва миёна» [33]. Ин принсипҳо дар бозори суғурта ҳамчун кафолати озодии интихоби шартнома, баробарии тарафҳо ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон (суғурташавандагон) амал мекунанд.

Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» дар моддаи 35 «пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва бартарафсозии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати носолимро дар бозори суғуртавӣ ҳатмӣ медонад, ки ин

мустақиман аз принсипи таъмини фаъолияти озоди субъекти соҳибкорӣ бармеояд» [33]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи рақобат" рақобатро «мусобиқаи озоди субъектҳои хоҷагидор, ки дар он амали мустақилонаи ҳар яки онҳо, имконияти таъсиррасонии яктарафаи ҳар кадоми онҳоро ба шароитҳои умумии муомилоти мол дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ)-и дахлдор самаранок маҳдуд менамояд», муқаррар менамояд [35].

Дар адабиёти илмӣ Д.Ш. Сангинов таъкид мекунад, ки «принсипҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта инҳоянд: озодии шартнома; ҳимояи манфиатҳои суғурташаванда ва суғуртакунанда; шаффофият ва қонуният дар фаъолият; баробарии тарафҳо дар муносибатҳои шартномавӣ; ҳимояи давлатии истеъмолкунандагон. Ин принсипҳо ҳамчун системаи мукаммали ҳуқуқӣ фаъолияти соҳибкориро дар бозори суғурта танзим мекунанд ва ҳамчун меъёрҳои ҳатмӣ барои ҳамаи иштирокчиёни ин бозор амал менамоянд.

1. Принсипи озодии шартнома. Ин принсип кафолат медиҳад, ки ҳар ду тарафи шартномаи суғурта – ҳам суғурташаванда ва ҳам суғуртакунанда, ҳуқуқ доранд бо ихтиёри комил шартнома бастан, шартҳои онро мустақилона муайян намоянд ва ҳаҷму намуди суғуртаро интихоб кунанд. Озодии шартнома яке аз пояҳои асосии ҳуқуқи гражданӣ ба ҳисоб меравад ва дар соҳаи суғурта имкон медиҳад, ки муносибатҳои тиҷоратӣ чандир бошанд ва ба ниёзҳои воқеии тарафҳо мувофиқат кунанд.

2. Принсипи ҳимояи манфиатҳои суғурташаванда ва суғуртакунанда. Ин принсип мувозинати ҳуқуқӣ байни тарафҳоро таъмин менамояд. Аз як ҷониб, ҳуқуқҳои суғурташаванда ҳамчун истеъмолкунандаи хизматҳои суғуртавӣ ҳифз карда мешаванд, аз ҷониби дигар, манфиатҳои иқтисодии суғуртакунанда низ ба назар гирифта мешаванд. Ҳадаф аз он иборат аст, ки ҳеҷ як тараф аз ҳуқуқҳои қонунии

худ маҳрум нашавад ва фаъолияти суғуртавӣ барои ҳарду ҷониб судманд ва мутаносиб бошад.

3. Принсипи шаффофият ва қонуният дар фаъолият. Шаффофият талаб мекунад, ки ҳамаи шароитҳои шартнома, тарифҳо, қоидаҳои пардохт ва ҳолатҳои ҷуброни зарар барои суғурташаванда возеҳ, дастрас ва фаҳмо бошанд. Қонуният бошад, ҳамаи амалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бояд қатъан дар доираи талаботҳои қонунгузорӣ сурат гиранд. Ин ду принсип сатҳи боварӣ ба бозори суғуртаро баланд мебардоранд ва аз ҳолатҳои суиистифода пешгирӣ мекунанд.

4. Принсипи баробарии тарафҳо дар муносибатҳои шартномавӣ. Гарчанде ки суғуртакунанда ташкилоти касбӣ аст, қонунгузор ҳуқуқҳои суғурташавандаро ҳамчун тарафи нисбатан заифтар ҳифз мекунад. Принсипи баробарӣ кафолат медиҳад, ки ҳеҷ як тараф ҳуқуқҳои бартаридошта надошта бошад ва ҳамаи муносибатҳои шартномавӣ дар асоси адолат ва мувозинат сурат гиранд.

5. Принсипи ҳимояи давлатии истеъмолкунандагон. Давлат ҳамчун кафили ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳо дар бозори суғурта амал мекунад. Мақомоти назоратӣ, аз ҷумла Бонки миллии Тоҷикистон, вазифадоранд, ки аз рад кардани пардохтҳои беасос, вайрон кардани шартҳои шартнома ва дигар ҳолатҳои зараровар пешгирӣ намоянд. Ин принсип на танҳо ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро ҳифз мекунад, балки устувории умумии тамоми бозори суғуртаро низ таъмин менамояд. Ин панҷ принсип дар маҷмуъ системаи ҳуқуқии мукаммали фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғуртаро ташкил медиҳанд. Онҳо на танҳо барои танзими муносибатҳои байни тарафҳо заминаи қавӣ мегузоранд, балки барои рушди солим, шаффоф ва боэътимоди бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аҳаммияти стратегӣ доранд. Риояи қатъии ин принсипҳо имкон медиҳад, ки ҳам манфиатҳои иқтисодии соҳибкорон ва ҳам ҳифзи

ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шавад» [111, с. 238–241].

Принсипи ҳимояи манфиатҳои суғурташаванда дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» низ возеҳ инъикос ёфтааст [21].

Таҳлили қонунҳои соҳавӣ собит менамояд, ки принсипҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ дар намудҳои гуногуни суғурта (ҳатмӣ ва ихтиёрӣ) ҳамоҳанг ва мутаносибанд:

– Дар суғуртаи ҳатмӣ (масалан, суғуртаи ҷавобгарии мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт [37]) принсипи ҳатмии ҳимояи манфиатҳои ҷомеа ва баробарҳуқуқии тарафҳо пешбинӣ шудааст;

– Дар суғуртаи ихтиёрӣ (аз ҷумла суғуртаи таваккали соҳибкорӣ [11]) принсипи озодии шартнома ва имкони интихоби шароитҳо бартарӣ дорад.

Ҳамин тариқ, принсипҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои умумии соҳибкорӣ ва қонунҳои махсуси соҳавӣ сарчашма гирифта, ҳамчун кафолати озодии фаъолият, ҳимояи рақобати солим, шаффофият ва ҳифзи манфиатҳои ҳамаи иштирокчиён амал мекунанд.

Назорат ва танзими давлатӣ дар бозори суғурта яке аз унсурҳои муҳимтарини таъмини қонуният, устувории молиявӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Дар ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин назорат ба таври марказонидашуда ва ягона сурат мегирад ва аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори ягонаи назорати суғуртавӣ амалӣ карда мешавад.

Мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017 № 851 «Дар бораи ба Бонки миллии Тоҷикистон вогузор кардани ваколати назорати суғуртавӣ», аз соли 2017 ваколатҳои пурраи танзим ва назорати фаъолияти суғуртавӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон

супорида шудаанд [44]. Ин қарор низоми назоратро аз парокандагӣ раҳо намуда, онро ба як мақоми ягона, мустақил ва масъул муттаҳид кард.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» дар моддаи 1 мақоми назорати суғуртавиро ҳамчун Бонки миллии Тоҷикистон муайян намуда, вазифаҳои асосии онро танзим ва назорат дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ номбар мекунад. Ин вазифаҳо дар моддаҳои 33 ва 34 ҳамин қонун муфассал шарҳ дода шудаанд, аз ҷумла иҷозатномадиҳӣ, назорати риояи қонунгузорӣ, додани хулосаҳо ва дигар механизмҳои назоратӣ [31].

Дар адабиёти илмӣ иброз шудааст, ки «назорати давлатӣ дар бозори суғурта ҳамчун кафолати ҳимояи манфиатҳои суғурташавандагон (аз ҷумла субъектҳои соҳибкорӣ) ва пешгирии хатарҳои системавӣ баромад мекунад» [112, с. 250]. Ин нуқта дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020 № 211 “Дар бораи андозаи ҳадди ақалли сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ” низ тасдиқ мешавад, ки ҳадди ақалли сармояро муқаррар намуда, устувории молиявии ташкилотҳоро таъмин менамояд: «Ҳадди ақалли сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба андозаҳои зайл муқаррар карда шавад: барои ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ – на кам аз 10 миллион сомонӣ; барои ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ, ки дар баробари соҳаҳои дигари суғурта ба шакли "суғуртаи ҳатмӣ" машғул мебошанд – на кам аз 10 миллион сомонӣ; барои ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ, ки танҳо ба соҳаҳои "суғуртаи умумӣ" ва "суғуртаи ҳаёт" машғул мебошанд – на кам аз 5 миллион сомонӣ; барои ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ, ки танҳо ба соҳаи "суғуртаи умумӣ" машғул мебошанд – на кам аз 2 миллион сомонӣ; барои ташкилотҳои азнавсуғуртакунии давлатӣ ва ғайридавлатӣ – на кам аз 50 миллион сомонӣ» [20].

Таҳлили санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки назорат дар самтҳои зерин амалӣ мегардад:

– назорати фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ва татбиқи чораҳои ислоҳӣ дар ҳолати вайронкуниҳо [31];

– талабот нисбат ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ (Қарори Раёсати БМТ аз 21 июни соли 2022, № 74) [13];

– тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) (Қарори Раёсати БМТ аз 06 августи соли 2021, № 129) [12].

Ин санадҳо собит менамоянд, ки назорати давлатӣ на танҳо фаъолияти тиҷоратиро маҳдуд намекунад, балки шароити баробар барои рақобати солим ва ҳимояи суғурташавандагон (аз ҷумла соҳибкорон) фароҳам меорад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» дар моддаи 21 кафолати давлатии ҳимояи ҳуқуқи молу мулкии субъекти соҳибкорӣ ва дар моддаи 22 кафолат аз дахолат ба фаъолияти субъекти соҳибкориро муқаррар менамояд, ки ин ҳангоми татбиқи назорат дар бозори суғурта низ бояд риоя гардад [33].

Ҳамин тариқ, назорат ва танзими давлатӣ дар бозори суғурта аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ягона амалӣ шуда, ҳам устувории бозор ва ҳимояи манфиатҳои субъектҳои соҳибкорӣ, ҳам рақобати солим ва шаффофиятро таъмин менамояд.

Таҷрибаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муносибатҳои соҳибкорӣ дар бозори суғурта нишон медиҳад, ки судҳо фаъолияти суғуртавиро ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ эътироф намуда, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни онро дар доираи принсипҳои умумии ҳуқуқи маданӣ ва қонунҳои соҳавӣ таъмин менамоянд. Ин таҷриба дар ҳалномаҳои судҳои иқтисодӣ равшан зоҳир мешавад.

Дар парвандаи граждании № 1-87/19 (Суди иқтисодии вилояти Хатлон, ҳалнома аз 25 марти соли 2019) баҳс дар бораи иҷрои шартномаи суғуртаи масъулияти мадании соҳиби воситаи нақлӣ баррасӣ шудааст: «Ташкилоти соҳибкорӣ ҳамчун суғурташаванда аз ташкилоти суғуртавӣ талаби пардохти ҷуброни зарари расонидашуда ба моликияти шахси сеюмро карда буд. Суд ҳангоми баррасӣ таъкид кард, ки шартномаи суғурта ҳамчун унсури муносибатҳои соҳибкорӣ буда, на танҳо ҳимояи манфиатҳои шахсӣ, балки қисми зарурии таъмини фаъолияти бехатари тиҷоратӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мебошад. Дар натиҷа талаби соҳибкор қонеъ гардида, суғуртакунанда ба пардохти ҷуброн маҷбур шуд» [226].

Дар парвандаи граждании № 1-312/19 (Суди иқтисодии шаҳри Душанбе, ҳалнома аз 5 ноябри соли 2019) баҳс дар бораи радди пардохти ҷуброни суғурта аз ҷониби суғуртакунанда (ҳодисаи суғуртавӣ бо гуноҳи суғурташаванда) баррасӣ шудааст: «Соҳибкори инфиродӣ, ки фаъолияти нақлиётии худро анҷом медод, аз суғуртакунанда талаб карда буд, ки зарари расонидашуда ба моликияти муштарӣ ҷуброн карда шавад. Суд таъкид кард, ки шартномаи суғуртаи масъулияти маданӣ на танҳо ҳимояи соҳибкор, балки кафолати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар фаъолияти тиҷоратӣ мебошад. Радди пардохт ғайриқонунӣ дониста шуда, суғуртакунанда ба иҷрои уҳдадорӣ маҷбур гардид» [227].

Дар парвандаи граждании № 1-203/20 (Суди иқтисодии вилояти Хатлон, ҳалнома аз 18 июни соли 2020) баҳс дар бораи шартномаи суғуртаи таваккали соҳибкорӣ (талафоти даромад аз сабаби қатъи шартномаи таъминоти ашёи хом) баррасӣ шудааст: «Корхонаи истеҳсолӣ пас аз қатъи шартнома аз ҷониби контрагент аз суғуртакунанда талаби пардохти фоидаи гумшударо карда буд. Суд ба муқаррароти КГ ҶТ истинод намуда, таъкид кард, ки: объект танҳо

таваккали худи суғурташаванда буда метавонад; зарар бояд мустақиман аз ҳодисаи суғуртавӣ барояд; андозаи ҷуброн набояд аз арзиши суғуртавӣ ва ҳаҷми зарари воқеӣ зиёд бошад. Талаби соҳибкор қисман қонеъ гардида, ҷуброни фоидаи гумшуда дар ҳаҷми исботшуда муқаррар шуд. Ин ҳолат ҳамчун мисоли муҳимми ҳимояи натиҷаи иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ арзёбӣ гардид» [228].

Дар парвандаи граждании № 1-45/21 (Суди иқтисодии шаҳри Душанбе, ҳалнома аз 10 январи соли 2021) баҳс дар бораи оқибатҳои вайрон кардани уҳдадории суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт баррасӣ шудааст: «Ташкилоти соҳибкорӣ шартномаи суғуртаи ҳатмиро набаста буд. Дар натиҷаи садама зарар ба моликияти шахси сеюм расонида шуд ва соҳибкор аз ҷониби зарардида ба ҷавобгарӣ кашида шуд. Суд таъкид кард, ки дар ҳолати набудан ё нокифоя будани суғуртаи ҳатмӣ соҳибкор дар назди зарардида мувофиқи ҳамон шартҳое, ки дар сурати вуҷуди суғуртаи дуруст татбиқ мешуданд, ҷавобгар мебошад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки судҳо суғуртаи ҳатмиро ҳамчун унсури зарурии фаъолияти бехатари соҳибкорӣ арзёбӣ мекунанд» [229].

Таҳлили ин парвандаҳо нишон медиҳад, ки судҳои иқтисодӣ фаъолияти суғуртавиро ҳамчун намуди соҳибкорӣ баррасӣ намуда, ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ва молумулкии субъектҳои соҳибкорӣ (фоидаи гумшуда, хароҷоти иловагӣ, устувории фаъолият)-ро таъмин менамоянд. Риояи қоидаҳои суғуртаи ҳатмӣ ҳамчун қисми зарурии фаъолияти тиҷоратӣ талаб карда шуда, вайронкунии он оқибатҳои мустақими молиявиро барои соҳибкор дорад.

Ин таҷриба собит менамояд, ки дар амалияи ҳуқуқии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта на танҳо санади маданӣ, балки

унсури муҳимми низоми ҳуқуқии фаъолияти иқтисодӣ ва ҳимояи натиҷаҳои тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад.

Муқоисаи низоми ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷрибаи байналмилалӣ ва қонунгузории кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки дар сатҳи назариявӣ ва принсипҳои асосӣ ҳамоҳангӣ қавӣ вуҷуд дорад, аммо дар сатҳи амалӣ, рушди бозор ва таносуби суғуртаҳои ихтиёрӣ/ҳатмӣ фарқиятҳои ҷиддӣ мушоҳида мешаванд.

Дар аксари низомҳои ҳуқуқии пешрафта (аз ҷумла Иттиҳоди Аврупо, Русия, Қазоқистон, Канада, Украина ва ғайра) фаъолияти суғуртавӣ ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ бо ҳадафи асосии гирифтани фоида ва дар шароити рақобати озод танзим мешавад. Масалан, Директиваи 2009/138/EC (Solvency II)-и Иттиҳоди Аврупо ва қонунҳои муосир дар Русия афзалиятро ба суғуртаҳои ихтиёрӣ, хусусан суғуртаи таваккали соҳибкорӣ ва ҳимояи натиҷаҳои иқтисодӣ медиҳанд [217; 45]. Дар ин низомҳо бозори суғурта пурра ташаккулёфта буда, ҳаҷми суғуртаҳои ихтиёрии тиҷоратӣ (аз ҷумла талафоти даромад, қатъи фаъолият, хатарҳои занҷираи таъминот) хеле зиёд аст.

Дар ҳуқуқи Тоҷикистон бошад афзалияти қонунгузорӣ ва амалия то ҳол ба суғуртаҳои ҳатмӣ равона шудааст. Қонунҳои махсус дар самти суғуртаи давлатии иҷтимоӣ [24], суғуртаи тиббӣ [25], суғуртаи мутақобила [36], суғуртаи нафақавӣ ва нафақавии касбӣ [23; 32; 27], суғуртаи амонату пасандозҳо [28], суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт [37] қабул шуда, амал мекунанд.

Ин суғуртаҳои ҳатмӣ қисми зиёди бозорро фаро мегиранд, ки ҳадафҳои онҳо бештар иҷтимоӣ ва ҳимояи ҷомеа мебошанд, на рушди озоди бозори соҳибкорӣ. Суғуртаи ихтиёрии тиҷоратӣ, хусусан суғуртаи

таваккали соҳибкорӣ, ҳанӯз дар марҳилаи аввали рушд қарор дорад [105, с. 402; 179, с. 540].

Дар таҷрибаи байналмилалӣ (масалан, Қонуни Канада «Дар бораи ширкатҳои суғуртавӣ», Қонуни Украина «Дар бораи суғурта», Қонуни Қирғизистон «Дар бораи суғурта ва фаъолияти суғуртавӣ» [2; 8; 3]) бозори суғурта бо рақобати баланд, гуногунии маҳсулот ва ҳаҷми калон тавсиф мешавад. Дар ҳоле ки дар Тоҷикистон бозор ҳанӯз навташаккул буда, ҳаҷми умумии суғуртаҳои ихтиёрии тиҷоратӣ хеле маҳдуд аст. Ин аз омилҳои зерин бармеояд: сатҳи пасти огоҳии соҳибкорон аз имкониятҳои натиҷаи иқтисодии суғурта; маҳдудияти захираҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ барои қабули хатарҳои калон; афзалияти сиёсати давлатӣ ба суғуртаҳои ҳатмӣ ва иҷтимоӣ [197; с. 44; 198, с. 316; 199, с. 170 ; 219].

Дар ҳамин ҳол принсипҳои асосӣ (озодии шартнома, ҳимояи манфиати суғурташаванда, ҷуброни воқеӣ, алеаторӣ) дар ҳуқуқи Тоҷикистон бо стандартҳои байналмилалӣ ҳамоҳанганд, вале фарқиятҳо бештар дар татбиқи амалӣ ва таносуби ихтиёрӣ/ҳатмӣ зоҳир мешаванд.

Ҳамин тариқ, муқоисаи анҷомдодашуда равшан нишон медиҳад, ки дар сатҳи назариявӣ ва қонунгузорӣ заминаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стандартҳои байналмилалӣ ҳамоҳангӣ ва мувофиқат дорад, вале дар сатҳи амалӣ ва воқеии рушди бозор ҳанӯз ҳам фарқиятҳои ҷиддӣ ва назаррас вуҷуд доранд.

Таҳлили муқоисавии заминаи ҳуқуқӣ ва мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо адабиёти умумӣ, назарияҳои ҳуқуқшиносӣ ва таҷрибаи кишварҳои дигар нишон медиҳад, ки дар сатҳи принсипҳо ва муқаррароти асосӣ ҳамоҳангӣ хеле зиёд аст, аммо дар сатҳи татбиқи амалӣ, рушди бозор ва таносуби намудҳои суғурта фарқиятҳои муайян вуҷуд доранд.

Дар адабиёти умумӣ ва назарияи ҳуқуқшиносии шуравӣ (аз ҷумла асарҳои О.С. Иоффе, Н.С. Малеин В.А. Ойгензихт ва дигарон) фаъолияти суғуртавӣ ҳамчун «намуди мустақили хоҷагидорӣ бо мақсади гирифтани фоида, дар шароити рақобати озод ва бо хатари худи субъектҳо» тавсиф мешавад [40, с. 880; 61, с. 531; 77, с. 207; 78, с. 182; 88, с. 144; 87, с. 256]. Ин муайянкуниҳо комилан бо муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 1040, 1051) ва Қонуни «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» дар замони муосир ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқат мекунанд, ки фаъолияти суғуртавиро ҳамчун фаъолияти тиҷоратӣ бо иҷозатнома ва бо ҳадафи даромаднокӣ эътироф намоем.

Дар таҳқиқотҳои муосири олимони рус (аз ҷумла дар мавзуи суғуртаи таваккали соҳибкорӣ) таъкид мешавад, ки «фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта бояд дар шароити рақобати солим, шаффофият ва ҳимояи манфиати истеъмолкунандагон сурат гирад» [194, с.189; 195, с.202; 198, с 316; 201, с.178; 203, с 201; 205, с.27; 212, с. 160; 214, с.123]. Ин принсипҳо дар ҳуқуқи Тоҷикистон низ комилан дарҷ шудаанд: моддаи 35 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати носолимро манъ мекунад [31], моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» рақобати солимро ҳамчун принсипи асосӣ муқаррар менамояд [35] ва моддаи 17 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ҳимояи судии ҳуқуқи истеъмолкунандагонро (суғурташавандагонро) кафолат медиҳад [21].

Бо вуҷуди ин, дар амалия ва рушди бозор фарқиятҳои муҳим мушоҳида мешаванд. Аз ҷумла дар асарҳои олимони кишварҳои хориҷӣ суғуртаи ихтиёрии тиҷоратӣ (хусусан суғуртаи таваккали соҳибкорӣ, талафоти даромад, қатъи фаъолият ва ғайра) яке аз самтҳои асосӣ ва васеъ паҳншуда ба ҳисоб меравад, ки бозори мустақил ва пурра ташаккулёфта дорад [131, с 257-262; 133, с. 254-259; 138, с. 36-40; 139, с.

254-256; 144, с. 15-17; 162, с. 95-100]. Дар Тоҷикистон бошад ин намудҳо ҳанӯз дар марҳилаи аввали рушд қарор дошта, талабот аз ҷониби соҳибкорон кам буда, шумораи шартномаҳо маҳдуд ва таҷрибаи пардохти ҷубронҳои калон дар ин самт қариб вуҷуд надорад [140, с. 8-11 ;141, с. 47-52; 196, с. 179; 197, с. 44;198, с.316; 215; 218].

Афзалият байни суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳатмӣ низ фарқ мекунад. Дар назарияи умумӣ ва дар бисёре аз низомҳои пешрафта афзалият ба суғуртаи ихтиёрии тиҷоратӣ ҳамчун воситаи озоди идоракунии хатарҳои тиҷоратӣ дода мешавад. Дар Тоҷикистон бошад, афзалияти қонунгузорӣ ва амалия то ҳол ба суғуртаҳои ҳатмӣ (давлатӣ ва иҷтимоӣ – суғуртаи нафақавӣ [23; 32; 27], суғуртаи тиббӣ [25], суғуртаи амонату пасандозҳо [28]) равона шудааст. Ин аз ҳадафҳои сиёсати давлатӣ – ҳимояи аввал манфиатҳои ҷомеа ва устувории низоми иҷтимоӣ бармеояд [24].

Сатҳи умумии рушди бозори суғурта низ фарқияти калон дорад. Дар давлатҳои хориҷа бозори суғурта пурра ташаккулёфта, бо рақобати баланд, намудҳои гуногуни маҳсулот ва ҳаҷми калон тавсиф мешавад. Дар Тоҷикистон бозор ҳанӯз навташаккул аст, ҳаҷми умумии суғуртаҳои ихтиёрии тиҷоратӣ хеле хурд буда, аксари ҳисса ба суғуртаҳои ҳатмӣ ва суғуртаи молу мулки сода рост меояд.

Ниҳоят, таъсири омилҳои берунӣ ба хатарҳои соҳибкорӣ низ фарқ мекунад. Дар низомҳои пешрафта хатарҳо бештар аз омилҳои бозорӣ ва рақобатӣ (тағйироти талабот, рақобати нав, тағйироти технология) бармеоянд. Дар шароити Тоҷикистон хатарҳои соҳибкорӣ бештар аз омилҳои иқтисодӣ-сиёсӣ (тағйироти қурби асъор ва баъзан монеаҳои маъмурӣ) ва табиӣ (офатҳои табиӣ, сел, заминларза) вобастаанд, ки ин низ ба рушди суғуртаи таваккали соҳибкорӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, дар сатҳи назариявӣ ва қонунгузорӣ ҳамоҳангӣ миёни ҳуқуқи Тоҷикистон ва ҳуқуқи байналмилалӣ қавӣ аст, вале дар амалия ва сатҳи рушди бозор фарқиятҳо равшананд. Ин фарқиятҳо натиҷаи

сатҳи иқтисодӣ, афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ва омилҳои берунаи хос ба Тоҷикистон мебошанд.

Таҳлили мукаммали зербоб, аз ҷумла заминаи ҳуқуқӣ, мафҳуми ҳуқуқӣ, субъектҳо, объектҳо, принсипҳо, механизмҳои танзим ва таҷрибаи амалии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мо имкон медиҳад, ки як қатор хулосаҳои муҳим ва асоснокро пешниҳод намоем:

1. Заминаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва қонунҳои махсуси соҳавӣ (суғуртаи ҳатмӣ, суғуртаи нафақавӣ, суғуртаи тиббӣ, суғуртаи амонату пасандозҳо ва дигар намудҳо) иборат буда, он ҳамчун намуди мустақил ва пурраи фаъолияти соҳибкорӣ бо ҳадафи асосии ба даст овардани фоида ва бо қабули таваккали худи субъектҳо маънидод карда мешавад.

2. Мафҳуми ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун фаъолияти мустақил, бонизом, таваккалӣ ва бо мақсади даромаднокӣ маънидод мегардад, ки дар асоси принсипҳои озодии шартнома, рақобати солим, шаффофият, баробарҳуқуқӣ ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон амал мекунад.

3. Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта дуҷонибаанд: ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун пешбарандагони фаъолият (бо иҷозатнома ва назорати қатъӣ) ва субъектони умумӣ, инчунин соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон.

4. Объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта хеле васеъ мебошанд ва ҳам молу мулки моддӣ ва ҳам неъматҳои ғайримоддиро дар бар мегиранд, ки дар ниҳоят ба ҳифзи натиҷаҳои иқтисодӣ ва таъмини устувории тиҷоратӣ равона шудаанд.

5. Назорати давлатӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ягона амалӣ шуда, он ҳимояи манфиатҳо, устувории молиявӣ ва рақобати солимро таъмин менамояд.

6. Таҷрибаи судӣ фаъолияти суғуртавиро ҳамчун унсури муносибатҳои соҳибкорӣ эътироф намуда, баҳри ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ва молумулкии субъектҳоро равона шудааст.

7. Муқоиса бо таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки дар сатҳи назариявӣ ҳамоҳангӣ қавӣ аст, аммо дар амалия афзалият ба суғуртаҳои ҳатмӣ дода шуда, бозори суғуртаи ихтиёрии тиҷоратӣ ҳанӯз навташаккул мебошад.

## 1.2. Аломатҳо, хусусиятҳо ва шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ

Шартномаи суғурта дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо яке аз намудҳои шартномаҳои маданӣ, балки унсури муҳимми муносибатҳои соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Он ҳамзамон ҳамчун механизми ҳимояи молиявӣ ва ҳамчун воситаи коҳиш додани таъсири хатарҳои тиҷоратӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ хизмат мекунад. Таҳлили мукаммали қонунгузории амалкунанда ва адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки шартномаи суғурта дорои аломатҳои умумии шартномаҳои маданӣ ва хусусиятҳои махсуси соҳаи суғурта мебошад.

Мутобиқи моддаи 1040 КМ ҶТ «суғурта дар асоси шартномаҳои суғуртаи молу мулк ё  суғуртаи шахсӣ, ки байни шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ (суғурташаванда) бо ташкилоти суғуртавӣ (суғуртакунанда) баста мешавад, амалӣ карда мешавад». Ин мафҳум ҳамчун заминаи ҳуқуқии асосӣ барои шартномаҳои суғурта хизмат мекунад ва дар фаъолияти соҳибкорӣ аҳаммияти махсус ва ҳалкунанда касб мекунад, зеро бештари субъектҳои соҳибкорӣ (ташкилотҳои тиҷоратӣ) ҳамзамон ҳам

суғурташаванда мебошанд ва ҳам бадастоварандагони фоидаи эҳтимолӣ ҳастанд.

М.З. Раҳимзода иброз менамояд, ки «фаъолияти суғуртавӣ дар асоси шартномаи суғурта анҷом дода мешавад. Шартномаи суғурта шартномае мебошад, ки тибқи он суғурташаванда уҳдадор аст ҳаққи суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад» [169, с. 89-95].

Ба андешаи А.В. Золотухин «шартномаи суғуртаи таваккали соҳибкорӣ хусусияти алеаторӣ (таваккалӣ) дорад. Табиати алеаторӣ (таваккалӣ)-и шартномаи суғурта бори нахуст дар Кодекси мадании Фаронса қайд гардидааст, зеро натиҷаҳои чунин мувофиқа ҳам аз лиҳози манфиат ва ҳам аз лиҳози талафот барои тарафҳо аз як ҳодисаи номаълум вобаста мебошад (моддаи 1964 Кодекси мадании Фаронса)» [140, С. 8-11].

В.А. Ойгензихт таваккалро «ҳамчун роҳ додан ба оқибатҳои манфӣ ҳангоми ҳар як ҳодиса ё рафтор, ҳатто ҳангоми ҳодисаҳои ғайриинтизор, хеле камаҳмият маънидод менамуд, ки ҳато эҳтимолияти бавуҷудоии онҳо ба сифр наздик мешавад ва аз нигоҳи субъективӣ як ҳодисаи «казус» (бегуноҳи)-и равшан дида мешавад. Ҳатто дар ин шароит барои ягон субъект нисбат ба муносибати объективӣ метавонад таваккал вуҷуд дошта бошад, чунки у ба ҳама гуна оқибатҳои тасодуфӣ ва номатлубро новобаста аз дараҷаи эҳтимолияти онҳо ва дақиқии худи ҳодисаҳо (амалҳо) роҳ медиҳад» [88, с. 144].

Дар назарияи ҳуқуқ омӯзиши мафҳум ва хусусиятҳои махсуси шартномаи суғурта мақоми бисёр муҳим ва ҳалкунанда дорад. Ин

мавзуъ мустақиман бо ташаккул ва такомули андешаҳои ҳуқуқӣ дар бахши суғурта дар тули зиёда аз сад сол робитаи қавӣ ва ҷудонашаванда дорад. Ҳамзамон, баррасии нишонаҳо ва вижагиҳои шартномаи суғурта аз мушкилоти печида ва мураккаби танзими ҳуқуқӣ дар ин соҳа бармеояд. То ҳол байни ҳуқуқшиносон ягон дидгоҳи муттаҳид ва ягона нисбат ба таърифи умумии ин шартнома ва маҷмуи нишонаҳои асосии он вуҷуд надорад.

Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо низоми мукаммали Директиваҳои се насл амал мекунад, ки дар онҳо «забони ягонаи ҳуқуқӣ, таснифоти мушаххаси намудҳои суғурта, талаботҳои муттаҳид ба таъсис ва фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ» ва дигар масъалаҳои калидӣ муттаҳид шудаанд [217].

Асоси қонунгузории суғуртаи Фаронса Кодекси суғуртаи Фаронса мебошад. Ин кодекс аз қисмҳои асосӣ (“Қисми қонунгузорӣ”, “Қисми танзимкунанда”, “Фармонҳо” ва “Иловаҳо”), китобҳо (1 – “Шартнома”, 2 – “Суғуртаи ҳатмӣ”, 3 – “Ширкатҳо”, 4 – “Ташкилот ва схемаҳои махсуси суғурта”, 5 – “Миёнаравҳои суғурта ва капитализатсия”), инчунин бобҳои муҳим, фаслҳо ва моддаҳои алоҳида иборат аст. Мутобиқи муқаррароти Кодекси суғуртаи Фаронса «шартномаи суғурта ҳамчун созишномае тавсиф мегардад, ки дар он як тараф (суғуртагир) аз тарафи худ ё аз номи шахси сеюм ба тарафи дигар (суғуртакунанда) ваъда медиҳад, ки ҳангоми фаро расидани хатари муайян маблағи пулӣ пардохт намояд, ба шарте ки мукофоти муқарраршуда ё саҳмияи пешбинишуда супорида шавад». Дар ин таъриф мафҳуми “ҳодисаи суғуртавӣ” истифода нашуда, ба ҷои он истилоҳи “хатари суғурташуда” татбиқ мегардад. Дар низоми ҳуқуқии Фаронса иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии суғурта инҳо мебошанд: «суғуртакунанда, суғуртагир, шахси суғурташуда ва шахси сеюм (манфиатгири беруна)».

Вобаста ба намуди суғурта суғуртагир метавонад ҳамчун “паймонкор” (дар суғуртаи ҳаёт) ё «дорои полис» (дар суғуртаи тиббӣ ва саломатӣ) номида шавад.

Бино бар кодекси Фаронса шартномаи суғурта ҳамзамон дорои хусусиятҳои зерин аст: «консенсуалӣ (бо ҳамдигарии иродаи тарафҳо ба вуҷуд меояд); таваккалӣ (алеаторӣ); бо пардохти арзиш (пулакӣ); пайвастшавӣ; номбаршуда; боэътимод; пайдарпай ва синаллагматикӣ» [10]. Истилоҳи “синаллагматикӣ” аз забони юнонӣ “συνάλλαγμα” гирифта шуда, маънои “пайванд”, “мубодилаи мутақобил” ё “ҳамкории дуҷониба”-ро дорад.

Дар ҳуқуқи Олмон шартномаи суғурта ҳамчун «созишномае тавсиф мешавад, ки бо полис тасдиқ гардида, байни якчанд шахс ё ташкилотҳо баста мешавад ва мақсади он мубодилаи муштараки зарар ё талафот аст» [9]. Дар ин шартнома суғуртагир, суғуртакунанда, шахси суғурташуда ва манфиатгир иштирок мекунанд. Тибқи қонунгузории Олмон «суғуртакунанда уҳдадор аст хатарро тавассути пардохти ҷуброн дар ҳолати рух додани ҳодисаи суғуртавӣ фаро гирад, дар ҳоле ки суғуртагир уҳдадор аст мукофоти мувофиқро пардохт намояд». Дар ҳуқуқи суғуртаи Олмон ду назарияи асосӣ дар бораи табиати уҳдадории суғуртавӣ вуҷуд дорад: “назарияи пардохт” – шартномаи суғурта наметавонад мутақобил (синаллагматикӣ) дониста шавад, зеро агар ҳодисаи суғуртавӣ рух надиҳад, суғуртакунанда ҳеҷ гуна пардохт анҷом намедиҳад; “назарияи қабули хатар” – шартнома мутақобил ҳисобида мешавад, чунки суғуртакунанда ҳамеша хатарро ба зимма мегирад ва ин уҳдадории мутақобилро ташкил медиҳад. Ин ду назария то ҳол дар байни ҳуқуқшиносони олмонӣ баҳсҳои илмиро ба вуҷуд меоранд ва дар амалияи судӣ низ таъсири муайян доранд.

Бо вуҷуди ин фарқиятҳо, дар ҳар ду низоми ҳуқуқӣ (Фаронса ва Олмон) шартномаи суғурта ҳамчун созишномаи хусусияти таваккалӣ

(алеаторӣ) ва боэътимод эътироф мешавад, ки дар он хавф ва имкони пардохти ҷубронӣ нақши марказӣ мебозад. Ин хусусиятҳо барои фаҳмидани мушкилоти танзими ҳуқуқии муносибатҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аҳаммияти калон доранд.

Дар доираи соҳибкорӣ шартномаи суғурта дорои се аломати асосӣ мебошад, ки онро аз дигар намудҳои шартномаҳо фарқ мекунад:

1. Мустақилият ва таваккалии соҳибкорӣ. Соҳибкор ҳамчун субъекти мустақил ва ба таваккал вобаста (моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [33]) ҳуқуқ дорад хатарҳои тиҷоратии худро (талафоти даромад, хароҷоти ғайричашмдошт, масъулияти маданӣ) суғурта намояд. Ин аломат дар моддаи 1046 КМ ҶТ мустаҳкам шудааст, ки суғуртаи таваккали соҳибкорӣ танҳо ба манфиати худи суғурташаванда ва танҳо хатарҳои ӯро фаро мегирад.

2. Бонизом ва мақсади тиҷоратӣ. Фаъолияти суғуртавӣ ҳамчун намуди соҳибкорӣ бояд бонизом ва бо ҳадафи гирифтани фоида анҷом дода шавад. Д.Ш. Сангинов таъкид мекунад, ки «ташкилотҳои суғуртавӣ дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон фаъолият карда, шартномаҳои суғуртаро ҳамчун маҳсули тиҷоратӣ пешниҳод менамоянд» [111, с. 600].

3. Ҳимояи манфиатҳои молумулкӣ ва иқтисодӣ. Объекти асосии суғурта дар соҳаи соҳибкорӣ хатарҳои тиҷоратӣ (талафоти даромад аз иҷро накардани шартномаҳо, тағйири шароити фаъолият ва ғайра) мебошанд, ки дар моддаи 1042 қисми 2 КМ ҶТ муайян шудаанд. М.З. Раҳимзода инро ҳамчун «манфиати суғуртавӣ» тавсиф мекунад [169, с. 89-95].

Таҷрибаи судии Тоҷикистон низ ин аломатҳоро тасдиқ мекунад. Масалан, дар парвандаи граждании 1-87/19 Суди иқтисодии вилояти Хатлон «шартномаи суғуртаи масъулияти маданӣ ҳамчун унсури

муносибатҳои соҳибкорӣ шинохта шуда, ба ҳимояи манфиатҳои иқтисодии соҳибкор равона гардидааст» [226].

Ҳамин тариқ метавон хулоса кард, ки шартномаи суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ на танҳо шартномаи маданӣ, балки механизми муҳимми коҳиши хатарҳои тиҷоратӣ ва таъмини устувории фаъолияти иқтисодӣ мебошад.

Аломатҳои ҳуқуқии шартномаи суғурта ҳамчун шартномаи маданӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду гурӯҳи асосӣ иборатанд: аломатҳои умумии ҳамаи шартномаҳои маданӣ (моддаҳои 482-497 КМ ҶТ) ва аломатҳои хоси соҳаи суғурта, ки дар моддаҳои 1040-1084, боби 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои махсуси соҳавӣ мустаҳкам шудаанд [11; 31].

1. Аломатҳои умумии шартномаи маданӣ, ки дар шартномаи суғурта ҳам вуҷуд доранд, чунинанд:

А) Иштироки ду тараф бо ҳуқуқҳои баробар (суғурташаванда ва суғуртакунанда). Дар қисми 1, моддаи 1040 КМ ҶТ муайян шудааст, ки шартнома байни шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ (суғурташаванда) ва ташкилоти суғуртавӣ (суғуртакунанда) баста мешавад. Суғуртакунанда ҳатман шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ буда, бояд иҷозатномаи (литсензияи) дахлдори Бонки миллии Тоҷикистонро дошта бошад (моддаи 1051 КМ ҶТ).

Б) Иродаи озод ва воқеии тарафҳо.  Дар шартномаҳои суғурта иродаи суғурташаванда ҳамчун изҳори хоҳиши ҳимояи хатар аз оқибатҳои ҳодисаҳои тасодуфӣ зоҳир мешавад. Ин ирода бояд дар шакли хаттӣ (ё тавассути қабули полиси суғуртавӣ) собит карда шавад (моддаи 1053 КМ ҶТ).

В) Ҳадафи ҳуқуқӣ ва молиявӣ. Ҳадафи шартнома пардохти мукофоти суғуртавӣ аз ҷониби суғурташаванда ва уҳдадории суғуртакунанда барои пардохти ҷуброни суғурта ё маблағи суғурта

ҳангоми фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ мебошад (моддаҳои 1042, 1047, 1066 КМ ҶТ). Ин унсур ҳамчун аломати молиявии шартнома баромад мекунад.

2. Аломатҳои хоси шартномаи суғурта (аломатҳои соҳавӣ):

А) Алеаторӣ (таваккалӣ). Ин аломат ҳамчун хусусияти асосӣ ва фарққунандаи шартномаи суғурта аз аксари шартномаҳои дигари маданӣ баромад мекунад. Ҳодисаи суғуртавӣ ҳамчун шарти тасодуфӣ ва эҳтимолӣ ҳисобида мешавад, ки фарорасии он пешакӣ маълум нест ва ҳаҷми зарари эҳтимолӣ низ пешакӣ дақиқ муайян карда намешавад [140, с. 8-11]. Дар соҳаи соҳибкорӣ ин аломат хеле равшан зоҳир мешавад, зеро суғуртаи таваккали соҳибкорӣ (моддаи 1046 КМ ҶТ) маҳз бар ҳамин асос сохта шудааст – талафоти даромад аз сабаби иҷро накардани уҳдадориҳои контрагентҳо, тағйири шароити бозор ё омилҳои дигари берунӣ.

Б) Ҷубронӣ (компенсатсионӣ). Дар шартномаҳои суғуртаи молу мулк ва таваккали соҳибкорӣ маблағи пардохтшаванда (ҷуброни суғурта) набояд аз ҳаҷми зарари воқеӣ зиёд бошад (қисми 2 моддаи 1060 КМ ҶТ). Ин принсип «ҷуброни воқеӣ» ном дорад ва аз шартномаҳои суғуртаи шахсӣ фарқ мекунад, ки дар онҳо маблағи суғурта метавонад бо созиши тарафҳо муайян гардад (қисми 3 моддаи 1060 КМ ҶТ). Айнан ҳамин нуқтаи назарро А.И. Худяков ҷонибдорӣ мекунад [124, с. 380].

В) Ҳимоявӣ ва пешгирӣ. Шартномаи суғурта ҳам ҳимояи пас аз ҳодиса (ҷуброни зарар) ва ҳам унсурҳои пешгирикунанда дорад. Суғурташаванда уҳдадор аст, ки барои кам кардани зиёни эҳтимолӣ тамоми тадбирҳои зарурировро андешад (моддаи 1075 КМ ҶТ), ки ин низ яке аз аломатҳои хоси ин намуди шартнома мебошад [71, с. 200; 76, с. 360].

3. Аломатҳои соҳибкории шартномаи суғурта. Дар муносибатҳои соҳибкорӣ ин аломатҳо бо вижагиҳои фаъолияти соҳибкорӣ

(мустақилият, бонизом, таваккалӣ, мақсади гирифтани фоида) якҷоя мешаванд. Аз ҷумла:

А) Суғуртаи таваккали соҳибкорӣ метавонад танҳо ба манфиати худи соҳибкор ва танҳо хатарҳои фаъолияти ӯ сурат гирад (қисми 1 моддаи 1046 КМ ҶТ).

Б) Шартнома ҳамчун воситаи коҳиш додани таъсири омилҳои берунӣ ба натиҷаҳои иқтисодӣ ва таъмини устувории даромади бонизом хизмат мекунад [212, с. 500; 108, с. 600].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлил муайян намудем, ки шартномаи суғурта дорои ҳам аломатҳои умумии шартномаҳои маданӣ ва ҳам аломатҳои хоси соҳавӣ (алеаторӣ, ҷубронӣ, ҳимоявӣ) мебошад. Дар шароити соҳибкорӣ ин аломатҳо бо хусусиятҳои фаъолияти тиҷоратӣ (бонизом, таваккалӣ, мақсади гирифтани фоида) пайванди мустаҳкам доранд, ки ин шартномаро ба яке аз муҳимтарин воситаҳои идоракунии хатарҳои тиҷоратӣ табдил медиҳад.

Шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду категорияи асосӣ тақсим мешаванд: суғуртаи ихтиёрӣ ва суғуртаи ҳатмӣ. Ин тақсимот дар моддаи 1040 КМ ҶТ мустаҳкам шудааст ва дар қонунҳои махсуси соҳавӣ тафсилот дода шудааст [11; 31].

1. Суғуртаи ихтиёрӣ ҳамчун шакли асосии шартномаи суғурта дар ҳуқуқи Тоҷикистон эътироф шудааст. Он дар ҳолатҳое амалӣ мегардад, ки қонун ӯҳдадории суғуртаро ба зиммаи шахс вогузор накарда бошад ва тарафҳо бо ихтиёри худ шартнома мебанданд (моддаи 1040 қисми 1 КМ ҶТ). Намудҳои асосии суғуртаи ихтиёрӣ, ки дар соҳаи соҳибкорӣ васеъ истифода мешаванд:

– суғуртаи молу мулк (амвол, биноҳо, таҷҳизот, борҳо, маҳсулот ва ғайра) – моддаи 1042, 1043 КМ ҶТ

– суғуртаи таваккали соҳибкорӣ (талафоти даромад, хароҷоти ғайричашмдошт, қатъи фаъолият ва ғайра) – моддаи 1046 КМ ҶТ

– суғуртаи масъулияти маданӣ (ҷавобгарӣ барои зарар ба шахсони сеюм, аз ҷумла масъулияти шартномавӣ дар ҳолатҳои пешбинишуда) – моддаҳои 1044 ва 1045 КМ ҶТ

– суғуртаи шахсӣ (ҳаёт, саломатӣ, аз даст додани қобилияти корӣ) – моддаи 1047 КМ ҶТ

Дар фаъолияти соҳибкорӣ суғуртаи ихтиёрӣ ҳамчун воситаи озоди идоракунии хатарҳо баромад мекунад. Соҳибкор мустақилона қарор медиҳад, ки кадом хатарҳоро суғурта кунад, дар кадом ҳаҷм ва бо кадом суғуртакунанда шартнома банданд [76, с. 360; 116, с. 320].

Масалан, як корхонаи истеҳсолӣ метавонад ихтиёран суғуртаи таваккали қатъи фаъолият аз сабаби садамаҳои табиӣ, шикастани таҷҳизот ё қатъи таъминоти ашёи хомро анҷом диҳад. Ин намуди суғурта дар Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи рушд қарор дорад, вале дар соҳаҳои сохтмон, нақлиёт, кишоварзӣ ва тиҷорати байналмилалӣ торафт васеътар истифода мешавад.

2. Суғуртаи ҳатмӣ. Суғуртаи ҳатмӣ дар ҳолатҳое муқаррар мешавад, ки қонун ба зиммаи шахс ё ташкилот уҳдадории муайяни суғуртаро вогузор карда бошад (қисми 3 моддаи 1040 ва моддаи 1048 КМ ҶТ). Дар ин ҳолатҳо шартномаи суғурта ҳатман бояд баста шавад ва риоя накардани ин талабот оқибатҳои ҳуқуқии ҷиддӣ дорад (моддаи 1050 КМ ҶТ).

Намудҳои муҳимтарини суғуртаи ҳатмӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, чунинанд:

«– суғуртаи ҳатмии масъулияти шаҳрвандӣ (ҷавобгарии мадании) соҳибони воситаҳои нақлиёт;

– суғуртаи ҳатмии тиббӣ (дар чаҳорчӯби низоми суғуртаи тиббии давлатӣ);

– суғуртаи ҳатмии нафақаи касбӣ барои гурӯҳҳои муайяни кормандон;

– суғуртаи ҳатмии нафақавӣ дар доираи низоми умумии суғуртаи давлатӣ;

– суғуртаи ҳатмии ҳаёт ва саломатии баъзе категорияҳои хизматчиёни давлатӣ (суғуртаи ҳатмии давлатӣ)» [11].

Дар соҳаи соҳибкорӣ суғуртаи ҳатмӣ бештар дар шакли суғуртаи масъулияти маданӣ (барои нақлиёти корхонаҳо, масъулияти фаъолияти хатарнок ва ғайра) зоҳир мешавад. Ин шакл ҳамчун кафолати ҳимояи манфиатҳои шахсони сеюм (муштариён, кормандон, ронандагони дигар) ва ҳамзамон ҳамчун омили устувории бозор амал мекунад [37; 122, с. 207].

Дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаи ихтиёрӣ ва суғуртаи ҳатмӣ ду шакли гуногуни танзими муносибатҳои суғуртавӣ мебошанд, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ вазифаҳо ва нақшҳои комилан фарқкунандаро иҷро мекунанд.

Суғуртаи ихтиёрӣ комилан ба ихтиёри тарафҳо вобаста аст. Соҳибкори инфиродӣ ё ташкилоти тиҷоратӣ озодона қарор медиҳад, ки кадом хатарҳои фаъолияти худро суғурта кунад, бо кадом суғуртакунанда шартнома бандад ва ҳаҷми маблағи суғурта чӣ гуна муайян карда шавад. Ин шакл ҳама гуна хатарҳои қонунии соҳибкориро фаро мегирад, аз ҷумла талафоти молу мулк, қатъи фаъолият, талафоти даромад, масъулияти шартномавӣ ва ғайра. Ҳаҷми маблағи суғурта, шартҳои шартнома ва андозаи мукофоти суғуртавӣ пурра бо созиш ва ихтиёри ҳарду тараф муайян карда мешаванд. Риоя накардани суғуртаи ихтиёрӣ ҳеҷ гуна оқибати мустақими ҳуқуқӣ надорад, яъне соҳибкор фақат аз имкони ҳимояи иловагии молиявӣ маҳрум мемонад.

Баръакс, суғуртаи ҳатмӣ бевосита аз талаботҳои қатъии қонун бармеояд ва иҷрои он барои соҳибкор ҳатмӣ мебошад. Дар ин ҳолат

соҳибкори инфиродӣ ё ташкилот уҳдадор аст, ки намудҳои муайяншудаи хатарҳоро ҳатман суғурта намояд. Қонунгузорӣ танҳо намудҳои муайяни суғуртаи ҳатмиро пешбинӣ мекунад (масалан, суғуртаи ҷавобгарии мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт, суғуртаи тиббӣ дар баъзе ҳолатҳо, суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ ва ғайра). Ҳаҷми маблағи суғурта аксаран ҳадди ақал аз ҷониби қонун ё меъёрҳои танзимкунанда муқаррар карда мешавад ва соҳибкор наметавонад аз ин ҳадди ақал поёнтар равад. Риоя накардани уҳдадории суғуртаи ҳатмӣ оқибатҳои ҷиддии ҳуқуқӣ дорад, аз ҷумла аз ҷавобгарии маданӣ ва маъмурӣ то пардохти ҷаримаҳо ва рӯёнидани маблағҳои беасос нигоҳдошташуда ба фоидаи давлат (моддаи 1050 КМ ҶТ).

Аз нуқтаи назариявӣ нақши онҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ низ фарқиятҳоро равшан ифода мекунанд. Суғуртаи ихтиёрӣ пеш аз ҳама воситаи озоди идоракунии хатарҳои тиҷоратӣ мебошад: соҳибкор мустақилона арзёбӣ мекунад, ки кадом хатарҳо барои тиҷорати ӯ муҳиманд ва то кадом андоза мехоҳад онҳоро ҳимоя кунад. Ин шакл ба соҳибкор имкон медиҳад, ки хатарҳои мушаххаси фаъолияти худро (масалан, қатъи таъминот, талафоти бозорӣ, масъулияти шартномавӣ) бо назардошти хусусиятҳои тиҷорати худ идора намояд.

Суғуртаи ҳатмӣ бошад, пеш аз ҳама кафолати ҳимояи манфиатҳои ҷомеа ва устувории муносибатҳои иқтисодӣ дар бозор аст. Он на танҳо соҳибкорро, балки шахсони сеюмро (муштариён, ронандагони дигар, кормандон, давлат) аз оқибатҳои зарари эҳтимолӣ ҳимоя мекунад. Аз ин рӯ, қонунгузорӣ ин намуди суғуртаро ҳатмӣ эълон карда, риояи онро таҳти назорати қатъӣ қарор медиҳад.

Ҳамин тариқ, суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳатмӣ дар муносибатҳои соҳибкорӣ ду унсури пурраи мукаммалро ташкил медиҳанд. Аввалин озодии интихоб ва идоракунии хатарҳои шахсиро таъмин мекунад,

дуюмӣ бошад кафолати ҳимояи ҷомеа ва устувории умумии низоми иқтисодиро таъмин менамояд. Ин ду шакл якҷоя системаи мутаносиби ҳимояи хатарҳои соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта – ихтиёрӣ ва ҳатмӣ, дар муносибатҳои соҳибкорӣ вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд. Суғуртаи ихтиёрӣ ба соҳибкор имкон медиҳад, ки хатарҳои мушаххаси фаъолияти худро озодона идора намояд, дар ҳоле ки суғуртаи ҳатмӣ ҳамчун унсури ҳатмии низоми ҳуқуқӣ устувории муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳимояи манфиатҳои шахсони сеюмро таъмин мекунад.

Суғуртаи таваккали соҳибкорӣ (ё суғуртаи хатарҳои соҳибкорӣ) дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин ва ҳамзамон мураккабтарин намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ ба ҳисоб меравад. Ин намуд махсусан дар муносибатҳои соҳибкорӣ аҳаммияти калон дорад, зеро маҳз ҳамин шакли суғурта ба соҳибкор имкон медиҳад, ки хатарҳои марбут ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти тиҷоратӣ ва иқтисодиро ҳимоя намояд.

Мутобиқи моддаи 1046 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаи таваккали соҳибкорӣ метавонад танҳо таваккали соҳибкории худи суғурташаванда ва танҳо ба манфиати ӯ суғурта карда шавад. Ин қоидаи қатъӣ дар қисми 1 ва 2-и моддаи мазкур мустаҳкам шудааст:

«– шартномаи суғуртаи таваккали соҳибкории шахсе, ки суғурташаванда нест, беэътибор аст;

– шартнома ба манфиати шахсе, ки суғурташаванда нест, ба манфиати суғурташаванда ба ҳисоб меравад».

Ин маҳдудиятҳо аз он сабаб муқаррар шудаанд, ки хатари соҳибкорӣ хусусияти шахсӣ дорад ва наметавонад ба шахси дигар интиқол дода шавад ё ба манфиати ӯ суғурта гардад, ки бар хилофи суғуртаи молу мулк ё масъулияти маданӣ, ки дар баъзе ҳолатҳо имкони

суғурта ба манфиати шахси сеюм вуҷуд дорад (масалан, моддаҳои 1043 ва 1044 КМ ҶТ).

Объекти суғуртаи таваккали соҳибкорӣ дар қисми 2 моддаи 1042 (сархати сеюм) чунин муайян шудааст: «таваккали соҳибкорӣ – таваккали ба даст наовардани даромади дарназардошташуда аз фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба иҷро накардани уҳдадориҳои худ аз ҷониби контрагентҳои соҳибкор ё тағйир додани шароити ин фаъолият вобаста ба ҳолатҳое, ки ба соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд».

Аз ин мафҳум чунин бармеояд, ки объектҳои асосии суғуртаи таваккали соҳибкорӣ инҳоянд:

– талафоти даромади пешбинишуда (фоидаи аз даст рафта);

– хароҷоти иловагӣ, ки дар натиҷаи ҳодисаи суғуртавӣ ба миён омадаанд;

– талафоти марбут ба қатъи муваққатӣ ё доимии фаъолияти соҳибкорӣ;

– дигар зарарҳои мустақиман аз вайроншавии шароити муқаррарии тиҷоратӣ ба вуҷуд омада.

Дар адабиёти илмӣ ин намуд ҳамчун "суғуртаи натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ" чунин тавсиф мешавад: «Суғуртаи таваккали соҳибкорӣ на танҳо зарари мустақимро ҷуброн мекунад, балки имкони барқарорсозии фаъолияти муқаррарии тиҷоратиро низ таъмин менамояд, ки ин барои таъмини устувории иқтисодии соҳибкор ва нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ аҳаммияти калон дорад. Ин намуди суғурта яке аз пешрафтатарин ва муҳимтарин шаклҳои суғурта дар шароити иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад. Он ба соҳибкор имкон медиҳад, ки хатарҳои гуногун ва мураккаберо, ки бевосита ба фаъолияти тиҷоратии ӯ вобастаанд, ҳимоя кунад. Аз ҷумла, хатарҳои марбут ба рафтори контрагентҳо (вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ, таъхирҳо ё рад кардани пардохтҳо), тағйироти ногаҳонӣ дар қонунгузорӣ, тағйирёбии

шароити бозор, қатъи занҷираи таъминот, инчунин омилҳои табиӣ (офатҳои табиӣ, ҳодисаҳои иқлимӣ) ва иҷтимоӣ (тағйироти сиёсӣ, эпидемияҳо ва ғайра), ки соҳибкор наметавонад онҳоро пурра назорат кунад. Суғуртаи таваккали соҳибкорӣ на фақат ҳимояи молиявӣ пешниҳод мекунад, балки ба соҳибкор имкон медиҳад, ки бо эътимоди бештар фаъолият кунад, сармоягузорӣ намояд ва нақшаҳои дарозмуддатро бомуваффақият амалӣ созад. Ин намуди суғурта барои тиҷорати хурду миёна аҳаммияти махсус дорад, зеро чунин соҳибкорон одатан захираҳои молиявии кофӣ надоранд, то зарарҳои калонро мустақилона ҷуброн кунанд. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, ҷуброни саривақтӣ имкон медиҳад, ки фаъолият зуд барқарор карда шавад, ҷойҳои корӣ нигоҳ дошта шаванд ва занҷираи тиҷоратӣ қатъ нашавад. Дар шароити иқтисоди муосир, ки хатарҳо хеле зиёд ва ғайричашмдоштанд, суғуртаи таваккали соҳибкорӣ на танҳо воситаи ҳимоя, балки механизми муҳимми рушди устувор ва рақобатпазирии соҳибкорӣ мебошад. Он ба соҳибкорон кумак мерасонад, ки аз хатарҳои берунӣ камтар вобаста бошанд ва диққати асосиро ба рушди тиҷорати худ равона созанд» [194, с. 189; 199, с. 170; 205, с. 27].

Дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаи таваккали соҳибкорӣ ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул ва рушд қарор дорад, аммо дар як қатор соҳаҳо талабот ба ин намуди суғурта торафт афзоиш меёбад:

– тиҷорати байналмилалӣ (хатари қатъ ё вайрон кардани шартномаҳо аз ҷониби шарикони хориҷӣ);

– сохтмон ва лоиҳаҳои инфрасохторӣ (хатари таъхирҳои тулонӣ ва афзоиши беназорати хароҷот);

– истеҳсолот ва коркарди маҳсулот (хатари қатъи таъминоти ашёи хом ва мавод);

– хизматрасонии логистикӣ ва нақлиётӣ (хатари талафоти бор, осеб дидани мол ва таъхирҳои ҷиддӣ).

Дар ҳолати фаро расидани ҳодисаи суғуртавӣ ҷуброни суғурта бояд ба андозаи зарари воқеӣ (фоидаи гумшуда, хароҷоти иловагӣ) пардохт шавад, вале на зиёдтар аз маблағи суғуртаи шартномавӣ ва на зиёдтар аз арзиши суғуртавӣ (қисми 2 моддаи 1060 КМ ҶТ). Ин қоида барои пешгирӣ аз ғаразнок истифода бурдани суғурта ва ҳифзи манфиатҳои суғуртакунанда муҳим аст.

Суғуртаи таваккали соҳибкорӣ ҳамчун намуди махсуси шартномаи суғурта дар муносибатҳои соҳибкорӣ нақши калидӣ дорад. Он танҳо ба манфиати худи соҳибкор ва танҳо хатарҳои фаъолияти ӯ сурат мегирад, ки ин хусусияти қатъии онро аз дигар намудҳои суғурта фарқ мекунад. Маҳз ҳамин намуд ба соҳибкор имкон медиҳад, ки на танҳо молу мулк ё масъулият, балки натиҷаи ниҳоии фаъолияти тиҷоратӣ – фоида ва устувории иқтисодиро ҳимоя намояд.

Объекти муносибатҳои соҳибкорӣ дар шартномаҳои суғурта – хатарҳои тиҷоратӣ, дорои хусусияти иқтисодӣ, натиҷавӣ, хатарпазир ва бонизом мебошад. Ин объект наметавонад ба шахси дигар интиқол дода шавад ва танҳо ба манфиати худи соҳибкор ҳимоя карда мешавад. Маҳз ҳамин хусусиятҳо суғуртаи таваккали соҳибкориро ба яке аз муҳимтарин воситаҳои таъмини устувории фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити Тоҷикистон табдил медиҳанд.

Танзими ҳуқуқии шартномаҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи мукаммали меъёрҳои қонунгузорӣ ва назорати давлатиро дар бар мегирад, ки ҳадафаш ҳимояи манфиатҳои суғурташавандагон, таъмини устувории молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ ва пешгирии хатарҳои системавӣ дар бозори суғурта мебошад. Ин танзим дар се сатҳи асосӣ амалӣ мегардад: қонунгузории асосӣ, қонунҳои махсуси соҳавӣ ва санадҳои меъёрии танзимкунандаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори назорат.

1. Асоси ҳуқуқии умумии шартномаҳои суғурта дар боби 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 1040-1084) муқаррар шудааст. Ин боб муқаррароти умумиро дар бораи: «намудҳои суғурта (ихтиёрӣ ва ҳатмӣ); объектҳо ва субъектҳои суғурта; шартҳои муҳимми шартнома; шакл, мукофот ва ҷуброни суғурта; оқибатҳои вайронкунӣ ва қатъи шартнома; суброгатсия, азнавсуғуртакунӣ ва суғуртаи мутақобила» муайян менамояд. Ин муқаррарот барои ҳамаи намудҳои шартномаҳои суғурта, аз ҷумла шартномаҳои суғурта дар соҳаи соҳибкорӣ, ҳатмӣ мебошад. Ҳеҷ як шартномаи суғурта ҳуқуқ надорад, ки муқаррароти ин бобро нисбат ба ҳолати пешбинишудаи қонун бадтар муқаррар намояд (моддаи 1055 КМ ҶТ).

2. Танзими муфассали (қонунҳои махсуси соҳавӣ) фаъолияти суғурта ва шартномаҳои суғурта дар қонунҳои зерин муқаррар шудааст:

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» (аз 23 июли соли 2016 № 1349 бо тағйироту иловаҳои минбаъда, аз ҷумла иловаи соли 2025), ки талабот ба ташкилотҳои суғуртавӣ, намудҳои фаъолият, тартиби баҳисобгирӣ, ташкили захираҳо ва ҳадди ақалли сармояро муайян мекунад [31; 38].

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиёт» (аз 7 августи соли 2020 № 1719), ки танзими муфассали суғуртаи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиёт, ҳадди масъулият ва тартиби пардохтро муқаррар менамояд [37].

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» ва «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ», ки танзими суғуртаи нафақавии баъзе категорияҳои кормандон муқаррар менамояд [27; 32].

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо», ки ҳимояи пасандозҳои аҳолӣ ва амонатҳои субъектонро дар низоми бонкӣ муқаррар менамояд [28].

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар баъзе ҳолатҳо барои кормандон татбиқ мегардад [25].

Ин қонунҳо муқаррароти КМ ҶТ-ро тафсил дода, хусусиятҳои намудҳои алоҳидаи суғуртаро муайян мекунанд ва ҳамчун дастурҳои мустақим амал мекунанд.

3. Аз соли 2017 тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ба Бонки миллии Тоҷикистон вогузор кардани ваколати назорати суғуртавӣ" ваколати назорати фаъолияти суғуртавӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) вогузор карда шудааст: «БМТ ҳамчун мақоми ягонаи танзимкунанда ва назораткунандаи бозори суғурта дар Тоҷикистон амал мекунад ва дар доираи салоҳиятҳои худ: иҷозатнома (литсензия) барои фаъолияти суғуртавӣ медиҳад; талабот ба сармояи оинномавӣ, захираҳои техникии суғуртавӣ ва баҳисобгириро муқаррар менамояд (масалан, Қарори Раёсати БМТ аз 31 марти соли 2020, № 211 дар бораи ҳадди ақалли сармоя) [20]; қоидаҳои стандартии суғурта ва тарифҳоро тасдиқ мекунад; фаъолияти ташкилотҳои суғуртавиро назорат ва санҷиш менамояд; ҳангоми вайронкуниҳо чораҳои таъсиррасонӣ (аз ҷумла боздоштани фаъолият ё барҳамдиҳӣ) татбиқ менамояд» [44].

Дар соҳаи соҳибкорӣ ин назорат аҳаммияти махсус дорад, зеро устувории ташкилотҳои суғуртавӣ бевосита ба қобилияти иҷрои уҳдадориҳо нисбат ба соҳибкорон (ҷуброни талафоти даромад, хароҷоти иловагӣ, масъулияти шартномавӣ) вобаста аст.

БМТ қатор қарорҳо ва низомномаҳо қабул кардааст, ки мустақиман ба шартномаҳои суғурта таъсир мерасонанд:

– Қарори Раёсати БМТ аз 21 июни соли 2022 № 74 «Дар бораи Талабот нисбат ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ» [13];

– Қарори Раёсати БМТ аз 06 августи соли 2021 № 129 «Дар бораи Тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавӣ» [12];

– Низомномаҳо ва қоидаҳои стандартии суғуртаи намудҳои алоҳида (масалан, қоидаҳои суғуртаи таваккали соҳибкорӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ бо мувофиқаи БМТ қабул мешаванд).

Ин санадҳо барои соҳибкорон ҳамчун манбаи муҳимми иттилоот хизмат мекунанд, зеро шартҳои воқеии шартномаҳои суғурта аксар вақт дар доираи ин қоидаҳо таҳия мешаванд.

Танзими ҳуқуқии шартномаҳои суғурта дар Тоҷикистон низоми мутаносиби қонунгузории умумӣ (КМ ҶТ), қонунҳои махсуси соҳавӣ ва назорати қатъии Бонки миллии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Ин низом ҳам ҳимояи манфиатҳои соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон ва ҳам устувории бозори суғуртаро таъмин менамояд. Дар шароити соҳибкорӣ ин танзим на танҳо кафолати иҷрои шартномаҳо, балки омили муҳимми идоракунии хатарҳои тиҷоратӣ ва таъмини фаъолияти устувор мебошад.

Таҳлили амалияи судии Тоҷикистон дар бораи шартномаҳои суғурта, аз ҷумла дар муносибатҳои соҳибкорӣ, нишон медиҳад, ки судҳо ин шартномаҳоро на танҳо ҳамчун муносибати маданӣ, балки ҳамчун унсури муҳимми фаъолияти соҳибкорӣ баррасӣ мекунанд. Ин муносибат дар ҳалномаҳои судҳои иқтисодӣ равшан зоҳир мешавад, ки дар онҳо шартномаҳои суғурта ҳамчун механизми ҳимояи манфиатҳои молумулкӣ ва иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ эътироф гардидаанд.

1. Эътирофи шартномаи суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ. Дар парвандаи граждании № 1-87/19 (Суди иқтисодии вилояти Хатлон, ҳалнома аз 25 марти соли 2019) шартномаи суғуртаи масъулияти маданӣ барои расондани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ва молу

мулки шахсони сеюм (дар доираи фаъолияти нақлиётии корхона) ҳамчун унсури муносибатҳои соҳибкорӣ шинохта шудааст. Суд таъкид кардааст, ки ин шартнома на танҳо уҳдадории шахсии соҳибкор, балки қисми зарурии таъмини фаъолияти бехатари тиҷоратӣ ва ҳимояи манфиатҳои муштариён мебошад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки судҳо шартномаҳои суғуртаи масъулиятро дар соҳаи нақлиёт ҳамчун қисми системаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дида мебароянд [226].

2. Масъалаҳои марбут ба иҷрои шартнома дар фаъолияти тиҷоратӣ. Дар парвандаи граждании № 1-312/19 (Суди иқтисодии шаҳри Душанбе, ҳалнома аз 5 ноябри соли 2019) баҳс дар бораи радди пардохти ҷуброни суғурта аз ҷониби суғуртакунанда бар асоси КГ ҶТ (ҳодисаи суғуртавӣ бо гуноҳи суғурташаванда) баррасӣ шудааст. Дар ин парванда соҳибкори инфиродӣ, ки фаъолияти нақлиётии худро анҷом медод, аз суғуртакунанда талаб карда буд, ки зарари расонидашуда ба моликияти муштарӣ ҷуброн карда шавад. Суд ҳангоми баррасӣ таъкид кард, ки шартномаи суғуртаи масъулияти маданӣ на танҳо ҳимояи соҳибкор, балки кафолати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон (муштариён) дар фаъолияти тиҷоратӣ мебошад. Дар натиҷа суд радди пардохтро ғайриқонунӣ дониста, суғуртакунандаро ба иҷрои уҳдадорӣ маҷбур намуд [227].

3. Масъалаҳои марбут ба суғуртаи таваккали соҳибкорӣ. Дар парвандаи граждании № 1-203/20 (Суди иқтисодии вилояти Хатлон, ҳалнома аз 18 июни соли 2020) баҳс дар бораи шартномаи суғуртаи таваккали соҳибкорӣ (талафоти даромад аз сабаби қатъи шартномаи таъминоти ашёи хом) баррасӣ шудааст. Соҳибкор (корхонаи истеҳсолӣ) пас аз қатъи шартнома аз ҷониби контрагент аз суғуртакунанда талаби пардохти фоидаи гумшударо карда буд. Суд ҳангоми баррасӣ ба КМ ҶТ истинод намуда, таъкид кард, ки:

– объект танҳо таваккали худи суғурташаванда буда метавонад;

– зарар бояд мустақиман аз ҳодисаи суғуртавӣ (дар ин ҳолат – иҷро накардани уҳдадории контрагент) бармеояд;

– андозаи ҷуброн набояд аз арзиши суғуртавӣ ва ҳаҷми зарари воқеӣ зиёд бошад.

Суд талаби соҳибкорро қисман қонеъ карда, ҷуброни фоидаи гумшударо дар ҳаҷми исботшуда муқаррар намуд ва ин ҳолатро ҳамчун мисоли муҳимми ҳимояи натиҷаи иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ арзёбӣ кард [228].

4. Масъалаҳои марбут ба суғуртаи ҳатмӣ ва оқибатҳои вайронкунӣ. Дар парвандаи граждании № 1-45/21 (Суди иқтисодии шаҳри Душанбе, ҳалнома аз 10 январи соли 2021) баҳс дар бораи оқибатҳои вайрон кардани уҳдадории суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт баррасӣ шудааст. Корхонаи соҳибкорӣ, ки воситаҳои нақлиёти худро барои фаъолияти тиҷоратӣ истифода мебурд, шартномаи суғуртаи ҳатмиро набанда буд. Дар натиҷаи садама зарар ба моликияти шахси сеюм расонида шуд ва соҳибкор аз ҷониби зарардида ба ҷавобгарӣ кашида шуд. Суд таъкид кард, ки дар ҳолати набудан ё нокифоя будани суғуртаи ҳатмӣ соҳибкор дар назди зарардида мувофиқи ҳамон шартҳое, ки дар сурати вуҷуди суғуртаи дуруст татбиқ мешуданд, ҷавобгар мебошад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки судҳо суғуртаи ҳатмиро ҳамчун унсури зарурии фаъолияти бехатари соҳибкорӣ арзёбӣ мекунанд [229].

Таҳлили парвандаҳои судӣ нишон медиҳад, ки:

– судҳо шартномаҳои суғурта, аз ҷумла суғуртаи таваккали соҳибкорӣ ва масъулияти маданӣ, ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ эътироф мекунанд;

– ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ ва молумулкии соҳибкорон (фоидаи гумшуда, хароҷоти иловагӣ, устувории фаъолият) яке аз ҳадафҳои асосии баррасии ин парвандаҳо мебошад;

– риояи қоидаҳои суғуртаи ҳатмӣ ҳамчун қисми зарурии фаъолияти тиҷоратӣ талаб карда мешавад ва вайронкунии он оқибатҳои мустақими молиявиро барои соҳибкор дорад;

– судҳо принсипҳои ҷубронӣ, алеаторӣ ва ҳимоявии шартномаи суғуртаро ҳангоми ҳалли баҳсҳо пайваста ба назар мегиранд.

Ин таҷриба собит менамояд, ки дар амалияи ҳуқуқии Тоҷикистон шартномаҳои суғурта на танҳо санади маданӣ, балки унсури муҳимми системаи ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб мераванд.

Таҳлили мукаммали зербоб дар доираи қонунгузорӣ, адабиёти илмӣ, таҷрибаи судӣ ва хусусиятҳои миллии низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан нишон медиҳад, ки шартномаи суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ дорои маҷмуи аломатҳо, вижагиҳо ва шаклҳои ҳуқуқии мушаххас мебошад. Ин аломатҳо ва вижагиҳо онро ба яке аз муассиртарин ва самараноктарин воситаҳои идоракунии хатарҳои тиҷоратӣ табдил медиҳанд. Аз ин рӯ, чунин хулосабарорӣ кардан комилан мувофиқи мақсад ва воқеият аст:

1. Шартномаи суғурта ҳамчун шартномаи маданӣ дорои аломатҳои умумии шартномаҳо (мустақилият, иродаи тарафҳо, ҳадафи ҳуқуқӣ) ва хусусиятҳои хоси соҳаи суғурта (алеаторӣ, ҷубронӣ, ҳимоявӣ-пешгирӣ) мебошад. Ин хусусиятҳо дар боби 53 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан инъикос ёфтаанд.

2. Дар муносибатҳои соҳибкорӣ шартномаи суғурта на танҳо молу мулк ва масъулиятро ҳимоя мекунад, балки натиҷаи ниҳоии фаъолияти тиҷоратӣ – фоида, даромади устувор, қобилияти рақобатпазирӣ ва устувории иқтисодиро низ таъмин менамояд. Масалан, суғуртаи таваккали соҳибкорӣ ҳамин вазифаи муҳимро иҷро мекунад, аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин намуди суғурта ҳанӯз дар марҳилаи аввали ташаккул ва рушд қарор дорад.

3. Шаклҳои ҳуқуқии шартнома ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд: ихтиёрӣ (озоди комил дар интихоби хатарҳо ва шартҳо) ва ҳатмӣ (ҳимояи манфиатҳои ҷомеа ва устувории бозор). Дар шароити Тоҷикистон афзалият ба суғуртаҳои ҳатмӣ дода мешавад, ки ин аз сиёсати давлатӣ ва сатҳи иқтисодӣ бармеояд.

4. Объекти асосӣ дар муносибатҳои соҳибкорӣ – хатарҳои тиҷоратӣ, дорои хусусияти иқтисодӣ, натиҷавӣ, тавакалӣ ва бонизом мебошад. Ин хусусиятҳо имкон медиҳанд, ки суғурта на танҳо зарари мустақим, балки талафоти ғайримустақим (фоидаи гумшуда, хароҷоти иловагӣ)-ро низ ҷуброн намояд.

5. Танзими ҳуқуқӣ низоми мутаносиби қонунгузории умумӣ (КМ ҶТ), қонунҳои махсус ва назорати қатъии Бонки миллии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Ин  низом ҳимояи манфиатҳои суғурташавандагон ва устувории бозорро таъмин менамояд.

6. Таҷрибаи судӣ равшан нишон медиҳад, ки судҳои иқтисодӣ шартномаҳои суғурта, махсусан шартномаҳои суғуртаи таваккали соҳибкорӣ ва масъулияти мадании соҳибкоронро ҳамчун унсури муҳим ва ҷудонашавандаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳамчун воситаи ҳифзи натиҷаҳои иқтисодӣ баррасӣ мекунанд.

# БОБИ 2. ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ВА МУШКИЛОТҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР БОЗОРИ СУҒУРТА

## 2.1. Шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта

Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта дар ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун системаи мукаммали шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқӣ баромад мекунад, ки ҳадафаш таъмини устувории молиявӣ, ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон, пешгирии хатарҳои системавӣ ва рушди рақобати солим мебошад. Ин танзим дар асоси принсипҳои конститутсионӣ ва қонунҳои соҳавӣ амалӣ мегардад ва дар марҳилаи муосир аз ҷониби мақоми ягонаи назоратӣ – Бонки миллии Тоҷикистон сурат мегирад [44; 31].

Мувофиқи моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкориро кафолат медиҳад [1]. Ин принсип барои бозори суғурта ҳамчун майдони фаъолияти соҳибкорӣ асос мегузорад. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» дар моддаи 4 «принсипҳои қонуният, шаффофият, баробарҳуқуқӣ ва кафолати ҳимояи ҳуқуқҳои субъекти соҳибкорӣ»-ро муайян менамояд, ки дар танзими бозори суғурта ҳамчун меъёрҳои асосӣ татбиқ мешаванд [33].

Шаклҳои асосии танзими давлатӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта дар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» муқаррар шудаанд [31]. Ба онҳо дохил мешаванд:

«– иҷозатномадиҳӣ (литсензиядиҳӣ) ҳамчун шакли пешгирикунанда;

– назорати молиявӣ ва иқтисодӣ (меъёрҳои сармоя, захираҳо, тарифҳо);

– чораҳои таъсиррасонӣ (маҳдудкунӣ, боздоштан, бекор кардани иҷозатнома);

– пешгирии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати носолим» [31;35].

Ин шаклҳо бо механизмҳои ҳуқуқӣ (Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020 № 211 дар бораи ҳадди ақалли сармоя [20], Қарори № 74 дар бораи тарифҳо [13], Қарори № 129 дар бораи ҷойгиркунии захираҳо [12]) таъмин карда шудаанд.

Дар адабиёти илмӣ М.З. Раҳимзода ва Д.Ш. Сангинов таъкид менамоянд, ки «барои амалӣ намудани вазифаҳои давлат дар соҳаи суғурта, танзими бозори суғурта, ки пеш аз ҳама дар танзими ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни ин бозор, дар таъмини пардохтпазирии он ифода ёфтааст, ниҳоят зарур аст. Ҳадафи суғурта фароҳам овардани шароити мусоид барои бахшҳои хизматрасони иқтисодиёт мебошад, на фоида ба ташкилоти суғуртавӣ, ки бояд онро мақомоти давлатӣ ва мақомоти назорати суғурта ба инобат гиранд. Дар ин робита муносибати босалоҳият ва мутавозин ба ҳамаи иштирокчиёни раванди суғурта муҳим аст. Вазифаҳои асосии танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ чунин мебошанд: таъсис ва нигоҳдории низоми суғуртавии устувор дар ҶТ ва ташаккули инфрасохтори бозори суғурта; танзими бозори суғурта ва назорат аз рӯйи фаъолияти суғуртавӣ; ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон; вазифаҳои дигаре, ки қонунгузории ҶТ дар соҳаи суғурта муайян намудааст» [100, с. 400].

Ин нуқтаи муҳим дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» возеҳ инъикос ёфтааст, ки мақоми назорати суғуртавӣ – Бонки миллии Тоҷикистон, вазифаҳои асосии танзим ва назоратро дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ ба уҳда дорад [31; 18].

Таҳлили қонунҳои махсуси соҳавӣ (суғуртаи ҳатмӣ [37], суғуртаи нафақавӣ [32; 27], суғуртаи амонату пасандозҳо [28]) собит менамояд, ки танзими давлатӣ дар намудҳои ҳатмӣ бо механизмҳои қатъӣ ва сахт амалӣ карда мешавад. Ин механизмҳо ҳатмияти бастани шартнома, назорати саривақтии пардохтҳо ва ҷавобгарии қатъии соҳибкорон дар ҳолати вайрон кардани талаботҳои қонунро (моддаи 1050) дар бар мегиранд [11].

Дар ҳамин ҳол, дар суғуртаи ихтиёрӣ механизмҳои озодтар (иҷозатномадиҳӣ ва назорати молиявӣ) бартарӣ доранд.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи аввали таҳқиқот метавон хулоса кард, ки шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта системаи мутаносиби иҷозатномадиҳӣ, назорати молиявӣ, чораҳои таъсиррасонӣ ва пешгирии рақобати носолимро дар бар мегирад.

Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипи ягонагӣ ва марказонидашудаи назорат сурат мегирад, ки аз соли 2017 баъд аз вогузор кардани ваколатҳои пурра ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ягонаи танзимкунанда ва назораткунанда амалӣ мегардад [44]. Шакли асосии танзими пешгирикунанда дар соҳаи суғурта иҷозатномадиҳӣ (литсензиядиҳӣ) мебошад. Мувофиқи моддаи 1051 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун суғуртакунанда фақат шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, ки иҷозатномаи дахлдор доранд, метавонанд шартномаҳои суғурта бастан [11]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ин шакли танзимро ҳамчун механизми ҳатмӣ барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта муқаррар менамояд [30].

Дар амал иҷозатномадиҳӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон сурат мегирад ва дар бар мегирад талаботҳои қатъӣ нисбат ба ҳаҷми

сармояи оинномавӣ, захираҳои техникии суғуртавӣ ва қобилияти молиявии ташкилот [20].

Механизмҳои танзими молиявӣ ва иқтисодӣ низ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон тавассути қарорҳои Раёсат амалӣ карда мешаванд. Масалан: муқаррар намудани ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ (Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020 № 211) [20]; талабот ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ (Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2022 № 74) [13]; тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавӣ (Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 06 августи соли 2021 № 129) [12].

Ин механизмҳо устувории молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ ва қобилияти онҳо барои иҷрои уҳдадориҳо нисбат ба суғурташавандагон (аз ҷумла субъектҳои соҳибкорӣ)-ро таъмин менамоянд.

Дар адабиёти илмӣ М.З. Раҳимзода иброз менамояд, ки «назорати давлатии фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори суғурта (назорати суғуртавӣ) бо мақсади аз ҷониби онҳо риоя намудани қонунгузорӣ дар соҳаи суғурта, огоҳкунӣ ва аз ҷониби иштирокчиён он риоя накардани муносибатҳо, ки бо қонунгузорӣ дар соҳаи суғурта танзим гардидаанд, таъмини ҳимояи ҳуқуқҳо, манфиатҳои суғурташавандагон, шахсони қонунии дигари манфиатдор ва давлат, рушди босамараи бозори суғурта амалӣ карда мешавад» [169, с. 89-95]. Д.Ш. Сангинов таъкид менамояд, ки «механизмҳои танзимӣ бояд ҳамзамон ҳимояи суғурташавандагон ва озодии фаъолияти тиҷоратиро таъмин намоянд» [111, с. 600]. Ин нуқта дар моддаи 35 Қонуни «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» инъикос ёфтааст, ки пешгирии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати носолимро дар бозори суғурта ҳатмӣ медонад [31; 35].

Таҳлили қонунҳои махсус нишон медиҳад, ки дар намудҳои ҳатмии суғурта (масалан, суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт [37]) танзим бо механизмҳои қатъӣ (ҳатмияти бастани

шартнома, назорати пардохтҳо, ҷавобгарии соҳибкорон дар ҳолати вайронкунӣ моддаи 1050 КМҶТ [11]) амалӣ мегардад. Дар суғуртаи ихтиёрӣ механизмҳои озодтар (иҷозатномадиҳӣ, назорати молиявӣ, чораҳои ислоҳӣ) бартарӣ доранд [31].

Механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд: механизмҳои пешгирикунанда (иҷозатномадиҳӣ ва талаботҳои ибтидоӣ) ва механизмҳои назоратӣ-ислоҳӣ (назорати доимӣ, чораҳои таъсиррасонӣ ва ҷавобгарӣ). Ин тақсимот дар Қонуни «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон комилан инъикос ёфтааст [31; 44; 20; 13; 12].

Асоси механизмҳои пешгирикунанда иҷозатномадиҳӣ мебошад. Мувофиқи моддаи 1051 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти суғуртавӣ танҳо аз ҷониби шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, ки иҷозатномаи дахлдор доранд, амалӣ карда мешавад [11]. Қонуни «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ин шаклро ҳамчун механизми ҳатмӣ барои ҳама намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта муқаррар менамояд [30].

Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми баррасӣ талаботҳои зеринро муқаррар мекунад: «ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ (Қарори Раёсати БМТ аз 31 марти соли 2020 № 211) [20]; талабот ба ташкили захираҳои техникии суғуртавӣ ва тартиби ҷойгиркунии онҳо (Қарори Раёсати БМТ аз 06 августи соли 2021 № 129) [12]; услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ (Қарори Раёсати БМТ аз 21 июни соли 2022 № 74)» [13].

Ин механизмҳо пеш аз оғози фаъолият ҳимояи манфиатҳои суғурташавандагон ва устувории молиявии бозорро таъмин менамоянд. Дар адабиёти илмӣ А.В. Золотухин таъкид мекунад, ки «иҷозатномадиҳӣ ҳамчун шакли пешгирикунандаи хатарҳои системавӣ дар бозори суғурта баромад мекунад» [197, с. 44].

Механизмҳои назоратӣ-ислоҳӣ баъд аз оғози фаъолият амалӣ мешаванд ва дар моддаҳои 36 ва 37 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» муфассал муайян шудаанд. Ба онҳо дохил мешаванд: « назорати доимии молиявӣ ва риояи меъёрҳо; чораҳои фаврии ислоҳӣ (талаби пурра кардани сармоя, маҳдудкунии пардохтҳо, таъиноти маъмурияти муваққатӣ); чораҳои таъсиррасонӣ (боздоштани амали иҷозатнома, бекор кардани он, барҳамдиҳии ташкилот)» [31].

Масалан, дар ҳолати вайрон кардани талаботҳои молиявӣ Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад амали иҷозатномаро муваққатан боздорад, талаби ислоҳи вазъиятро гузорад ё фаъолияти ташкилотро комилан қатъ намояд. Ин механизми назоратӣ дар амал дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2022 № 301 дар бораи барҳамдиҳии Корхонаи воҳиди давлатии суғуртавии «Тоҷиксармоягузор» татбиқ карда шуд [15].

Дар адабиёти илмӣ Д.Ш. Сангинов таъкид мекунад, ки «чораҳои ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ бояд ҳамзамон ҳимояи суғурташавандагон ва ҳуқуқи соҳибкории ташкилотҳои суғуртавиро таъмин намоянд. Ин талабот аз он бармеояд, ки бозори суғурта ҳамчун системаи мураккаб ҳам манфиатҳои истеъмолкунандагон (суғурташавандагон)-ро ҳифз мекунад ва ҳам шароити муносиби фаъолияти соҳибкориро барои ташкилотҳои суғуртавӣ фароҳам меорад. Аз як тараф, чораҳои таъсиррасонӣ набояд ба дараҷае қатъӣ бошанд, ки фаъолияти соҳибкориро комилан фалаҷ кунанд, аз тарафи дигар, онҳо наметавонанд хеле заиф бошанд, то ҳуқуқҳои суғурташавандагонро ҳифз накунанд. Масалан, дар ҳолати вайрон кардани меъёрҳои молиявӣ Бонки миллии Тоҷикистон метавонад чораҳои гуногунро истифода барад: аз огоҳинома ва талаби ислоҳи вазъият сар карда, то боздоштани амали иҷозатнома ва ҳатто қатъи комили фаъолияти ташкилот. Ҳангоми

интихоби чораҳо мақомоти назоратӣ вазифадоранд, ки ҳам ҳифзи манфиатҳои ҳазорҳо суғурташавандагонро ба назар гиранд ва ҳам ҳуқуқи соҳибкории ташкилоти суғуртавиро поймол накунанд. Ин мувозинат аҳаммияти калон дорад, зеро аз як тараф, суғурташавандагон бояд аз ҳолатҳои рад кардани пардохтҳои беасос, таъхирҳои тулонӣ ва вайрон кардани шартҳои шартнома ҳифз шаванд, аз тарафи дигар, ташкилотҳои суғуртавӣ ҳуқуқ доранд, ки дар доираи қонун фаъолияти тиҷоратии худро озодона ва бо фоида анҷом диҳанд. Агар чораҳои таъсиррасонӣ аз ҳад зиёд сахт бошанд, метавонанд ба коҳиш ёфтани рақобат, кам шудани шумораи ширкатҳои суғуртавӣ ва дар натиҷа боло рафтани нархҳои суғурта оварда расонанд. Баръакс, агар чораҳо заиф бошанд, ҳуқуқҳои суғурташавандагон поймол мешавад ва сатҳи боварӣ ба тамоми системаи суғурта паст мешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми татбиқи чораҳои ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ зарур аст, ки принсипи мувозинат қатъан риоя карда шавад: ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон бояд ҳамзамон бо ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкории ташкилотҳои суғуртавӣ сурат гирад. Ин мувозинат на танҳо талаботи ҳуқуқӣ, балки шарти зарурӣ барои рушди устувор ва боэътимоди бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад» [111, с. 600]. Ин нуқта дар моддаи 1050 Кодекси маданӣ инъикос ёфтааст, ки дар ҳолати вайронкунии қоидаҳои суғуртаи ҳатмӣ соҳибкор дар назди зарардида мувофиқи шартҳои ҳатмӣ ҷавобгар мешавад [11].

Чораҳои ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ ҳамчун механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта нақши калидӣ доранд. Ин чораҳо ҳангоми ошкор шудани вайронкуниҳо ё хатарҳои устуворӣ ба фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ татбиқ шуда, ҳадафашон барқарорсозии вазъи молиявӣ, ҳимояи манфиатҳои суғурташавандагон ва пешгирии оқибатҳои манфии системавӣ мебошанд.

Мувофиқи моддаи 36 Қонуни «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» мақоми назорати суғуртавӣ (Бонки миллии Тоҷикистон) ҳуқуқ дорад чораҳои фаврии ислоҳиро татбиқ намояд, аз ҷумла: «талаби тағйири шартҳои шартномаҳо ё пардохти мукофоти иловагӣ; маҳдудияти муваққатии қабул ва интиқоли дороиҳо; таъиноти маъмурияти муваққатӣ барои идоракунии ташкилот; талаби пурра кардани ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ дар муҳлати муайян» [31].

Ин чораҳо ҳангоми ошкор шудани вайронкуниҳои ҷиддӣ (масалан, норасоии захираҳои техникии суғуртавӣ, вайрон кардани меъёрҳои сармоя ё қоидаҳои баҳисобгирӣ) татбиқ карда мешаванд ва ҳадафи асосии онҳо пеш аз ҳама ислоҳи вазъият ва барқарор кардани устувории молиявии ташкилот мебошад.

Дар ҳолатҳои вазнинтар моддаи 37 ҳуқуқи татбиқи чораҳои таъсиррасониро муқаррар менамояд: «боздоштани амали иҷозатнома; бекор кардани иҷозатнома; барҳамдиҳии ташкилоти суғуртавӣ» [31].

Ин чораҳо танҳо бо қарори мақоми назорат ва дар асоси далелҳои возеҳ татбиқ мешаванд. Масалан, дар амалияи Тоҷикистон барҳамдиҳии Корхонаи воҳиди давлатии суғуртавии «Тоҷиксармоягузор» бо Қарори Ҳукумат аз 28 июни соли 2022 № 301 амалӣ шудааст, ки ин ҳамчун намунаи татбиқи чораҳои ниҳоӣ дар ҳолати вайронкуниҳои ҷиддӣ хизмат мекунад [15].

Дар адабиёти илмӣ А.В. Золотухин таъкид мекунад, ки «чораҳои ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ бояд мутавозин бошанд: аз як тараф ҳимояи суғурташавандагон ва устувории бозорро таъмин намоянд, аз тарафи дигар ҳуқуқи соҳибкории ташкилотҳои суғуртавиро поймол накунанд» [198, с. 316]. Ин нуқта дар моддаи 1050 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки дар ҳолати вайронкунии қоидаҳои суғуртаи ҳатмӣ соҳибкор дар назди зарардида мувофиқи шартҳои ҳатмӣ

ҷавобгар мешавад ва маблағҳои беасос нигоҳдошташуда ба фоидаи давлат рӯёнида мешаванд [11].

Дар амалияи Тоҷикистон чораҳои ислоҳӣ аксар вақт бо талаби пурра кардани сармоя ё тағйири идоракунӣ оғоз мешаванд ва дар ҳолатҳои вазнин ба боздоштан ё барҳамдиҳӣ мерасанд. Ин механизмҳо ҳам ҳимояи суғурташавандагон (аз ҷумла субъектҳои соҳибкорӣ)-ро таъмин мекунанд ва ҳам имкон медиҳанд, ки ташкилотҳои суғуртавӣ вазъи худро ислоҳ намоянд.

Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипи ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва устувории молиявии бозор сурат мегирад. Ин принсипҳо дар Конститутсия (моддаи 12) [1] ва Қонуни «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (моддаи 4) [33] мустаҳкам шудаанд ва дар соҳаи суғурта тавассути механизмҳои махсус татбиқ мегарданд.

Яке аз механизмҳои муҳимми танзим дар намудҳои ҳатмии суғурта ҳатмияти бастани шартнома ва назорати иҷрои он мебошад. Мувофиқи моддаи 1048 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаи ҳатмӣ барои ҳимояи ҳаёт, саломатӣ, молу мулки шахсони дигар ва ҷавобгарии мадании соҳибкорон пешбинӣ шудааст [11]. Дар ин ҳолатҳо соҳибкор (суғурташаванда) уҳдадор аст шартномаи суғуртаи ҳатмиро бо ташкилоти суғуртавӣ банданд ва риоя накардани ин талабот оқибатҳои ҳуқуқии ҷиддӣ дорад (моддаи 1050 КМ ҶТ) [11].

Механизмҳои танзими ҳатмӣ дар қонунҳои махсус муфассал муқаррар шудаанд: «дар суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт ҳатмияти бастани шартнома, ҳадди ақалли маблағи суғурта ва тартиби пардохтҳо аз ҷониби қонун муайян карда мешаванд [37]; дар суғуртаи нафақавӣ ва нафақавии касбӣ ҳатмияти пардохти

мукофотҳо ва назорати интиқоли маблағҳо ба ҳисобҳои инфиродӣ пешбинӣ шудааст [32; 27]; дар суғуртаи амонату пасандозҳо механизмҳои кафолати давлатӣ ва ҳадди ҷуброн барои ҳимояи пасандозҳои соҳибкорон ва аҳолӣ муқаррар гардидаанд» [28].

Дар ҳолати вайронкунии қоидаҳои суғуртаи ҳатмӣ моддаи 1050 КМ ҶТ муқаррар менамояд, ки соҳибкор дар назди зарардида мувофиқи ҳамон шартҳое, ки дар сурати вуҷуди суғуртаи дуруст татбиқ мешуданд, ҷавобгар мешавад, ва маблағҳои беасос нигоҳдошташуда бо фоизҳо ба фоидаи давлат рӯёнида мешаванд [11]. Ин механизм ҳам ҳимояи манфиатҳои ҷабрдидагонро таъмин мекунад ва ҳам соҳибкоронро ба риояи қоидаҳои ҳатмӣ водор месозад.

Дар адабиёти илмӣ М.З. Раҳимзода таъкид мекунад, ки «танзими ҳатмӣ дар бозори суғурта ҳамчун кафолати ҳимояи манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ баромад намуда, устувории муносибатҳои соҳибкориро таъмин менамояд» [169, с. 89-95]. Д.Ш. Сангинов қайд мекунад, ки «механизмҳои ҳатмӣ бояд бо принсипҳои озодии соҳибкорӣ мувозинат дошта бошанд, то аз маҳдудкунии беасоси фаъолият пешгирӣ шавад» [111, с. 600].

Таҳлили қонунҳои муосир (аз ҷумла иловаҳои соли 2025 ба Қонуни «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» [29]) нишон медиҳад, ки механизмҳои танзими ҳатмӣ торафт мукаммал шуда истодаанд: «ҳадди ақалли маблағҳо, тартиби пардохтҳо ва назорати иҷрои ухдадориҳо қатъитар муайян карда мешаванд. Ин раванд ба ҳимояи беҳтари манфиатҳои соҳибкорон ва истеъмолкунандагон мусоидат менамояд.

Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду самти асосӣ сурат мегирад: танзими умумӣ (иҷозатномадиҳӣ, назорати молиявӣ ва чораҳои ислоҳӣ) ва танзими махсус (ҳатмии бастани шартномаҳо, муқаррар кардани ҳадди ақалли маблағҳо ва ҷавобгарӣ барои

вайронкунӣ дар намудҳои ҳатмии суғурта). Ин ду самт дар якҷоягӣ системаи мутаносиб ва самарабахшро барои ҳимояи манфиатҳои суғурташавандагон ва таъмини устувории бозори суғурта фароҳам меоранд.

Дар самти танзими умумӣ Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ягонаи назоратӣ [44] механизмҳои зеринро татбиқ мекунад: «иҷозатномадиҳӣ ва тасдиқи қоидаҳои стандартии суғурта; муқаррар намудани меъёрҳои молиявӣ (сармоя, захираҳо, тарифҳо) [20; 13; 12]; назорати доимӣ ва санҷишҳои мунтазам; чораҳои ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ дар ҳолати вайронкуниҳо» [31].

Ин механизмҳо ба ташкилотҳои суғуртавӣ имкон медиҳанд, ки фаъолияти тиҷоратӣ анҷом диҳанд, аммо дар доираи қоидаҳои қатъӣ ва назорати доимӣ. Дар адабиёти соҳавӣ Д.Ш. Сангинов, П.З. Мирзоев таъкид мекунанд, ки «танзими умумӣ бояд ҳам ҳимояи суғурташавандагон ва ҳам озодии соҳибкории ташкилотҳои суғуртавиро таъмин намояд. Ин талабот аз он бармеояд, ки танзими умумӣ ҳамчун механизми асосӣ наметавонад фақат ба манфиати як тараф равона шавад. Аз як ҷониб, вазифаи аввалиндараҷаи он ҳифзи ҳуқуқҳои суғурташавандагон ҳамчун истеъмолкунандагони хизматҳои суғуртавӣ мебошад. Ин ҳимоя аз рад кардани пардохтҳои беасос, таъхирҳои тулонӣ, пинҳон кардани маълумот ва дигар ҳолатҳои зарароварро дар бар мегирад. Аз ҷониби дигар, танзими умумӣ набояд ба дараҷае қатъӣ ва фишороваранда бошад, ки озодии соҳибкории ташкилотҳои суғуртавӣ ва имкони рушди онҳоро маҳдуд кунад. Агар танзими умумӣ аз ҳад зиёд сахт бошад, метавонад боиси кам шудани рақобат, аз бозор баромадани ширкатҳои хурд ва миёна, боло рафтани нархҳои суғурта ва дар натиҷа кам шудани дастрасии аҳолӣ ба хизматҳои суғуртавӣ гардад. Баръакс, агар танзим заиф бошад, ҳуқуқҳои суғурташавандагон поймол мешавад, сатҳи боварӣ ба бозор паст мешавад ва устувории умумии

системаи суғурта зери хатар мемонад. Аз ин рӯ, принсипи мувозинат дар танзими умумӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Мақомоти назоратӣ (Бонки миллии Тоҷикистон) ҳангоми татбиқи чораҳои иҷозатномадиҳӣ, назорати молиявӣ ва чораҳои ислоҳӣ бояд ҳам ҳифзи манфиатҳои ҳазорҳо суғурташавандагон ва ҳам ҳуқуқи соҳибкорӣ ва озодии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавиро ба назар гиранд. Ин мувозинат на танҳо талаботи ҳуқуқӣ, балки шарти зарурӣ барои рушди солим, рақобатпазир ва боэътимоди бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Танҳо дар ҳолати риояи ин мувозинат метавон ҳам ҳимояи воқеии истеъмолкунандагонро таъмин кард ва ҳам шароити мусоидро барои рушди соҳибкории муосир дар соҳаи суғурта фароҳам овард» [108, с. 600].

Дар самти танзими махсус (суғуртаҳои ҳатмӣ) механизмҳо қатъитар ва ҳатмӣ мебошанд. Мувофиқи моддаи 1048 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаи ҳатмӣ барои ҳимояи ҳаёт, саломатӣ, молу мулки шахсони дигар ва ҷавобгарии мадании соҳибкорон пешбинӣ шудааст. Дар ин ҳолатҳо: «ҳатмияти бастани шартнома бо ташкилоти суғуртавӣ; ҳадди ақалли маблағи суғурта ва мукофот аз ҷониби қонун муайян карда мешавад; риоя накардани уҳдадорӣ оқибатҳои мустақими ҳуқуқӣ дорад (ҷавобгарии маданӣ дар ҳаҷми пурраи зарар, рӯёнидани маблағҳо ба фоидаи давлат бо фоизҳо» [11].

Ин механизмҳо дар қонунҳои махсус муфассал муқаррар шудаанд:

«– дар суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт ҳатмияти шартнома, ҳадди масъулият ва тартиби пардохтҳо қатъӣ муайян шудаанд [37];

– дар суғуртаи нафақавӣ ва нафақавии касбӣ ҳатмияти пардохтҳои мукофотҳо ва назорати интиқоли маблағҳо ба ҳисобҳои инфиродӣ пешбинӣ гардидааст [32; 27];

– дар суғуртаи амонату пасандозҳо механизмҳои кафолати давлатӣ ва ҳадди ҷуброн барои ҳимояи пасандозҳои соҳибкорон ва аҳолӣ муқаррар шудаанд» [28].

Дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, ки «танзими махсус дар намудҳои ҳатмӣ ҳамчун кафолати ҳимояи манфиатҳои ҷомеа ва устувории муносибатҳои соҳибкорӣ баромад намуда, соҳибкоронро ба риояи қоидаҳои ҳатмӣ водор месозад» [114, с. 912]. Ин нуқта дар таҷрибаи судӣ низ тасдиқ мешавад: дар ҳолати набудан ё нокифоя будани суғуртаи ҳатмӣ соҳибкор дар ҳаҷми пурраи зарар ҷавобгар дониста мешавад [29].

Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти суғуртаи ихтиёрӣ бо механизмҳои нисбатан озодтар ва бозорӣ сурат мегирад. Бар хилофи суғуртаи ҳатмӣ, ки дар он ҳатмияти бастани шартнома ва ҳадди ақалли маблағҳо аз ҷониби қонун муқаррар мешаванд, дар суғуртаи ихтиёрӣ тарафҳо (суғуртакунанда ва суғурташаванда) ҳуқуқи васеъ доранд шартҳо, ҳаҷми маблағи суғурта, мукофот ва намуди хатарҳоро озодона муайян намоянд [11].

Механизмҳои асосии танзим дар суғуртаи ихтиёрӣ инҳоянд: «иҷозатномадиҳӣ ва тасдиқи қоидаҳои стандартии суғурта аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон [31; 30]; назорати молиявӣ ва иқтисодӣ (ҳадди ақалли сармоя, захираҳои техникии суғуртавӣ, тартиби ҷойгиркунии маблағҳо) [20; 12]; назорати доимии фаъолият ва риояи меъёрҳо [13]; чораҳои ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ дар ҳолати вайронкуниҳо (боздоштани фаъолият, маҳдудкунии пардохтҳо, бекор кардани иҷозатнома)» [31].

Ин механизмҳо ба ташкилотҳои суғуртавӣ имкон медиҳанд, ки маҳсулоти гуногуни суғуртавӣ (аз ҷумла суғуртаи таваккали соҳибкорӣ, молу мулк, масъулият) пешниҳод намоянд, аммо дар доираи талаботҳои

қатъии устуворӣ ва ҳимояи суғурташавандагон. Дар адабиёти илмӣ таъкид шудааст, ки «танзими суғуртаи ихтиёрӣ бояд ҳам озодии шартномаро ҳифз кунад ва ҳам ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагонро таъмин намояд» [179, с. 540].

Мувофиқи моддаи 1042 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар суғуртаи ихтиёрӣ объектҳо (молу мулк, таваккали ҷавобгарии маданӣ, таваккали соҳибкорӣ) ва ҳаҷми маблағи суғурта бо созиши тарафҳо муайян карда мешаванд, ки ин озодии шартномаро таъмин менамояд» [11]. Аммо моддаи 1060 қоидаи ҷуброни воқеиро муқаррар мекунад: «маблағи суғурта набояд аз арзиши воқеии зарар зиёд бошад, ки ин принсипи ҳимояи суғуртакунанда ва пешгирии ғаразнок истифода бурдани суғуртаро таъмин менамояд» [11].

Дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаи ихтиёрии тиҷоратӣ, хусусан суғуртаи таваккали соҳибкорӣ, ҳанӯз дар марҳилаи аввали ташаккул ва рушд қарор дорад. Танзими ҳуқуқӣ дар ин самт бештар ба назорати молиявӣ ва таъмини устувории ташкилотҳои суғуртавӣ равона шудааст, на ба маҳдуд кардани шароит ва шартҳои шартномаҳо. Масалан, ташкилотҳои суғуртавӣ ҳуқуқ доранд қоидаҳои стандартии суғуртаи таваккали соҳибкориро бо мувофиқаи Бонки миллии Тоҷикистон таҳия намоянд, ки ин озодии бозориро таъмин мекунад [31; 13].

Дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки «танзими суғуртаи ихтиёрӣ бояд ба рушди рақобат ва гуногунии маҳсулот мусоидат намояд, то соҳибкорон имкониятҳои васеъ барои идоракунии хатарҳои тиҷоратӣ дошта бошанд» [120, с. 252]. Ин нуқта дар моддаи 1055 Кодекси маданӣ инъикос ёфтааст, ки «шартҳои шартномаи суғурта набояд вазъи суғурташавандаро нисбат ба муқаррароти қонун бадтар гардонанд» [11].

Таҳлили қонунҳои муосир (аз ҷумла иловаҳои соли 2025 ба Қонуни «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» [29]) нишон медиҳад, ки танзими

суғуртаи ихтиёрӣ торафт ба самти афзоиши рақобат ва гуногунии маҳсулот ҳаракат мекунад, вале ҳанӯз ба сатҳи пурраи рушди бозори ихтиёрии тиҷоратӣ нарасидааст.

Муқоисаи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта равшан нишон медиҳад, ки дар сатҳи принсипҳо ва шаклҳои асосӣ ҳамоҳангӣ қавӣ вуҷуд дорад, аммо дар сатҳи амалӣ, таносуби механизмҳо ва суръати рушди бозор фарқиятҳои муайян ва назаррас мушоҳида мешаванд.

Дар стандартҳои байналмилалӣ (масалан, Директиваи 2009/138/ЕС – Solvency II, қонунҳои Русия, Қазоқистон, Украина, Қирғизистон ва Олмон) танзими бозори суғурта дар асоси принсипҳои зерин сурат мегирад: «афзалияти суғуртаи ихтиёрӣ ва рушди рақобат; назорати молиявии пешрафта ва талаботҳои сармояи баланд; ҳимояи суғурташавандагон тавассути фонди кафолат ва системаҳои ҷуброн; шаффофият ва гуногунии маҳсулот (аз ҷумла суғуртаи таваккали соҳибкорӣ ва талафоти даромад)» [217; 6; 2; 9; 8; 3].

Дар ин низомҳо бозори суғурта пурра ташаккулёфта буда, ҳаҷми суғуртаҳои ихтиёрии тиҷоратӣ хеле зиёд аст ва танзим бештар ба ҳавасмандгардонӣ ва рушди рақобат равона шудааст.

Дар ҳуқуқи Тоҷикистон бошад, танзим то ҳол ба суғуртаҳои ҳатмӣ афзалияти қавӣ медиҳад. Қонунҳои асосӣ дар ин самт инҳоянд: «суғуртаи давлатии иҷтимоӣ [21]; суғуртаи тиббӣ [25]; суғуртаи мутақобила [36]; суғуртаи нафақавӣ ва нафақавии касбӣ [23; 32; 27]; суғуртаи амонату пасандозҳо [28]; суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт» [37].

Ин суғуртаҳои ҳатмӣ қисми зиёди бозорро ташкил медиҳанд ва ҳадафҳои онҳо бештар иҷтимоӣ ва ҳимояи ҷомеа мебошанд. Суғуртаи

ихтиёрии тиҷоратӣ (хусусан суғуртаи таваккали соҳибкорӣ) ҳанӯз дар марҳилаи аввали рушд қарор дорад ва ҳаҷми он дар муқоиса бо суғуртаҳои ҳатмӣ хеле маҳдуд аст [97, с. 420; 197, с. 44; 169, с. 89-95].

Дар таҷрибаи байналмилалӣ (масалан, Қонуни Канада «Дар бораи ташкилотҳои суғуртавӣ», Қонуни Украина «Дар бораи суғурта», Қонуни Қирғизистон «Дар бораи суғурта ва фаъолияти суғуртавӣ» [2; 9; 3]) бозори суғурта бо рақобати баланд, гуногунии маҳсулот ва ҳаҷми калон тавсиф мешавад. Дар ҳоле ки дар Тоҷикистон бозор ҳанӯз навташаккул буда, ҳаҷми умумии суғуртаҳои ихтиёрии тиҷоратӣ хеле хурд аст. Ин аз омилҳои зерин бармеояд: «сатҳи пасти огоҳии соҳибкорон аз имкониятҳои суғуртаи натиҷаи иқтисодӣ; маҳдудияти захираҳои молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ барои қабули хатарҳои калон; афзалияти сиёсати давлатӣ ба суғуртаҳои ҳатмӣ ва иҷтимоӣ» [169, с. 89-95; 219].

Дар ҳамин ҳол, принсипҳои асосӣ (озодии шартнома, ҳимояи манфиати суғурташаванда, ҷуброни воқеӣ, алеаторӣ) дар ҳуқуқи Тоҷикистон бо стандартҳои байналмилалӣ ҳамоҳанганд [11; 217; 3]. Фарқиятҳо бештар дар татбиқи амалӣ ва таносуби ихтиёрӣ/ҳатмӣ зоҳир мешаванд.

Ҳамин тариқ, муқоисаи анҷомдодашуда равшан нишон медиҳад, ки дар сатҳи назариявӣ ва қонунгузорӣ заминаи ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стандартҳои байналмилалӣ ҳамоҳангӣ ва мувофиқат дорад, аммо дар сатҳи амалӣ афзалият ба суғуртаҳои ҳатмӣ дода шудааст ва бозори суғуртаи ихтиёрии тиҷоратӣ ҳанӯз дар марҳилаи навташаккул қарор дорад. Ин фарқиятҳо имкон медиҳанд, ки самтҳои асосии такмили низом – рушди суғуртаи ихтиёрӣ, афзоиши рақобати солим ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа, дар қисми ниҳоӣ пешниҳод карда шаванд.

Таҳлили мукаммали шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки як қатор хулосаҳои муҳим ва самтҳои асосии такмил муайян карда шаванд:

1. Танзими давлатӣ дар бозори суғурта системаи мутаносиби шаклҳои пешгирикунанда (иҷозатномадиҳӣ ва талаботҳои ибтидоӣ), назоратӣ-ислоҳӣ (назорати доимӣ, чораҳои фаврӣ ва таъсиррасонӣ) ва махсус (ҳатмияти бастани шартномаҳо ва ҷавобгарӣ дар намудҳои ҳатмӣ)-ро дар бар мегирад.

2. Дар самти суғуртаи ҳатмӣ танзим бо механизмҳои қатъӣ (ҳатмияти бастани шартнома, муқаррар кардани ҳадди ақалли маблағҳо ва ҷавобгарии мустақим барои вайронкунӣ) тавсиф мешавад, ки ҳимояи манфиатҳои ҷомеа ва устувории муносибатҳои соҳибкориро таъмин менамояд.

3. Дар самти суғуртаи ихтиёрӣ танзим нисбатан озодтар буда, бештар ба назорати молиявӣ, устувории ташкилотҳо ва ҳифзи манфиатҳои суғурташавандагон равона аст, ки озодии шартнома ва рақобати солимро таъмин менамояд.

4. Назорати ягона аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор устувории молиявӣ, шаффофият ва ҳимояи суғурташавандагонро таъмин менамояд, вале ҳанӯз ба сатҳи пурраи рушди бозори ихтиёрии тиҷоратӣ нарасидааст.

5. Муқоиса бо стандартҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки дар сатҳи назариявӣ ҳамоҳангӣ қавӣ аст, аммо дар амалия афзалият ба суғуртаҳои ҳатмӣ дода шуда, бозори суғуртаи ихтиёрии тиҷоратӣ (хусусан суғуртаи таваккали соҳибкорӣ) ҳанӯз дар марҳилаи навташаккул қарор дорад.

## 2.2. Мушкилоти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа дар ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар соҳаи суғурта

Дар шароити муосири рушди иқтисоди бозорӣ ва тағйирёбии пайвастаи муҳити соҳибкорӣ, суғурта ҳамчун воситаи муҳимми ҳифзи манфиатҳои молу мулкии соҳибкорон ва устувории фаъолияти онҳо нақши калидӣ мебозад. Тавре ки дар адабиёти ҳуқуқии муосир қайд гардидааст, «суғуртаи таваккали соҳибкорӣ ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки дар сурати ба амал омадани ҳодисаҳои ногувор, зарарҳои молиявиро ҷуброн намуда, фаъолияти худро идома диҳанд» [88, с. 144; 194, с. 189]. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи амалии фаъолияти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки соҳибкорон ҳангоми истифодаи суғуртаи ихтиёрӣ бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мешаванд, ки асоси онҳо ба пардохт нашудани ҷуброни суғуртавӣ рабт дорад.

Тибқи маълумоти расмии Бонки миллии Тоҷикистон, дар соли 2025 низоми суғуртаи кишвар ба рушди устувор идома додааст ва дар ин давра як қатор ислоҳоти муҳим дар соҳа амалӣ карда шуданд [219].

Аз ҷумла, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» тағйиру иловаҳои ҷиддӣ ворид карда шуда, имкони гузаронидани амалиёти суғуртавӣ ба таври ғайринақдӣ (электронӣ) фароҳам оварда шуд. Ҳамчунин, як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла «Тартиб ва меъёрҳои тарҳкунии саҳмияҳо ба захираҳои суғуртавӣ» ва «Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ» таҳия ва тасдиқ гардиданд, ки раванди муосири баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявиро дар соҳаи суғурта таъмин менамоянд.

Бо вуҷуди ин пешрафтҳо, дар амалия соҳибкорон аксар вақт бо рафтори беинсофонаи ширкатҳои суғуртавӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ширкатҳои суғуртавӣ барои радди пардохт баҳонаҳои расмии гуногунро истифода мебаранд, аз қабили "ҳодиса ба шартҳои шартнома

мувофиқат намекунад" ё "зарар исбот нашуд". Дар натиҷа, соҳибкор ҳам зарари моддӣ мебинад ва ҳам вақт ва неруи зеҳнии худро барои ҳалли баҳсҳо сарф мекунад. Ин вазъият дар таҷрибаи судӣ низ тасдиқи худро ёфтааст. Таҳлили парвандаҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки соҳибкорон маҷбуранд солҳо дар судҳо исбот кунанд, ки ҳодисаи рухдода воқеан суғуртавӣ будааст ва ширкати суғуртавӣ бояд уҳдадориҳои худро иҷро кунад [226;230].

Дар ҳамин ҳол, дар аксари давлатҳои пешрафта чунин баҳсҳо дар давоми 30 то 90 рӯз тавассути омбудсмен ё комиссияҳои махсуси ғайрисудии ҳалли баҳсҳо баррасӣ ва ҳал карда мешаванд, ки ин на танҳо сарфаи вақт, балки коҳиши хароҷоти ҳуқуқии соҳибкоронро низ таъмин менамояд. Ба андешаи муҳаққиқон, «яке сабабҳои асосии чунин фарқият дар сатҳи ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар он аст, ки дар кишварҳои пешрафта низоми мукаммали кафолатҳои давлатӣ ва шаффофияти иттилоотӣ фаъолият мекунад» [195, с. 202; 201, с. 178].

Яке аз мушкилоти асосие, ки дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дорад, набудани фонди кафолати суғуртавӣ мебошад. Фонди кафолати суғуртавӣ ҳамчун механизми муҳимми ҳифзи ҳуқуқи суғурташавандагон, аз ҷумла соҳибкорон, дар ҳолати муфлисшавӣ ё аз даст додани қобилияти пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ хизмат мекунад. Дар кишварҳои пешрафта чунин фондҳо барои таъмини устувории бозори суғурта ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии аҳолӣ ва соҳибкорон таъсис дода шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло танҳо Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳо фаъолият мекунад, ки пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар муассисаҳои қарзӣ кафолат медиҳад [220; 225]. Тибқи ҳисоботи ин Хазина, дар семоҳаи сеюми соли 2025, ҳаҷми умумии пасандозҳои кафолатнок дар кишвар афзоиш ёфта, шумораи пасандозгузорони кафолатнок низ зиёд гардидааст. Бо вуҷуди ин, дар

соҳаи суғурта чунин механизми кафолат ҳанӯз таъсис дода нашудааст, ки ин ба эътимоди соҳибкорон ба ширкатҳои суғуртавӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Тавре ки дар таҳқиқоти илмӣ қайд гардидааст, «набудани фонди кафолати суғуртавӣ боиси он мегардад, ки дар ҳолати муфлисшавии ширкатҳои суғуртавӣ, соҳибкорон маблағҳои худро пурра аз даст медиҳанд ва имконияти ҷуброни зарарро надоранд» [214, с. 123]. Ин вазъият на танҳо ба соҳибкорони алоҳида зарар мерасонад, балки ба тамоми бозори суғурта ва эътимод ба он таъсири манфӣ дорад.

Дар Иттиҳоди Аврупо масъалаи кафолати пардохтҳои суғуртавӣ дар сатҳи баланд танзим шудааст. Директиваи 2009/138/ЕК "Дар бораи таъсис ва амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта ва азнавсуғуртакунӣ" (Solvency II) [217] яке аз муҳимтарин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад. Ин директива на танҳо талаботҳоро нисбат ба қобилияти пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ муқаррар мекунад, балки заминаи ҳуқуқиро барои таъсиси фондҳои миллии кафолат низ фароҳам меорад.

Дар кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо фондҳои кафолати суғуртавӣ бо роҳҳои гуногун фаъолият мекунанд. Дар Олмон, тибқи Қонуни "Дар бораи назорати корхонаҳои суғуртавӣ" (Versicherungsaufsichtsgesetz – VAG) [9], «ҳамаи ширкатҳои суғуртавӣ вазифадоранд, ки ба фонди кафолат саҳмияҳои ҳатмӣ супоранд. Ин фонд дар ҳолати муфлисшавии ширкатҳои суғуртавӣ, пардохтҳоро ба суғурташавандагон то андозаи муайян (одатан то 80% -и маблағи суғурта, вале на зиёда аз 100 000 евро) кафолат медиҳад. Чунин механизм ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки дар сурати мушкилоти молиявии ширкати суғуртавӣ, ҳадди ақал қисми зарари худро ҷуброн кунанд».

Дар Фаронса низ Кодекси суғурта (Code des assurances) [10] таъсиси фонди миллии кафолатро пешбинӣ кардааст, ки аз ҷониди Фонди

кафолати суғуртавӣ (Fonds de Garantie des Assurances) идора карда мешавад. Ин фонд на танҳо дар ҳолати муфлисшавӣ, балки дар ҳолати рух додани офатҳои табиӣ ва садамаҳои технологии калон низ ба суғурташавандагон кумак мерасонад. Тавре ки дар боби 3-юми Кодекси суғурта омадааст, ин фонд аз ҳисоби саҳмияҳои ширкатҳои суғуртавӣ ва маблағҳои буҷетӣ таъмин карда мешавад.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ низ таҷрибаи таъсиси фондҳои кафолати суғуртавӣ мавҷуд аст. Дар Қазоқистон тибқи Қонуни "Дар бораи танзими давлатӣ, назорат ва санҷиши бозори молиявӣ ва ташкилотҳои молиявӣ", «мақомоти ваколатдор ҳуқуқ дорад, ки фаъолияти фондҳои кафолатро танзим кунад. А.Е. Бектенов дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки «таъсиси фонди кафолати пардохтҳои суғуртавӣ дар Қазоқистон ба баланд шудани устувории бозори суғурта ва афзоиши эътимоди аҳолӣ ба ширкатҳои суғуртавӣ мусоидат кардааст» [132, с. 186-194].

Дар Русия низ қадамҳои муҳим дар ин самт гузошта шудаанд. Қонуни федералии №477-ФЗ аз соли 2024 "Дар бораи кафолати ҳуқуқҳо аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи ҳаёт" [45] таъсиси фонди кафолати суғуртаи ҳаётро пешбинӣ кардааст. Ин фонд барои ҳифзи ҳуқуқи суғурташавандагон дар сурати муфлисшавии ширкатҳои суғуртавӣ таъсис дода шудааст. Дар давраи гузариш, барномаи таҷрибавӣ оид ба кафолати ҳуқуқҳо аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи ҳаёт амалӣ карда мешавад, ки дар доираи он Агентии кафолати пасандозҳо вазифадор аст, ки саҳмияҳои ширкатҳои суғуртавиро қабул ва идора кунад.

Дар Тоҷикистон, бо вуҷуди вуҷуди Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳо, чунин фонд барои ширкатҳои суғуртавӣ вуҷуд надорад. Ин камбудӣ дар таҳқиқотҳои илмӣ низ қайд шудааст. Золотухин А.В. таъкид мекунад, ки «набудани фонди кафолати суғуртавӣ яке аз омилҳои асосиест, ки ба паст будани эътимоди соҳибкорон ба суғурта дар

Тоҷикистон оварда мерасонад». Ба андешаи ин муҳаққиқ, «то замоне ки чунин фонд таъсис дода нашавад, соҳибкорон дар муносибатҳои суғуртавӣ ҳамчун тарафи заиф боқӣ мемонанд ва дар ҳолати мушкилоти молиявии ширкатҳои суғуртавӣ, маблағҳои худро пурра аз даст медиҳанд» [198, с. 316].

Дар асоси таҳлили таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷа ва бо назардошти хусусиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси фонди миллии кафолати пардохтҳои суғуртавӣ яке аз самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ба ҳисоб меравад. Ин фонд бояд дар шакли муассисаи давлатӣ ё ташкилоти ғайритиҷоратӣ таъсис дода шавад ва вазифаҳои зеринро иҷро кунад:

«1. Ҷамъоварии саҳмияҳои ҳатмӣ аз ширкатҳои суғуртавӣ тибқи меъёрҳои муқарраршуда. Тибқи таҷрибаи байналмилалӣ, андозаи саҳмияҳо метавонад 0,5% то 2%-и маблағи умумии мукофотҳои суғуртавиро ташкил диҳад.

2. Пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба суғурташавандагон (аз ҷумла соҳибкорон) дар ҳолати муфлисшавӣ ё бекор кардани иҷозатномаи ширкатҳои суғуртавӣ. Андозаи чунин ҷуброн бояд дар сатҳи қонун муқаррар карда шавад, масалан, то 70-80% -и маблағи суғурта, вале на зиёда аз маблағи муайян (масалан, 50 000 сомонӣ).

3. Сармоягузории маблағҳои фонд ба воситаи асбобҳои молиявии боэътимод (коғазҳои қиматноки давлатӣ, пасандозҳои бонкӣ ва ғайра) барои нигоҳ доштани арзиши воқеии онҳо ва таъмини даромаднокӣ.

4. Ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назоратӣ барои муайян кардани лаҳзаи муфлисшавӣ ва оғози пардохтҳои кафолатӣ».

Барои таъсиси чунин фонд, зарур аст, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" [31] тағйиру иловаҳои

дахлдор ворид карда шаванд. Аз ҷумла, бояд боби алоҳида дар бораи таъсис ва фаъолияти фонди кафолати пардохтҳои суғуртавӣ илова карда шавад, ки дар он тартиби ташаккули фонд, андозаи саҳмияҳо, ҳолатҳои пардохт ва андозаи ҷуброни суғуртавӣ муайян карда шаванд.

Инчунин, зарур аст, ки Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси Фонди миллии кафолати пардохтҳои суғуртавӣ" қабул карда шавад, ки дар он сохтор, низомнома ва манбаъҳои маблағгузории фонд муайян карда шаванд. Тибқи таҷрибаи Русия ва Қазоқистон, метавон фондро дар назди Бонки миллии Тоҷикистон ё Вазорати молия таъсис дод.

Масъалаи дигаре, ки дар амалияи суғуртавии Тоҷикистон ба назар мерасад, ба ҷуброни фоидаи гумшуда (business interruption / consequential loss) рабт дорад. Фоидаи гумшуда ҳамчун даромаде муайян карда мешавад, ки соҳибкор метавонист дар шароити муқаррарии фаъолият ба даст орад, вале дар натиҷаи рух додани ҳодисаи суғуртавӣ онро ба даст наовардааст.

Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [11] масъалаи ҷуброни фоидаи гумшуда дар моддаи 1046 танзим шудааст. Тибқи ин модда, «таваккали соҳибкорӣ, аз ҷумла хавфи нагирифтани даромади интизорӣ, метавонад суғурта карда шавад». Бо вуҷуди ин, дар амалия судҳо ва ширкатҳои суғуртавӣ аксар вақт исботи "ҳаҷми дақиқи фоидаи гумшуда"-ро аз соҳибкор талаб мекунанд, ки дар шароити иқтисодии номуътадил ва ноустувори бозор қариб ғайриимкон аст.

Ин мушкилот дар таҳқиқоти И.А. Волкова [194, с.189] ва С.В. Жучков [195, с. 202] ҳамчун яке аз монеаҳои маъмулӣ дар низомҳои ҳуқуқии пасошуравӣ қайд шудааст. Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки «набудани методикаи ягона ва дақиқи ҳисоби фоидаи гумшуда ва талаботҳои сахти судӣ барои исботи он, соҳибкоронро дар ҳолати муҳофизатнокии суст қарор медиҳад». М.З. Рахимов низ дар таҳқиқоти

худ қайд мекунад, ки «масъалаи ҷуброни фоидаи гумшуда яке аз мушкилоти мубрами ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад» [204, с. 354].

Дар кишварҳои пешрафта, ба монанди Иттиҳоди Аврупо, Олмон ва Канада, қоидаҳои возеҳи ҳисоб ва ҷуброни фоидаи гумшуда дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шудаанд. Дар Директиваи Solvency II [217] ва қонунҳои миллии кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо ҳисоб кардани фоидаи гумшуда аз рӯи ҳисоботи муҳосибӣ ва пешгӯиҳои воқеии иқтисодӣ анҷом дода мешавад.

Дар Олмон, тибқи Қонуни VAG [9], ширкатҳои суғуртавӣ вазифадоранд, ки «дар шартномаи суғурта тартиби дақиқи ҳисоби фоидаи гумшударо муайян кунанд». Одатан, фоидаи гумшуда дар асоси нишондиҳандаҳои миёнаи даромаднокии соҳибкор дар давоми 3-5 соли охир ҳисоб карда мешавад. Дар сурати набудани чунин маълумот, метавон нишондиҳандаҳои миёнаи соҳаро истифода бурд [23, 28].

Дар Фаронса, Кодекси суғурта [10] тартиби муфассали ҳисоби фоидаи гумшударо муқаррар кардааст, ки дар асоси он «соҳибкор метавонад на танҳо даромади бевоситаи гумшуда, балки хароҷоти иловагиро барои барқарорсозии фаъолият низ ҷуброн кунад». Дар моддаи L. 121-1-и Кодекси суғурта омадааст, ки «ҷуброни фоидаи гумшуда бояд ба соҳибкор имкон диҳад, ки фаъолияти худро дар муддати кӯтоҳ барқарор кунад».

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, сарфи назар аз он ки танзими суғурта дар сатҳи иёлотҳо анҷом дода мешавад, Акти Маккаррана-Фергюсона (McCarran–Ferguson Act) [6] принсипҳои умумии ҳисоби фоидаи гумшударо муқаррар кардааст. Дар аксари иёлотҳо, барои ҳисоби фоидаи гумшуда аз усули "муқоисаи даромад" истифода мебаранд, ки дар он даромади воқеии соҳибкор дар давраи бекорӣ бо даромади ӯ дар ҳамин давраи солҳои гузашта муқоиса карда мешавад.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ низ ба масъалаи ҷуброни фоидаи гумшуда таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Дар Қирғизистон, Қонуни "Дар бораи суғурта ва фаъолияти суғуртавӣ" [3] талаботҳои мушаххасро нисбат ба шартномаҳои суғуртаи таваккали соҳибкорӣ муқаррар кардааст. Тибқи моддаи 23-и ин қонун, дар «шартномаи суғурта бояд тартиби дақиқи ҳисоб ва ҷуброни фоидаи гумшуда муайян карда шавад».

Дар Украина низ Қонуни "Дар бораи суғурта" [8] қоидаҳои ҷуброни фоидаи гумшударо муқаррар кардааст. Тибқи ин қонун, соҳибкор метавонад на танҳо фоидаи бевоситаи гумшуда, балки хароҷоти иловагиро барои барқарорсозии фаъолият ва ҳатто зарари эҳтимолиро дар оянда ҷуброн кунад. Ин муқаррарот ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки дар ҳолати рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, ҳифзи пурраи манфиатҳои молиявии худро таъмин кунанд.

Дар Қазоқистон низ таҷрибаи ҷолиб дар ин самт вуҷуд дорад. А.Е. Бектенов қайд мекунад, ки «дар Қазоқистон методикаи махсуси ҳисоби фоидаи гумшуда таҳия шудааст, ки дар он на танҳо нишондиҳандаҳои молиявии соҳибкор, балки омилҳои мавсимӣ ва тағйирёбии бозор низ ба назар гирифта мешаванд» [132, с. 186-194].

Дар асоси таҳлили таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷа ва бо назардошти хусусиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ворид намудани қоидаҳои дақиқи ҳисоб ва ҷуброни фоидаи гумшуда дар қонунгузории миллӣ яке аз самтҳои муҳимми такмили низоми ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ба ҳисоб меравад. Барои ин, пешниҳодҳои зеринро тавсия додан мумкин аст:

1. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мадании ҶТ [11] дар қисми муқаррар намудани методикаи ҳисоби фоидаи гумшуда. Дар моддаи 1046-и Кодекси маданӣ бояд қоидаҳои дақиқи ҳисоби фоидаи гумшуда муайян карда шаванд, аз ҷумла: «фоидаи гумшуда бояд дар

асоси нишондиҳандаҳои миёнаи даромаднокии соҳибкор дар давоми 3 соли охир ҳисоб карда шавад; дар сурати набудани чунин маълумот, метавон нишондиҳандаҳои миёнаи соҳаро истифода бурд; дар ҳисоби фоидаи гумшуда бояд хароҷоти иловагӣ барои барқарорсозии фаъолият низ ба назар гирифта шавад».

2. Таҳия ва тасдиқи методикаи ягонаи ҳисоби фоидаи гумшуда аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон. Дар ин методика бояд тартиби дақиқи ҳисоб, формулаҳо ва нишондиҳандаҳои асосӣ муайян карда шаванд. Тибқи таҷрибаи Қазоқистон ва Русия, ин методика метавонад дар шакли санади меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

3. Ворид намудани талабот ба шартномаҳои суғурта дар бораи ҳатмии муайян кардани тартиби ҳисоби фоидаи гумшуда. Тибқи таҷрибаи Қирғизистон [3], дар ҳар як шартномаи суғуртаи таваккали соҳибкорӣ бояд қисми алоҳида ба ҳисоби фоидаи гумшуда бахшида шавад.

4. Баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии судяҳо дар самти ҳисоби фоидаи гумшуда тавассути баргузории семинарҳо ва курсҳои такмили ихтисос. Тавре ки дар таҳқиқоти Д.Ш. Сангинов қайд шудааст, «яке аз сабабҳои асосии мушкилот дар ҳалли баҳсҳо оид ба фоидаи гумшуда, набудани дониши кофӣ дар байни судяҳо оид ба масъалаҳои иқтисодӣ мебошад» [208, с. 383].

Инчунин, зарур аст, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" [31] тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шаванд, ки дар он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо дар ҳолати ҷуброни фоидаи гумшуда муайян карда шаванд. Аз ҷумла, бояд муқаррар карда шавад, ки «ширкати суғуртавӣ ҳуқуқ надорад бе асосҳои кофӣ пардохти фоидаи гумшударо рад кунад ва дар сурати радди пардохт, уҳдадор аст, ки далелҳои худро бо хулосаи коршиноси мустақил асоснок кунад».

Масъалаи сеюми муҳиме, ки дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст, паст будани шаффофияти иттилоотӣ ва дастрасии маҳдуди соҳибкорон ба маълумоти молиявии ширкатҳои суғуртавӣ мебошад. Гарчанде ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" [31] принсипҳои умумии шаффофият ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро эътироф мекунад, вале қоидаҳои дақиқи нашри ҳисоботҳои оммавӣ ва ҳуқуқи мустақими соҳибкорон ба маълумоти ҳолати молиявии ширкатҳо дар сатҳи қонунгузорӣ пурра мустаҳкам карда нашудаанд.

Тибқи маълумоти таҳқиқотии GlobalData, «қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон дар соҳаи суғурта муқаррароти марбут ба танзими ҳошияи қобилияти пардохтпазирӣ (solvency margin)-ро дар бар намегирад» [21; 26; 28]. Ин вазъият маънои онро дорад, ки «назорати давлатӣ нисбат ба қобилияти пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ ҳанӯз ҳам маҳдуд боқӣ мондааст ва соҳибкорон маълумоти кофӣ ва дақиқ дар бораи устувории молиявии ин ширкатҳо надоранд».

Дар ҳоле ки тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон, «дар соли 2021 барои аввалин бор санади меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи суғурта, ки ҳаракати сармояи ширкатҳои суғуртавиро дар мувофиқа бо стандартҳои байналмилалӣ танзим мекунад, таҳия ва тасдиқ карда шуд» [23; 218]. Ин санад бо мақсади таъмини сатҳи қобили қабули пардохтпазирӣ ва устувории молиявии муассисаҳои суғуртавӣ таҳия шудааст ва метавонад ба ҷойгиркунии оқилонаи дороиҳо, пешгирии хароҷоти беасос ва афзоиши эътимоди ҷомеа ба хизматрасониҳои суғуртавӣ мусоидат кунад.

Бо вуҷуди ин, дар амалия соҳибкорон аксар вақт ба маълумоти нокифоя ва ғайрирасмӣ такя карда, ширкатҳои суғуртаи номуътадилро интихоб мекунанд. Ин вазъият дар таҳқиқоти А.В. Бризгалин низ қайд шудааст. Ӯ таъкид мекунад, ки «набудани шаффофияти иттилоотӣ ва

дастрасии озод ба маълумоти молиявии ширкатҳои суғуртавӣ яке аз монеаҳои асосии эътимод ба бозори суғурта ва рушди устувори соҳибкорӣ мебошад» [193, с.21].

Дар низомҳои ҳуқуқии пешрафта ҳимояи ҳуқуққҳои соҳибкорон дар соҳаи суғурта аз рӯи самти таъмини ҳуқуқи мустақими дастрасӣ ба маълумоти ҳолати молиявии ширкатҳои суғуртавӣ ва қоидаҳои возеҳи ҳисоббаробаркунӣ мустаҳкам карда шудааст. Директиваи Solvency II [217] ширкатҳои суғуртавиро уҳдадор месозад, ки ҳар семоҳа ва ҳар сол ҳисоботҳои муфассали молиявиро бо тафсилоти ҳаҷми захираҳо, хавфҳои қабулшуда ва нишондиҳандаҳои устуворӣ нашр кунанд [1, 25, 36].

Тибқи талаботи Solvency II, «ширкатҳои суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунӣ дар Иттиҳоди Аврупо вазифадоранд, ки "Гузориш дар бораи пардохтпазирӣ ва вазъи молиявӣ" (Solvency and Financial Condition Report - SFCR) -ро ҳар сол нашр кунанд». Ин гузориш бояд дар вебсайти ширкат барои тамоми суғурташавандагон дастрас бошад ва дар он маълумоти муфассал дар бораи сохтори ширкат, низоми идоракунӣ, файласофии хавф, арзёбии дороиҳо ва уҳдадориҳо, идоракунии сармоя ва дигар нишондиҳандаҳои муҳим оварда шавад.

Дар Олмон Қонуни Versicherungsaufsichtsgesetz [9] талаботҳои қатъиро нисбат ба шаффофияти фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ муқаррар кардааст [24; 26; 28]. Мувофиқи ин қонун, «ҳар як ширкати суғуртавӣ вазифадор аст ба суғурташавандагон ҳуқуқи озоди дастрасӣ ба ҳамаи шартҳои асосӣ ва ҳолати молиявии худро таъмин намояд, ки аз он ҷумла ҳаҷми захираҳои техникии суғуртавӣ ва фаъолияти азнавсуғуртакунӣ низ мебошад». Дар қисми 6 VAG омадааст, ки «ҳадафи асосии назорати фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои суғурташавандагон ва шахсони баҳравар мебошад, ки ин ба

воситаи назорати ҳамаҷонибаи молиявӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад» [24; 28].

Дар Фаронса, Кодекси суғурта [10] ширкатҳои суғуртавиро вазифадор мекунад, ки "Изҳорот оид ба шаффофият"-ро (Déclaration de transparence) ҳар сол нашр кунанд. Дар ин изҳорот бояд маълумот дар бораи сиёсати сармоягузорӣ, идоракунии хавфҳо ва нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ оварда шавад. Дар моддаи L. 310-1-и Кодекси суғурта омадааст, ки риоя накардани ин талабот метавонад ба бекор кардани иҷозатнома оварда расонад.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ низ ба масъалаи шаффофияти иттилоотӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Дар Қазоқистон [132, с 186-194] ва Қирғизистон [3] талаботи қатъӣ муқаррар шудааст, ки «ҳар як ширкати суғуртавӣ бояд вебсайти расмӣ дошта бошад, ки дар он ҳисоботҳои семоҳа ва солона, қоидаҳои суғурта ва нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ бо забони сода ва фаҳмо ҷойгир карда мешаванд. Ин таҷриба ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки пеш аз бастани шартнома арзёбии воқеии қобилияти ширкатро анҷом диҳанд ва аз интихоби нодуруст пешгирӣ кунанд».

Дар Қазоқистон тибқи моддаи 14 Қонуни "Дар бораи танзими давлатӣ, назорат ва санҷиши бозори молиявӣ ва ташкилотҳои молиявӣ", мақомоти ваколатдор ҳуқуқ дорад, ки «барои иҷрои саривақтии вазифаҳои назоратӣ аз ҳар гуна шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ маълумоти заруриро бе музд гирифта, баҳисоб гирад [21]. Бектенов А.Е. қайд мекунад, ки «дар Қазоқистон бонки марказӣ рейтинги эътимоднокии ширкатҳои суғуртавиро мунтазам нашр мекунад, ки ба соҳибкорон дар интихоби дурусти ширкат кумак мерасонад» [132, с. 186-194].

Дар Русия низ ислоҳоти қонунгузорӣ дар самти таъмини шаффофияти фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ барои ҳифзи ҳуқуқи суғурташавандагон амалӣ карда шудааст. Қонуни федералии №477-ФЗ

[45] ширкатҳои суғуртавиро маҷбур месозад, ки «ба суғурташавандагон ҳуқуқи дастрасии фаврӣ ба ҳамаи маълумоти марбут ба ҳолати молиявии ширкат ва тафсилоти захираҳои техникиро таъмин кунанд. Ин механизмҳо барои пешгирии вазъиятҳое, ки соҳибкорон аз сабаби пинҳонкории иттилоот зарар мебинанд, сохта шудаанд ва дар амалия ба баланд шудани эътимод ба бозори суғурта мусоидат мекунанд».

Дар Тоҷикистон низ дар ин самт қадамҳое гузошта мешаванд. Тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, дар соли 2025 "Стратегияи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба рушди низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030" таҳия шудааст, ки самтҳои миёнамуҳлати рушди низоми суғуртаро муайян мекунад [24; 215]. Дар ин стратегия масъалаҳои шаффофият ва дастрасии иттилоотӣ низ бояд инъикос ёбанд.

Ҳамчунин, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ "Низоми ягонаи электронии суғурта"-ро таҳия кардааст, ки дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор дорад [24]. Дар ин низом, аввал "Пойгоҳи додаҳои суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиёт" ва баъдан ҳамаи намудҳои суғурта ҳамгиро карда мешаванд. Ин тадбир ба баланд шудани шаффофият ва дастрасии иттилоотӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар асоси таҳлили таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷа ва бо назардошти тадбирҳое, ки аллакай дар Тоҷикистон андешида мешаванд, пешниҳодҳои зеринро барои ҳатмӣ кардани нашри ҳисоботҳои молиявии ширкатҳои суғуртавӣ ва дастрасии озод ба онҳо тавсия додан мумкин аст:

1. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" [31] дар қисми муқаррар намудани талаботи ҳатмӣ ба нашри ҳисоботҳои молиявӣ. Тибқи ин тағйирот, ҳар як ширкати суғуртавӣ бояд: «ҳисоботи семоҳа ва солонаи молиявии худро дар

вебсайти расмии нашр кунад; гузориш дар бораи пардохтпазирӣ ва устувории молиявиро ҳар сол омода ва нашр кунад; маълумот дар бораи иҷозатнома, ҳаҷми сармояи оинномавӣ ва дигар нишондиҳандаҳои асосиро дар дастрасии озод нигоҳ дорад».

2. Таҳия ва тасдиқи рӯйхати маълумоти ҳатмӣ барои нашр аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон. Тибқи таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо, ин рӯйхат бояд дар бар гирад: «тарознома ва ҳисоботи даромаду хароҷот; ҳисоботи ҷараёни маблағҳои пулӣ; маълумот дар бораи захираҳои техникӣ ва фаъолияти азнавсуғуртакунӣ; маълумот дар бораи сармоягузорӣ ва дороиҳои ширкат; нишондиҳандаҳои асосии фаъолият (шумори шартномаҳо, ҳаҷми мукофотҳо, пардохтҳои суғуртавӣ ва ғайра)».

3. Таъсиси пойгоҳи ягонаи иттилоотӣ дар бораи ширкатҳои суғуртавӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон. Дар ин пойгоҳ бояд маълумоти муфассал дар бораи ҳамаи ширкатҳои суғуртавӣ, аз ҷумла иҷозатномаҳо, ҳисоботҳои молиявӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолият ҷойгир карда шаванд. Тибқи таҷрибаи Қазоқистон, ин пойгоҳ бояд барои ҳамаи шаҳрвандон ва соҳибкорон дастраси озод бошад.

4. Баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии соҳибкорон дар самти таҳлили ҳисоботҳои молиявӣ. Бонки миллии Тоҷикистон бояд барномаҳои таълимӣ ва семинарҳо барои соҳибкорон дар самти чӣ гуна истифода бурдани маълумоти молиявии ширкатҳои суғуртавӣ барои интихоби дурусти суғуртакунанда баргузор кунад.

5. Ҷорӣ намудани ҷазо барои риоя накардани талаботи шаффофият. Дар қонунгузории ҶТ бояд ҷазо барои нашр накардани ҳисоботҳои молиявӣ ё пешниҳоди маълумоти нодуруст муқаррар карда шавад. Тибқи таҷрибаи Фаронса [214], чунин ҷазо метавонад дар шакли ҷаримаи калон ё бозпас гирифтани иҷозатнома бошад.

Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон аллакай баъзе аз ин тадбирҳо амалӣ карда мешаванд. Тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, дар соли 2025 барои таъмини рушди устувори соҳа, лоиҳаи "Стратегияи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба рушди низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030" таҳия шудааст [24]. Ин стратегия бояд масъалаҳои шаффофият ва дастрасии иттилоотиро ҳамчун самтҳои афзалиятнок дар бар гирад.

Масъалаи чоруми муҳиме, ки дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад, набудани омбудсмени мустақил барои ҳалли суръатбахш ва ғайрисудии баҳсҳо мебошад. Институти омбудсмени суғуртавӣ дар кишварҳои пешрафта ҳамчун механизми муассири ҳалли баҳсҳои байни ширкатҳои суғуртавӣ ва суғурташавандагон, аз ҷумла соҳибкорон, эътироф шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло баҳсҳои байни соҳибкорон ва ширкатҳои суғуртавӣ асосан тавассути судҳо ҳал карда мешаванд [226; 227; 228; 229; 230]. Таҳлили парвандаҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки чунин баҳсҳо метавонанд солҳо тул кашанд ва аз соҳибкорон хароҷоти калони ҳуқуқӣ талаб кунанд. Дар ҳамин ҳол, дар аксари давлатҳои пешрафта чунин баҳсҳо дар давоми 30 то 90 рӯз тавассути омбудсмен ҳал карда мешаванд.

Тавре ки дар таҳқиқоти А.В. Золотухин қайд шудааст, ки «набудани институти омбудсмени мустақил барои ҳалли баҳсҳо яке аз сабабҳои асосии паст будани эътимоди соҳибкорон ба суғурта дар Тоҷикистон мебошад». Ба андешаи ин муҳаққиқ, «то замоне ки чунин институт таъсис дода нашавад, соҳибкорон дар муносибатҳои суғуртавӣ ҳамчун тарафи заиф боқӣ мемонанд ва барои ҳифзи ҳуқуқи худ маҷбуранд ба раванди тулонии судӣ муроҷиат кунанд» [198, с. 316].

Олмон яке аз кишварҳоест, ки дар он институти омбудсмени суғуртавӣ дар сатҳи баланд рушд кардааст. Тибқи Қонуни VAG [212],

«ҳар як ширкати суғуртавӣ вазифадор аст, ки дар низоми ҳалли баҳсҳои ғайрисудии омбудсмени суғуртавӣ иштирок кунад» [24;26;28].

Дар Олмон Омбудсмени суғуртавӣ (Versicherungsombudsmann) ҳамчун институти мустақил фаъолият мекунад, ки аз ҷониби Иттиҳоди ширкатҳои суғуртавӣ ва бо дастгирии Вазорати федералии молия таъсис дода шудааст. Тибқи низомномаи ин институт, «омбудсмен баҳсҳоеро баррасӣ мекунад, ки маблағи онҳо то 100 000 евро мебошад. Қарори омбудсмен барои ширкатҳои суғуртавӣ ҳатмӣ аст, агар маблағи баҳс то 10 000 евро бошад. Дар мавриди баҳсҳои калонтар, тарафҳо метавонанд ба суд муроҷиат кунанд».

Муҳимтарин бартарии институти омбудсмен дар Олмон суръати ҳалли баҳсҳо мебошад. Тибқи маълумоти расмӣ, «омбудсмен бештари баҳсҳоро дар давоми 3-4 моҳ ҳал мекунад, дар ҳоле ки раванди судӣ метавонад 1-2 сол тул кашад. Ҳамчунин, хароҷоти муроҷиат ба омбудсмен хеле паст аст ё умуман вуҷуд надорад, ки ин ба соҳибкорони хурду миёна имкон медиҳад, ки бидуни хароҷоти калони ҳуқуқӣ ҳуқуқи худро ҳифз кунанд».

Дар Фаронса низ институти омбудсмени суғуртавӣ фаъолият мекунад. Тибқи Кодекси суғурта [10], омбудсмени суғуртавӣ (Médiateur de l'assurance) аз ҷониби Федератсияи ширкатҳои суғуртавӣ таъйин карда мешавад ва баҳсҳои байни суғурташавандагон ва ширкатҳои суғуртавиро баррасӣ мекунад. Дар Фаронса низ мисли Олмон, муроҷиат ба омбудсмен ройгон аст ва қарори ӯ дар мавриди маблағҳои хурд ҳатмӣ мебошад.

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, дар сатҳи иёлотҳо институтҳои гуногуни ҳалли баҳсҳо фаъолият мекунанд. Акти Маккаррана-Фергюсона [6] ба иёлотҳо ҳуқуқ медиҳад, ки низоми ҳалли баҳсҳои суғуртавиро мустақилона танзим кунанд. Дар аксари иёлотҳо, идораҳои

суғурта (Departments of Insurance) дорои шӯъбаҳои махсус барои ҳалли шикоятҳои суғурташавандагон мебошанд.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ низ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Дар Қазоқистон тибқи моддаи 14 Қонуни "Дар бораи танзими давлатӣ, назорат ва санҷиши бозори молиявӣ ва ташкилотҳои молиявӣ", мақомоти ваколатдор ҳуқуқ дорад, ки барои ҳалли баҳсҳо комиссияҳои махсус таъсис диҳад [21]. А.Е. Бектенов қайд мекунад, ки «дар Қазоқистон институти омбудсмени молиявӣ таъсис дода шудааст, ки баҳсҳои байни истеъмолкунандагон ва ташкилотҳои молиявиро, аз ҷумла суғуртавиро, баррасӣ мекунад» [132, с. 186-194].

Дар Русия низ институти омбудсмени молиявӣ (финансовый уполномоченный) таъсис дода шудааст. Тибқи Қонуни федералии №477-ФЗ [45], «омбудсмени молиявӣ баҳсҳои байни истеъмолкунандагон ва ташкилотҳои молиявиро, аз ҷумла суғуртавиро, баррасӣ мекунад. Муроҷиат ба омбудсмен барои баҳсҳои то 500 000 рубл ҳатмӣ пеш аз муроҷиат ба суд мебошад, ки ин ба коҳиши сарбории судҳо ва суръатбахшии ҳалли баҳсҳо мусоидат мекунад».

Дар асоси таҳлили таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷа, таъсиси институти омбудсмени суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки такмили низоми ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ба ҳисоб меравад. Барои ин, пешниҳодҳои зеринро тавсия додан мумкин аст:

1. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи омбудсмени молиявӣ (суғуртавӣ)" . Дар ин қонун бояд мақом, вазифаҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои омбудсмен, инчунин тартиби таъйин ва фаъолияти ӯ муайян карда шаванд. Тибқи таҷрибаи Русия, омбудсмен метавонад аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Бонки миллии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

2. Муайян кардани доираи салоҳияти омбудсмен. Тибқи таҷрибаи Олмон, омбудсмен бояд баҳсҳои байни соҳибкорон ва ширкатҳои суғуртавиро то андозаи муайян (масалан, то 50 000 сомонӣ) баррасӣ кунад. Қарори омбудсмен дар мавриди баҳсҳои хурд (масалан, то 10 000 сомонӣ) бояд барои ширкатҳои суғуртавӣ ҳатмӣ бошад.

3. Таъсиси дастгоҳи омбудсмен дар назди Бонки миллии Тоҷикистон ё Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тибқи таҷрибаи Фаронса, дастгоҳи омбудсмен бояд аз мутахассисони соҳаи ҳуқуқ ва суғурта иборат бошад, ки метавонанд баҳсҳои мураккабро баррасӣ кунанд.

4. Муқаррар кардани тартиби содаи муроҷиат ба омбудсмен. Муроҷиат ба омбудсмен бояд ройгон ё бо пардохти андак (масалан, 50-100 сомонӣ) анҷом дода шавад. Шикоятро метавон ба таври хаттӣ ё тавассути портали электронӣ пешниҳод кард.

5. Муайян кардани мӯҳлати ҳалли баҳсҳо. Тибқи таҷрибаи байналмилалӣ, омбудсмен бояд баҳсҳоро дар давоми 30 то 90 рӯз ҳал кунад. Дар сурати зарурати гузаронидани экспертизаи иловагӣ, ин мӯҳлат метавонад дароз карда шавад, вале на бештар аз 6 моҳ.

6. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи иқтисодии ҶТ дар қисми муқаррар намудани муроҷиати ҳатмӣ ба омбудсмен пеш аз муроҷиат ба суд барои баҳсҳои то маблағи муайян. Тибқи таҷрибаи Русия, ин ба коҳиши сарбории судҳо ва суръатбахшии ҳалли баҳсҳо мусоидат мекунад.

Таъсиси институти омбудсмени суғуртавӣ дар Тоҷикистон на танҳо ба ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон мусоидат мекунад, балки ба баланд шудани эътимод ба бозори суғурта, коҳиши сарбории судҳо ва рушди устувори соҳибкорӣ дар кишвар низ мусоидат хоҳад кард.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногунии намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ барои соҳибкорон маҳдуд аст. Дар ҳоле ки дар бисёр кишварҳо барои

соҳибкорон имконияти интихоби байни якчанд намуди суғуртаи таваккали соҳибкорӣ, аз қабили суғуртаи талафоти даромад, суғуртаи қатъи фаъолият ва суғуртаи хароҷоти иловагӣ, пешбинӣ шудааст, дар Тоҷикистон аксарияти шартномаҳои суғуртавие, ки ба соҳибкорон пешниҳод мешаванд, ба суғуртаи молу мулк маҳдуд мегарданд.

Тибқи маълумоти GlobalData, «дар Тоҷикистон суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиёт, суғуртаи ҷавобгарии авиатсионӣ, суғуртаи тиббӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ (нақшаи давлатӣ) ҳатмӣ мебошанд. Аммо, дар байни намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ, суғуртаи қатъи фаъолият (business interruption insurance) ҳамчун намуди ҷудогона дар қонунгузорӣ муайян нашудааст».

Ин мушкилот дар таҳқиқоти М.З. Раҳимов [204, с. 354] ва Д.Ш. Сангинов [208, с. 383] «ҳамчун монеаи ҷиддии рушди соҳибкории устувор ва ноил шудан ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ қайд гардидааст». Ба андешаи ин муҳаққиқон, «то замоне ки доираи намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ васеъ карда нашавад, соҳибкорон наметавонанд хатарҳои воқеии худро пурра ҳифз кунанд».

Масъалаи дигари муҳим, ки дар таҷрибаи хориҷӣ дида мешавад, ба ҳадди ақалли маблағи суғурта ва қабули хатарҳои калон тавассути ширкатҳои суғуртавӣ рабт дорад. Дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла Қазоқистон, Украина ва Қирғизистон, барои соҳибкорон имконияти бастани шартномаҳои суғурта бо ҳадди ақалли маблағи суғуртаи баланд (аз 100 000 то якчанд миллион доллар) вуҷуд дорад ва ширкатҳои суғуртавӣ дар шароити рақобат ин маҳдудиятҳоро тадриҷан боло мебаранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди ақалли маблағҳои суғурта дар суғуртаи ихтиёрӣ нисбатан паст аст ва ширкатҳои суғуртавӣ аксар вақт хатарҳои калонро қабул намекунанд. Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020 № 211 "Дар бораи андозаи ҳадди

ақалли сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (markers) 

4. Рушди суғуртаи таваккали соҳибкорӣ дар бахши кишоварзӣ тавассути ҷорӣ намудани механизмҳои дастгирии давлатӣ. Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2013, № 389 "Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи хатарҳои соҳаи кишоварзӣ"" [19], зарурати таҳияи қонун дар ин самт эътироф шудааст.

Таҳлили муқоисавии низомҳои ҳуқуқии давлатҳои хориҷа ва Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар кишвари мо як қатор камбудиҳои ҷиддӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар соҳаи суғурта мавҷуданд. Дар ҷамъбаст, мушкилоти асосиеро, ки дар ин бахш баррасӣ шуданд, метавон ба таври зерин хулоса кард:

1. Набудани фонди кафолати суғуртавӣ, ки метавонад дар ҳолати муфлисшавии ширкати суғуртавӣ пардохтҳоро ба соҳибкорон кафолат диҳад. Дар ҳоле ки дар кишварҳои пешрафта чунин фондҳо фаъолият мекунанд ва ба баланд шудани эътимод ба низоми суғурта мусоидат менамоянд, дар Тоҷикистон ин механизм вуҷуд надорад.

2. Заифии механизмҳои ҷуброни фоидаи гумшуда ва набудани методикаи дақиқи ҳисоби он. Дар кишварҳои пешрафта қоидаҳои возеҳи ҳисоб ва ҷуброни фоидаи гумшуда дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шудаанд, ки ба соҳибкорон имкон медиҳад дар ҳолати рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ҷуброни пурра гиранд.

3. Паст будани шаффофияти иттилоотӣ ва дастрасии маҳдуди соҳибкорон ба маълумоти молиявии ширкатҳои суғуртавӣ. Дар кишварҳои пешрафта ширкатҳои суғуртавӣ вазифадоранд ҳисоботҳои молиявии худро мунтазам нашр кунанд ва ба суғурташавандагон дастрасии озод ба ин маълумотро таъмин намоянд.

4. Набудани институти омбудсмени мустақил барои ҳалли суръатбахш ва ғайрисудии баҳсҳо. Дар ҳоле ки дар кишварҳои пешрафта

чунин институт баҳсҳои байни соҳибкорон ва ширкатҳои суғуртавиро дар давоми 30-90 рӯз ҳал мекунад, дар Тоҷикистон ин баҳсҳо солҳо дар судҳо тул мекашанд.

5. Маҳдудияти намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳадди пасти маблағҳои суғурта, ки ба соҳибкорони миёна ва калон имкон намедиҳад хатарҳои воқеии худро пурра ҳифз кунанд.

Дар асоси таҳлили таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷа ва бо назардошти хусусиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳодҳои зерин барои такмили низоми ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар соҳаи суғурта пешниҳод карда мешаванд:

Тавсия дода мешавад, ки дар назди Бонки миллии Тоҷикистон ё Вазорати молия Фонди миллии кафолати пардохтҳои суғуртавӣ таъсис дода шавад. Ин фонд бояд аз ҳисоби саҳмияҳои ҳатмии ширкатҳои суғуртавӣ (0,5% то 2% -и маблағи умумии мукофотҳо) ташаккул ёбад ва дар ҳолати муфлисшавии ширкатҳои суғуртавӣ, пардохтҳоро ба соҳибкорон то 70-80%-и маблағи суғурта, вале на зиёда аз маблағи муайян (масалан, 50 000 сомонӣ) кафолат диҳад.

Барои ин, зарур аст, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" [31] боби алоҳида дар бораи таъсис ва фаъолияти фонди кафолат илова карда шавад. Инчунин, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсиси Фонди миллии кафолати пардохтҳои суғуртавӣ" қабул карда шавад.

Тавсия дода мешавад, ки ба Кодекси мадании ҶТ [11] ва Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" [31] тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд, ки дар онҳо методикаи дақиқи ҳисоби фоидаи гумшуда муқаррар карда шавад. Тибқи ин методика, фоидаи гумшуда бояд дар асоси нишондиҳандаҳои миёнаи даромаднокии соҳибкор дар давоми 3

соли охир ҳисоб карда шавад. Дар сурати набудани чунин маълумот, метавон нишондиҳандаҳои миёнаи соҳаро истифода бурд.

Ҳамчунин, Бонки миллии Тоҷикистон бояд методикаи ягонаи ҳисоби фоидаи гумшударо таҳия ва тасдиқ кунад, ки дар он тартиби дақиқи ҳисоб, формулаҳо ва нишондиҳандаҳои асосӣ муайян карда шаванд.

Тавсия дода мешавад, ки ба Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" [31] талаботи ҳатмӣ ба нашри ҳисоботҳои молиявии ширкатҳои суғуртавӣ ворид карда шавад. Ҳар як ширкати суғуртавӣ бояд ҳисоботи семоҳа ва солонаи молиявии худро дар вебсайти расмии нашр кунад. Инчунин, дар назди Бонки миллии Тоҷикистон пойгоҳи ягонаи иттилоотӣ дар бораи ширкатҳои суғуртавӣ таъсис дода шавад, ки барои ҳамаи шаҳрвандон ва соҳибкорон дастраси озод бошад.

Тибқи таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо, рӯйхати маълумоти ҳатмӣ барои нашр бояд дар бар гирад: тарознома ва ҳисоботи даромаду хароҷот, ҳисоботи ҷараёни маблағҳои пулӣ, маълумот дар бораи захираҳои техникӣ ва фаъолияти азнавсуғуртакунӣ, маълумот дар бораи сармоягузорӣ ва дороиҳои ширкат, нишондиҳандаҳои асосии фаъолият.

Тавсия дода мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи омбудсмени молиявӣ (суғуртавӣ)" қабул карда шавад. Тибқи ин қонун, омбудсмен бояд аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Бонки миллии Тоҷикистон таъйин карда шавад ва баҳсҳои байни соҳибкорон ва ширкатҳои суғуртавиро то маблағи муайян (масалан, то 50 000 сомонӣ) баррасӣ кунад.

Мурожиат ба омбудсмен бояд ройгон бошад ва мӯҳлати ҳалли баҳсҳо набояд аз 90 рӯз зиёд бошад. Қарори омбудсмен дар мавриди баҳсҳои хурд (масалан, то 10 000 сомонӣ) бояд барои ширкатҳои суғуртавӣ ҳатмӣ бошад.

Инчунин, ба Кодекси мурофиаи иқтисодии ҶТ тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд, ки дар онҳо муроҷиати ҳатмӣ ба омбудсмен пеш аз муроҷиат ба суд барои баҳсҳои то маблағи муайян муқаррар карда шавад.

Тавсия дода мешавад, ки Барномаи давлатии ҳавасмандгардонии суғуртаи таваккали соҳибкорӣ барои соҳибкорони хурду миёна таҳия ва тасдиқ карда шавад. Дар доираи ин барнома, метавон чораҳои зеринро пешбинӣ кард: «ҷуброни то 50%-и сармузди суғуртавӣ барои соҳибкорони хурду миёна аз ҳисоби буҷети давлат; таъсиси фонди давлатии дастгирии суғурта барои соҳибкорони хурду миёна; баргузории семинарҳо ва курсҳои омӯзишӣ барои соҳибкорон дар самти истифодаи суғурта ҳамчун воситаи ҳифзи хатарҳо; рушди суғуртаи таваккали соҳибкорӣ дар бахши кишоварзӣ тавассути ҷорӣ намудани механизмҳои дастгирии давлатӣ».

Тавсия дода мешавад, ки ба Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" [31] тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд, ки дар онҳо намудҳои нави суғуртаи ихтиёрӣ барои соҳибкорон, аз ҷумла суғуртаи қатъи фаъолият, суғуртаи талафоти даромад ва суғуртаи хароҷоти иловагӣ пешбинӣ карда шаванд.

Инчунин, бояд дар қонунгузорӣ талабот нисбат ба ҳадди ақалли маблағҳои суғурта дар суғуртаи ихтиёрӣ муқаррар карда шавад. Тибқи таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, ин маблағ метавонад вобаста ба намуди суғурта ва андозаи тиҷорат фарқ кунад, вале бояд ба соҳибкорон имкон диҳад, ки хатарҳои воқеии худро пурра ҳифз кунанд.

Ҳамин тариқ, татбиқи ин пешниҳодҳо дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷа имкон медиҳад, ки сатҳи ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар соҳаи суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои байналмилалӣ наздик шавад, эътимоди соҳибкорон ба низоми суғурта афзоиш ёбад ва дар ниҳоят бозори суғуртаи ихтиёрӣ дар кишвар рушд карда, ба рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

# БОБИ 3. РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР БОЗОРИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон дар бозори суғурта

Дар шароити муосири рушди иқтисоди бозорӣ ва афзоиши хавфҳои беруна механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта нақши калидӣ доранд. Ин механизмҳо аз принсипҳои асосии конститутсионӣ сарчашма мегиранд ва дар қонунгузории соҳавӣ ва умумии соҳибкорӣ таҷассум мeёбанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкориро кафолат дода, давлатро вазифадор мекунад, ки шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ ва ҳимояи манфиатҳои соҳибкорон фароҳам оварад [1]. Ин принсипҳо дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта инъикос ёфтаанд [11].

Қонуни асосии соҳавӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» аз 23 июли соли 2016 № 1349 механизмҳои мукаммали ҳуқуқиро барои баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бозор пешниҳод менамояд [31].

Механизми аввалини ҳуқуқӣ ва муҳимтарин ин системаи иҷозатдиҳӣ ва назорати давлатии фаъолияти суғуртавӣ мебошад. Тибқи Қонуни «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 22 июни соли 2023 № 1968 фаъолияти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунӣ ба ҳайси намуди фаъолияти иҷозатшаванда муқаррар гардидааст [30].

Ваколати пурраи назорат аз соли 2017 ба Бонки миллии Тоҷикистон вогузор шудааст [44]. Ин механизм тавассути муқаррар намудани «талабот ба ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ (Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020 № 211), тартиби ҷойгиркунии захираҳои суғуртавӣ (Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 06 августи соли 2021 № 129) ва услуби баҳисобгирии тарифҳо (Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2022 № 74)» амалӣ мегардад [20; 12; 13].

Муқаррароти зикршуда дар самти танзими фаъолияти суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се бахши асосӣ иборат аст: ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ, тартиби сармоягузории захираҳои суғуртавӣ ва қоидаҳои баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ. Ин муқаррарот дар маҷмуъ барои таъмини устувории молиявӣ ва қобилияти пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои суғурташавандагон, аз ҷумла соҳибкорон, равона карда шудаанд.

Дар заминаи мушкилоте, ки дар бахши қаблӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар соҳаи суғурта баррасӣ шуд, ин муқаррарот аҳаммияти хосса доранд, зеро онҳо ба танзими масъалаҳои устувории молиявӣ ва шаффофияти фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ равона шудаанд.

Мутобиқи қоидаҳои таҳлилшаванда, ҳадди ақалли андозаи сармояи оинномавӣ (фонди оинномавӣ) барои ширкатҳои суғуртавӣ ва ширкатҳои азнавсуғуртакунӣ ба миқдорҳои зерин муайян карда мешавад: «барои ширкатҳои суғуртавии давлатӣ – на камтар аз 10 миллион сомонӣ; барои ширкатҳои суғуртавии ғайридавлатӣ, ки ҳамзамон бо намудҳои дигари суғурта ба фаъолияти "суғуртаи ҳатмӣ" машғуланд – на камтар аз 10 миллион сомонӣ; барои ширкатҳои суғуртавии ғайридавлатӣ, ки фақат дар самтҳои "суғуртаи умумӣ" ва "суғуртаи ҳаёт" фаъолият мекунанд – на камтар аз 5 миллион сомонӣ; барои ширкатҳои суғуртавии ғайридавлатӣ, ки танҳо дар самти "суғуртаи умумӣ" кор мебаранд – на камтар аз 2 миллион сомонӣ; барои

ширкатҳои азнавсуғуртакунии давлатӣ ва ғайридавлатӣ – на камтар аз 50 миллион сомонӣ».

Дар Иттиҳоди Аврупо тибқи Директиваи Solvency II [217], талабот ба сармояи оинномавӣ вобаста ба намуди фаъолият ва ҳаҷми хатарҳо муқаррар карда мешавад. Дар муқоиса бо стандартҳои аврупоӣ, равиши Тоҷикистон ба тафриқаи сармоя вобаста ба намуди фаъолият ва шакли моликият (давлатӣ/ғайридавлатӣ) диққати махсус медиҳад.

Ҳадди ақалли сармоя барои ташкилотҳои азнавсуғуртакунӣ (50 млн сомонӣ) нисбатан баланд аст, ки ин ба талаботи Solvency II наздик мебошад. Дар кишварҳои аврупоӣ низ барои фаъолияти азнавсуғуртакунӣ талаботи сармоявии баландтар муқаррар карда мешавад.

Дар муқоиса бо Қазоқистон [118], ҳадди ақалли сармоя дар Тоҷикистон нисбатан пасттар аст. Дар Қазоқистон «барои ширкатҳои суғуртавӣ ҳадди ақалли сармоя вобаста ба намуди фаъолият аз 150 то 450 млн тенге (тақрибан 2,5 то 7,5 млн сомонӣ) муқаррар шудааст». Дар Қирғизистон [3] «ин нишондиҳанда нисбатан пасттар аст ва барои ширкатҳои суғуртаи умумӣ тақрибан 1 млн сом (тақрибан 120 ҳазор сомонӣ) -ро ташкил медиҳад».

Дар Русия тибқи Қонуни федералии №477-ФЗ [44], ҳадди ақалли сармоя барои ширкатҳои суғуртавӣ вобаста ба намуди фаъолият аз 120 то 480 млн рубл (тақрибан 15 то 60 млн сомонӣ) муқаррар шудааст.

Ҷанбаҳои мусбат ин механизм инҳоянд:

1. Тафриқаи асоснок – ҷудо кардани ҳадди ақалли сармоя вобаста ба намуди фаъолият (суғуртаи умумӣ, суғуртаи ҳаёт, суғуртаи ҳатмӣ) ба талаботи байналмилалӣ мувофиқ аст [198, с. 316].

2. Талаботи баланд ба ташкилотҳои азнавсуғуртакунӣ – ҳадди ақалли сармоя барои ташкилотҳои азнавсуғуртакунӣ (50 млн сомонӣ) ба андозаи хатарҳои қабулшаванда мувофиқат мекунад.

3. Баҳисобгирии суғуртаи ҳатмӣ – муқаррар намудани ҳадди баланди сармоя барои ширкатҳое, ки ба суғуртаи ҳатмӣ машғуланд, ба ҳифзи манфиатҳои ҷомеа мусоидат мекунад.

Аммо нуқтаҳо барои такмил низ ҷой доранд:

1. Набудани механизми индексатсия – ҳадди ақалли сармоя бояд мунтазам бо назардошти таваррум ва тағйирёбии қурби асъор баррасӣ карда шавад [211, с. 24].

2. Тафриқаи нокифоя байни ширкатҳои навтаъсис ва фаъолияткунанда – дар таҷрибаи байналмилалӣ аксар вақт барои ширкатҳои навтаъсис талаботи иловагӣ муқаррар карда мешавад [212, с. 160].

Дар асоси қоидаҳои муҳим ва дақиқи таҳлилшаванда, ширкатҳои суғуртавӣ ва азнавсуғуртакунӣ ҳақ доранд, ки маблағҳои фонди захиравии худро ба навъҳои зерин дороиҳо равона созанд ва ҷойгир намоянд:

1. Пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ – на зиёда аз 60% -и ҳаҷми умумии захираҳои суғуртавӣ;

2. Воситаҳои пулӣ дар хазина – то 4% аз сармояи оинномавӣ, вале на зиёда аз 1750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

3. Воситаҳои пулӣ дар суратҳисобҳои бонкӣ – на зиёда аз 20% -и ҳаҷми умумии захираҳо;

4. Векселҳои давлатии хазинадорӣ – на зиёда аз 40% -и ҳаҷми умумии захираҳо;

5. Коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон – на зиёда аз 50% -и ҳаҷми умумии захираҳо;

6. Коғазҳои қиматноки давлатии хориҷӣ (рейтинги АА) – на зиёда аз 30% -и ҳаҷми умумии захираҳо;

7. Коғазҳои қиматноки дигар – на зиёда аз 30% -и ҳаҷми умумии захираҳо;

8. Қарздории дебиторӣ – на зиёда аз 25% (суғуртаи ҳаёт) ва 35% (суғуртаи умумӣ);

9. Депо мукофот аз рӯи азнавсуғуртакунӣ – на зиёда аз 15% -и ҳаҷми умумии захираҳо;

10. Ҳисса дар сармояи оинномавии ҶДММ – на зиёда аз 25% -и ҳаҷми умумии захираҳо;

11. Ҳиссаи ташкилоти азнавсуғуртакунӣ дар захираҳо – на зиёда аз 80% -и ҳаҷми умумии захираҳо;

12. Сабикаҳои ченакии тилло – на зиёда аз 10%-и ҳаҷми умумии захираҳо.

Дар Иттиҳоди Аврупо тибқи Solvency II [217], принсипҳои сармоягузории захираҳои суғуртавӣ ба "принсипи шахси оқил" (prudent person principle) асос ёфтааст, ки маҳдудиятҳои миқдориро камтар ва талаботҳои сифатиро бештар дар бар мегирад. Равиши Тоҷикистон бештар ба маҳдудиятҳои миқдорӣ такя мекунад, ки ин барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ хос аст.

Дар муқоиса бо Қазоқистон [118] ва Қирғизистон [3], маҳдудиятҳои миқдории Тоҷикистон нисбатан муфассалтар ва ҷиддитар мебошанд. Дар Қазоқистон, тибқи таҳқиқоти Бектенов А.Е., ба принсипи гуногунсоҳакунонӣ (диверсификация) таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад [132, с. 186-194].

Ҷанбаҳои мусбат ин механизм инҳоянд:

1. Гуногунсоҳакунонии васеи дороиҳо – имконияти сармоягузорӣ ба 12 намуди гуногуни дороиҳо ба паҳн кардани хатарҳо мусоидат мекунад.

2. Маҳдудиятҳои оқилона – муқаррар кардани ҳадди ниҳоӣ барои ҳар як намуди дороӣ аз тамаркузи аз ҳад зиёди захираҳо дар як намуди дороӣ пешгирӣ мекунад.

3. «Баҳисобгирии хусусиятҳои суғуртаи ҳаёт ва умумӣ – тафриқаи маҳдудиятҳо барои қарздории дебиторӣ вобаста ба намуди суғурта (25%

ва 35%) ба хусусиятҳои гуногуни ин намудҳо мувофиқат мекунад» [138. с. 36-40].

4. Имконияти сармоягузорӣ ба дороиҳои хориҷӣ – иҷозати сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматноки давлатии хориҷӣ (дар сурати мавҷудияти рейтинги АА) ба гуногунсоҳакунонии байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Аммо нуқтаҳо барои такмил низ ҷой доранд:

1. Маҳдудияти сармоягузорӣ ба тилло – ҳамагӣ 10%-и захираҳо метавонанд ба тилло сармоягузорӣ шаванд, дар ҳоле ки дар шароити ноустувории иқтисодӣ тилло ҳамчун дороии бехатар ба ҳисоб меравад.

2. Набудани имконияти сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул – дар аксари кишварҳо, аз ҷумла Русия [45] ва Қазоқистон [132, с. 186-194], сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул иҷозат дода мешавад, ки метавонад манбаи даромади устувор бошад.

3. Маҳдудияти сахт барои сармоягузорӣ ба саҳмияҳо – маҳдудияти 30% барои коғазҳои қиматноки дигар метавонад рушди бозори саҳҳомиро маҳдуд кунад.

4. Набудани талабот ба рейтинги кредитӣ – барои аксари дороиҳо (ба ғайр аз коғазҳои хориҷӣ) талабот ба рейтинги кредитӣ муқаррар нашудааст.

Тибқи муқаррароти таҳлилшаванда, дар натиҷаи баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ вобаста ба намудҳои суғурта нишондиҳандаҳои зерин муайян ва асоснок карда мешаванд:

– Андозаи тарифи суғуртавии заминавӣ, заминавии ҳадди ақал ва заминавии ҳадди ниҳоӣ;

– Омилҳои хавф, ки истифодаи коэффитсиентҳои фарқкунандаро талаб мекунанд;

– Гурӯҳбандии муфассали хавфҳо вобаста ба намуди суғурта;

– Ҷадвали тақсимбандии тарифҳои суғуртавӣ вобаста ба гурӯҳҳои суғурташавандагон.

Инчунин муқаррар карда шудааст, ки:

– Баҳисобгирии тарифҳо аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ амалӣ карда мешавад;

– Дар сурати мавҷуд будани актуарийҳо, тарифҳои аз ҷониби онҳо ҳисобкардашуда бо имзо ва муҳр тасдиқ карда мешаванд;

– Маълумот дар бораи тарифҳо дар сомонаи расмӣ ва ҷойҳои дастрас ҷойгир карда мешаванд.

Дар Иттиҳоди Аврупо тибқи Solvency II [217], баҳисобгирии тарифҳо ба талаботи муфассали актуарӣ асос ёфтааст ва аз ҷониби актуарийҳои сертификатсияшуда анҷом дода мешавад. Дар Тоҷикистон низ ба ин принсип такя шудааст, вале истифодаи актуарийҳо ихтиёрӣ аст ("дар сурати мавҷуд будан").

Дар Қазоқистон «баҳисобгирии тарифҳо танҳо аз ҷониби актуарийҳои сертификатсияшуда анҷом дода мешавад, ки ин сатҳи баланди касбиятро таъмин мекунад» [132, с. 186-194]. Дар Қирғизистон [3] низ талаботи шабеҳ вуҷуд дорад.

Ҷанбаҳои мусбати ин механизм инҳоянд:

1. Муфассалии талабот – муқаррар кардани зарурати муайян кардани тарифҳои заминавӣ, ҳадди ақал ва ҳадди ниҳоӣ ба шаффофияти нархгузорӣ мусоидат мекунад.

2. Баҳисобгирии омилҳои хавф – талабот ба муайян кардани омилҳои хавф ва коэффитсиентҳои фарқкунанда ба нархгузории инфиродӣ мусоидат мекунад.

3. Шаффофияти иттилоотӣ – ҳатман ҷойгир кардани маълумот дар бораи тарифҳо дар сомонаи расмӣ ба баланд шудани шаффофият мусоидат мекунад.

4. «Ҳифзи ҳуқуқи суғурташавандагон – дастрасии суғурташавандагон ба маълумот дар бораи тарифҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки ширкати мувофиқро интихоб кунанд» [193, с. 21].

Аммо нуқтаҳо барои такмил низ ҷой доранд:

1. Ихтиёрии истифодаи актуарийҳо – дар аксари кишварҳои пешрафта, баҳисобгирии тарифҳо танҳо аз ҷониби актуарийҳои сертификатсияшуда анҷом дода мешавад. Тибқи таҳқиқоти илмӣ «ҳатмии истифодаи актуарийҳо метавонад сифати баҳисобгириро баланд бардорад» [190, с. 218-223].

2. Набудани талабот ба санҷиши мустақили актуарӣ – дар таҷрибаи байналмилалӣ, аксар вақт санҷиши мустақили ҳисобҳои актуарӣ талаб карда мешавад.

3. Маҳдудияти маълумоти нашршаванда – рӯйхати маълумоте, ки бояд нашр шаванд, нисбатан маҳдуд аст. Дар кишварҳои пешрафта, маълумоти муфассалтар (аз ҷумла методологияи ҳисоб) нашр карда мешавад.

Ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ ва қоидаҳои сармоягузории захираҳо ба устувории молиявии ширкатҳои суғуртавӣ мусоидат мекунанд ва метавонанд эҳтимолияти муфлисшавиро коҳиш диҳанд. Бо вуҷуди ин, «онҳо пурра ҷойгузини фонди кафолати суғуртавӣ намешаванд, зеро дар ҳолати муфлисшавӣ, захираҳои ширкат метавонанд барои пардохти ҳамаи уҳдадориҳо кофӣ набошанд. Қоидаҳои баҳисобгирии тарифҳо барои муайян кардани маблағи мукофотҳои суғуртавӣ заруранд, аммо онҳо бевосита ба ҳисоби фоидаи гумшуда рабт надоранд. Барои ҳалли мушкили ҷуброни фоидаи гумшуда, зарурати ворид кардани қоидаҳои махсус ба қонунгузорӣ вуҷуд дорад» [194, с. 189; 195, с. 202]. Қисмати сеюми муқаррарот (баҳисобгирии тарифҳо) бевосита ба баланд бардоштани шаффофияти иттилоотӣ равона шудааст. Нашри ҳатмии маълумот дар бораи тарифҳо

дар сомонаи расмӣ ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки пеш аз бастани шартнома маълумоти заруриро дарёфт кунанд. Ин муқаррарот бевосита ба масъалаи омбудсмен рабт надоранд, аммо онҳо метавонанд ба коҳиши баҳсҳо тавассути баланд бардоштани шаффофият мусоидат кунанд.

Муқаррароти таҳлилшуда дар маҷмуъ ба талаботи замонавӣ ҷавобгӯ мебошанд ва ба таъмини устувории молиявӣ ва шаффофияти фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ равона карда шудаанд. Онҳо дар муқоиса бо таҷрибаи байналмилалӣ ҷанбаҳои мусбат ва нуқтаҳои қобили такмил доранд. Дар заминаи мушкилоте, ки дар бахши қаблӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар соҳаи суғурта баррасӣ шуд, ин муқаррарот метавонанд ба ҳалли баъзе аз ин мушкилот (махсусан шаффофияти иттилоотӣ) мусоидат кунанд, аммо барои ҳалли пурраи ҳамаи мушкилот, зарурати қабули чораҳои иловагӣ вуҷуд дорад.

Дар асоси таҳлили муқаррароти мазкур ва бо назардошти таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷа, пешниҳодҳои зерин барои такмили минбаъдаи онҳо пешниҳод карда мешаванд:

Тавсия дода мешавад, ки механизми индексатсияи ҳадди ақалли сармоя бо назардошти таваррум ва тағйирёбии қурби асъор ҷорӣ карда шавад. Ин метавонад дар шакли уҳдадории Бонки миллии Тоҷикистон барои баррасии ҳарсолаи ин нишондиҳанда амалӣ карда шавад.

Тавсия дода мешавад, ки ба рӯйхати дороиҳои қобили сармоягузорӣ амволи ғайриманқул (бо маҳдудияти мувофиқ) ва дигар намудҳои дороиҳои пасандозавӣ ворид карда шаванд. Тибқи таҷрибаи Русия [45] ва Қазоқистон [132, с. 186-194], сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул метавонад то 20% -и захираҳоро ташкил диҳад.

Тавсия дода мешавад, ки дар қонунгузорӣ истифодаи ҳатмии хизматрасонии актуарийҳои сертификатсияшуда барои баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ муқаррар карда шавад. Тибқи таҳқиқоти илмӣ «ба

баланд шудани сифати баҳисобгирӣ ва коҳиши хатарҳои нархгузории нодуруст мусоидат мекунад» [176, с. 23-26].

Тавсия дода мешавад, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои суғуртавӣ стандартҳои миллии актуариро таҳия ва тасдиқ кунад. Ин стандартҳо бояд методологияи ҳисоби тарифҳо, ташаккули захираҳо ва арзёбии уҳдадориҳоро дар бар гиранд.

Тавсия дода мешавад, ки рӯйхати маълумоте, ки ширкатҳои суғуртавӣ бояд дар сомонаи расмии худ нашр кунанд, васеъ карда шавад. Аз ҷумла, бояд методологияи ҳисоби тарифҳо, маълумот дар бораи сатҳи пардохтҳо ва нишондиҳандаҳои асосии фаъолият нашр карда шаванд.

Тавсия дода мешавад, ки барои баъзе намудҳои дороиҳо (махсусан коғазҳои қиматноки корпоративӣ ва пасандозҳо дар бонкҳо) талабот ба ҳадди ақалли рейтинги кредитӣ муқаррар карда шавад. Тибқи таҷрибаи Solvency II [217], ин ба коҳиши хатарҳои кредитӣ мусоидат мекунад.

Тавсия дода мешавад, ки дар назди Бонки миллии Тоҷикистон Шурои актуариҳо таъсис дода шавад, ки вазифаи асосии он назорат аз болои сифати ҳисобҳои актуарӣ ва риояи стандартҳои касбӣ мебошад.

Татбиқи ин пешниҳодҳо метавонад ба натиҷаҳои зерин оварда расонад:

1. Баланд шудани устувории молиявии ширкатҳои суғуртавӣ - тавассути такмили қоидаҳои сармоягузорӣ ва ҳатмии истифодаи актуарийҳо;

2. Афзоиши шаффофият – тавассути васеъ кардани рӯйхати маълумоти нашршаванда;

3. Коҳиши хатарҳои муфлисшавӣ – тавассути таҷдиди даврии ҳадди ақалли сармоя;

4. Баланд шудани эътимоди соҳибкорон ба низоми суғурта – тавассути баланд шудани шаффофият ва устувории молиявӣ;

5. Ҳамоҳангсозӣ бо стандартҳои байналмилалӣ – тавассути ҷорӣ кардани принсипҳои Solvency II ва таҷрибаи пешқадами кишварҳои дигар.

Ҳамин тариқ, муқаррароти мазкур дар маҷмуъ заминаи мустаҳками ҳуқуқиро барои фаъолияти устувори ширкатҳои суғуртавӣ фароҳам меоранд ва дар якҷоягӣ бо дигар чораҳои пешниҳодшуда (таъсиси фонди кафолат, омбудсмен ва ғ.) метавонанд сатҳи ҳифзи ҳуқуқи соҳибкоронро дар соҳаи суғурта ба таври назаррас баланд бардоранд.

Ин талаботҳо устувории молиявии ташкилотҳои суғуртавиро таъмин намуда, хавфи зиён дидани соҳибкоронро (ҳамчун суғурташавандагон) коҳиш медиҳанд.

Механизми дуюм ин таъмини рақобати солим ва пешгирии инҳисор дар бозори суғурта мебошад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 30 майи соли 2017, № 1417 «рафтори инҳисорӣ, созишҳои ғайриқонунӣ ва сӯйиистифода аз мавқеи ҳукмфармоиро дар бозори хизматрасонии суғуртавӣ манъ менамояд» [35]. Ин қонун барои соҳибкорон шароити баробар фароҳам оварда, имкон медиҳад, ки онҳо аз байни якчанд ташкилоти суғуртавӣ интихоби беҳтаринро анҷом диҳанд ва аз нархҳои аз ҳад баланд ва шароити номусоид эмин бошанд.

Дар адабиёти илмӣ қайд шудааст, ки «рақобати солим яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани сифати хизматрасонии суғуртавӣ ва паст гардидани хароҷоти соҳибкорон мебошад» [170, с. 426-433].

Моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" муқаррар менамояд: «пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва бартарафсозии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати носолимро дар бозори суғуртавӣ мақоми ваколатдори давлатии зиддиинҳисорӣ дар якҷоягӣ бо мақоми назорати суғуртавӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти зиддиинҳисорӣ таъмин менамоянд».

Дар матни модда се мафҳуми асосӣ истифода шудааст:

«Фаъолияти инҳисорӣ – рафтори субъектҳои хоҷагидор, ки ба истифодаи вазъи инҳисории худ дар бозор равона шуда, барои рақобат монеа эҷод мекунад ё манфиатҳои истеъмолкунандагонро вайрон менамояд.

Рақобати носолим – ҳама гуна амалҳои субъектҳои хоҷагидор, ки ба гирифтани бартариҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ равона шуда, ба қонунгузорӣ мухолифанд ва метавонанд ба дигар субъектҳои хоҷагидор зарар расонанд ё ба обрӯ ва тиҷорати онҳо таъсири манфӣ расонанд.

Бозори суғуртавӣ – соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар он хариду фурӯши хизматрасониҳои суғуртавӣ байни суғуртадиҳандагон ва суғуртакунандагон сурат мегирад».

Тибқи моддаи мазкур, ду мақомоти асосӣ барои пешгирии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати носолим дар бозори суғуртавӣ масъуланд:

«1. Мақоми ваколатдори давлатии зиддиинҳисорӣ – Хадамоти зиддиинҳисорӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мақоми назорати суғуртавӣ – Бонки миллии Тоҷикистон, ки тибқи Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ваколати назорати суғуртавиро амалӣ менамояд».

Тибқи маълумоти GlobalData, «дар Тоҷикистон инчунин Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавӣ (National Association of Insurance Companies – NAIC) фаъолият мекунад, ки барои таъмини фаъолияти самараноки соҳаи суғурта, таъмини рақобати солим ва ҳифзи манфиатҳои суғуртакунандагон таъсис дода шудааст».

Дар модда таъкид шудааст, ки «ин мақомот дар якҷоягӣ амал мекунанд. Ин принсипи ҳамкории байниидоравӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолиятро ифода мекунад. Чунин ҳамкорӣ барои самаранокии мубориза бар зидди инҳисор ва рақобати носолим зарур аст, зеро:

– Мақоми зиддиинҳисорӣ дорои ваколат ва таҷриба дар самти танзими рақобат мебошад;

– Мақоми назорати суғуртавӣ дорои маълумот ва таҷриба дар самти хусусиятҳои бозори суғуртавӣ мебошад.

Таҷрибаи амалии мубориза бар зидди инҳисор дар бозори суғуртавии Тоҷикистон дар мисоли бозори суғуртаи масъулияти ҳатмии граждании соҳибони воситаҳои нақлиёт равшан дида мешавад: «то соли 2020, дар бозори суғуртаи ҳатмии автомобилӣ танҳо ду ширкат фаъолият мекард: Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷиксуғурта" (давлатӣ); – ҶДММ "Аввалин Ҷамъияти Миллии Суғурта" (хусусӣ)».

Тибқи иттилои Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, Ҷамшед Нурмуҳаммадзода, «дар натиҷаи фаъолияти инҳисории ин ду ширкат, дар бозори суғуртаи ҳатмии масъулияти мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт рақобат вуҷуд надошт, ки ин боиси болоравии нархҳо ва паст шудани сифати хизматрасонӣ гардида буд» [225].

Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда аз ҷониби мақомоти ваколатдор, инчунин дар асоси талаботи моддаи 35 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:

«1. Моҳи июни соли 2020, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиёт" (версияи нав)-ро тасдиқ кард [37].

2. Тибқи ин қонун, дигар ширкатҳои суғуртавӣ низ пас аз иҷрои шартҳои муқарраркардаи давлат ҳуқуқи пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртаи ҳатмии автомобилиро пайдо карданд.

3. Дар натиҷа, бозори суғуртаи автомобилӣ барои ширкатҳои хусусӣ кушода шуд, ки ин ба баланд шудани рақобат ва беҳбудии сифати хизматрасонӣ мусоидат кард».

Дар натиҷаи ин чораҳои зиддиинҳисорӣ:

«– Афзоиши рақобат – имкони фаъолият барои дигар ширкатҳои суғуртавӣ дар бозори суғуртаи автомобилӣ фароҳам омад [224].

– Беҳбудии нархгузорӣ – рақобат боиси мутавозин шудани нархҳо гардид. Қаблан бисёр ронандагон шикоят мекарданд, ки онҳо 250 сомонӣ пардохт мекунанд, дар ҳоле ки нархи расмӣ 141 сомониро ташкил медод [225].

– Баланд шудани ҳаҷми пардохтҳо – тибқи қонуни нав, андозаи пардохтҳои суғуртавӣ барои зарари ҳаёт ва саломатӣ аз 5800 сомонӣ ба 31610 сомонӣ ва барои зарари молу мулк аз 2900 сомонӣ ба 15834 сомонӣ баланд бардошта шуд» [218].

Дар ИМА, фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ аз зери танзими қонунҳои зиддиинҳисорӣ қисман мустасно мебошад. Тибқи Акти Маккаррана-Фергюсона (McCarran-Ferguson Act) соли 1945, ба ширкатҳои суғуртавӣ дараҷаи муайяни иммунитет аз қонунҳои федералии зиддиинҳисорӣ дода шудааст, агар фаъолияти онҳо дар сатҳи иёлотҳо танзим карда шавад.

Аммо, ин иммунитет ба амалҳои зерин дахл надорад: «Бойкот (радди дастаҷамъонаи хизматрасонӣ); Маҷбуркунӣ (coercion); Тарсонидани (intimidation)» [149, с.37-42].

Дар соли 2025, дар Калифорния ду даъвои зиддиинҳисорӣ алайҳи ширкатҳои бузурги суғуртавӣ пешниҳод шудааст, ки онҳоро дар амалҳои дастаҷамъона барои маҳдуд кардани фурӯши сиёсатҳо дар минтақаҳои оташнишин айбдор мекунанд. Ин парвандаҳо нишон медиҳанд, ки маҳдудияти иммунитет аз қонунҳои зиддиинҳисорӣ чӣ гуна амал мекунад.

Дар Иттиҳоди Аврупо, бахши суғурта низ зери назорати қатъии қонунҳои рақобат қарор дорад. Директиваи Solvency II [217] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ талаб мекунанд, ки ширкатҳои суғуртавӣ дар

шароити рақобати солим фаъолият кунанд ва аз созишномаҳои зиддирақобатӣ худдорӣ намоянд.

Баръакси ИМА, ки дар он ба ширкатҳои суғуртавӣ иммунитети маҳдуд дода шудааст, дар Тоҷикистон бахши суғурта пурра зери танзими қонунгузории зиддиинҳисорӣ қарор дорад. Ин ба он маъност, ки ширкатҳои суғуртавӣ дар Тоҷикистон аз ҳама гуна иммунитет дар муқобили қонунҳои рақобат бархӯрдор нестанд.

Асосҳои қонунгузорӣ дар ин самт инҳоянд:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи рақобат" аз 30 майи соли 2017, № 1417 [35] – санади асосӣ, ки принсипҳои умумии танзими рақобат ва мубориза бо фаъолияти инҳисориро муқаррар мекунад.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" аз 23 июли соли 2016, № 1349 [31] – санади соҳавӣ, ки моддаи 35 мавриди таҳлил қисми таркибии он мебошад.

Тибқи маълумоти GRATA International, мақоми ваколатдори зиддиинҳисорӣ дар соҳаи ҳимоя ва рушди рақобат назорати давлатиро нисбат ба амалҳои зерин амалӣ менамояд: «1. Таъсис ва ташкили нав – таъсис, азнавташкилдиҳӣ (ҳамроҳшавӣ, якҷояшавӣ)и шахсони ҳуқуқӣ, субъектҳои хоҷагидор ва иттиҳодияҳои онҳо; 2. Харидани саҳмияҳо – ба даст овардани саҳмияҳои овоздиҳандаи субъектҳои хоҷагидор; 3. Харидани дороиҳо – ба даст овардани воситаҳои асосии истеҳсолот ё дороиҳои ғайримоддии субъектҳои дигар»; 4. «Ба даст овардани ҳуқуқҳои идоракунӣ – ба даст овардани ҳуқуқе, ки ба субъекти хоҷагидор имкон медиҳад шароити фаъолияти соҳибиро муайян кунад» [151, с.112-116].

Тибқи талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ, баъзе амалҳо бояд бо ризоияти пешакии мақоми зиддиинҳисорӣ анҷом дода шаванд:

«– Агар арзиши умумии дороиҳои харидор аз 200 ҳазор нишондиҳанда барои ҳисоб (барои соли 2024 – 14 400 000 сомонӣ) зиёд бошад, гирифтани ризоияти пешакии мақоми зиддиинҳисорӣ ҳатмист.

– Агар арзиши умумии дороиҳои харидор аз 100 ҳазор нишондиҳанда барои ҳисоб (барои соли 2024 – 7 200 000 сомонӣ) зиёд бошад, мақоми зиддиинҳисориро дар давоми 15 рӯз пас аз амал огоҳ кардан лозим аст».

Ин талабот ба муомилоти байналмилалӣ низ дахл дорад, яъне агар шартномаҳои берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон басташуда ба маҳдудшавии рақобат дар бозорҳои молӣ оварда расонанд, онҳо низ зери назорати мақоми зиддиинҳисорӣ қарор мегиранд.

Ҷанбаҳои мусбии ин механизм инҳоянд:

1. Принсипи якҷоягӣ – муқаррар намудани ҳамкории ду мақоми ваколатдор (зиддиинҳисорӣ ва назорати суғуртавӣ) ба самаранокии мубориза бар зидди инҳисор мусоидат мекунад.

2. Мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ – дар аксари кишварҳо низ танзими рақобат дар бозори суғуртавӣ аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ ва назоратии молиявӣ сурат мегирад.

3. Дақиқияти истинод ба қонунгузорӣ – зикри он, ки фаъолият тибқи қонунгузории зиддиинҳисорӣ амалӣ карда мешавад, мутобиқати меъёрҳои соҳавиро таъмин менамояд.

Нуқтаҳои такмилталаб бошанд чунинанд:

1. Мафҳумҳои возеҳ – дар матни модда таърифи "фаъолияти инҳисорӣ" ва "рақобати носолим" оварда нашудааст, ки метавонад ба тафсири гуногун оварда расонад.

2. Ҷазоҳо – дар модда чораҳои ҷавобгарӣ барои риоя накардани талабот муқаррар нашудаанд (танҳо истинод ба қонунгузории умумӣ).

3. Тартиби ҳамкорӣ – дар модда тартиби мушаххаси ҳамкории байни ду мақом (шаклҳои ҳамкорӣ, муҳлатҳо ва ғайра) муайян нашудааст.

Барои такмил пешниҳодҳои зерин манзур карда мешаванд:

1. Ворид намудани таърифҳо – ба модда таърифҳои асосии мафҳумҳои "фаъолияти инҳисорӣ" ва "рақобати носолим" дар соҳаи суғурта ворид карда шаванд.

2. Таҳияи тартиби ҳамкорӣ – байни Хадамоти зиддиинҳисорӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон тартиби ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот таҳия ва тасдиқ карда шавад.

3. Муқаррар намудани чораҳои иловагии пешгирӣ – ба модда чораҳои иловагии пешгирии рақобати носолим, аз қабили назорати иттиҳодияҳои касбӣ ва ассотсиатсияҳои ширкатҳои суғуртавӣ ворид карда шаванд.

4. Ворид намудани механизми шикоят – барои суғурташавандагон (аз ҷумла соҳибкорон) имконияти шикоят ба амалҳои инҳисорӣ мустақиман ба мақомоти зиддиинҳисорӣ пешбинӣ карда шавад.

Моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" муқаррароти муҳимро оид ба пешгирии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати носолим дар бозори суғуртавӣ дар бар мегирад. Ин модда ба принсипи ҳамкории байниидоравӣ асос ёфта, ду мақоми асосиро – мақоми ваколатдори давлатии зиддиинҳисорӣ ва мақоми назорати суғуртавиро барои таъмини рақобати солим дар бозор масъул мегардонад. Таҷрибаи амалии татбиқи ин модда дар мисоли ислоҳоти бозори суғуртаи автомобилӣ дар соли 2020 намунаи барҷастаи муборизаи муваффақона бар зидди инҳисор мебошад. Дар натиҷаи ин ислоҳот, бозори суғуртаи ҳатмии масъулияти мадании соҳибони воситаҳои нақлиёт барои ширкатҳои хусусӣ кушода шуд, ки ин боиси беҳбудии нархгузорӣ ва баланд шудани ҳаҷми пардохтҳои суғуртавӣ

гардид. Дар муқоиса бо таҷрибаи байналмилалӣ, Тоҷикистон роҳи танзими пурраи бахши суғуртаро бо қонунҳои зиддиинҳисорӣ интихоб кардааст, ки ин ба таҷрибаи аксари кишварҳои Аврупо ва Осиё наздик аст. Дар ҳамин ҳол, барои беҳтар кардани ин модда дар оянда, ҷорӣ намудани таърифҳои калидӣ, таҳияи механизмҳои ҳамкории байниидоравӣ ва муайян кардани чораҳои иловагии пешгирикунанда метавонад самаранокии онро ба таври назаррас афзоиш диҳад ва ба ҳимояи мукаммалтари ҳуқуқҳо ва манфиатҳои шахсони суғурташуда, аз ҷумла соҳибкорон, кумак расонад.

Механизми сеюм – ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасонии суғуртавӣ (аз ҷумла соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон) аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004 № 72 ва тафсирҳои он «механизмҳои даъвоӣ, ҷавобгарии ташкилотҳои суғуртавӣ ва тартиби баррасӣ кардани шикоятҳоро муқаррар менамоянд» [21; 118, с. 200].

Моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" мақоми ҳуқуқии суғурташавандаро муайян намуда, аз чор қисм иборат аст: «суғурташаванда шартномаҳои суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии манфиатҳои шахсӣ, молумулкӣ ва ҷавобгарии маданию ҳуқуқӣ мебандад».

Ин қисм салоҳияти асосии суғурташавандаро муайян мекунад:

«– Намудҳои суғурта – ҳатмӣ ва ихтиёрӣ;

– Объектҳои суғурта – манфиатҳои шахсӣ, молумулкӣ ва ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ».

Дар заминаи зербоби таҳқиқоти мо (соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон), ин қисм аҳаммияти калон дорад, зеро:

– Соҳибкорон метавонанд манфиатҳои молумулкии худро (молу мулк, таҷҳизот) суғурта кунанд;

– Соҳибкорон метавонанд ҷавобгарии маданию ҳуқуқии худро суғурта кунанд (масалан, ҷавобгарӣ дар назди истеъмолкунандагон);

– Соҳибкорон метавонанд манфиатҳои шахсии кормандонро суғурта кунанд.

Тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, дар соли 2025 ба Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки дар натиҷа имкони гузаронидани амалиёти суғуртавӣ ба таври ғайринақдӣ фароҳам оварда шуд. Инчунин, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла "Тартиб ва меъёрҳои тарҳкунии саҳмияҳо ба захираҳои суғуртавӣ" ва "Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ" таҳия ва тасдиқ карда шуданд, ки раванди муосири баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявиро дар соҳа таъмин мекунанд [141, 47-52].

Дар қисми дуюм дарҷ шудааст, ки «суғурташаванда метавонад шартномаҳои суғуртаи шахсии шахсони сеюмро ба манфиати охирин (шахсони суғурташуда) бандад. Ин қисм ба суғурташаванда имкон медиҳад, ки шартномаи суғуртаро ба манфиати шахсони сеюм (шахсони суғурташуда) бандад». Барои соҳибкорон ин муқаррарот аҳаммияти калон дорад, зеро:

– Соҳибкорон метавонанд кормандони худро суғурта кунанд (суғуртаи садама, суғуртаи тиббӣ);

– Соҳибкорон метавонанд аъзои оилаи кормандонро суғурта кунанд;

– Ин гуна суғурта ҳамчун қисми бастаи иҷтимоӣ барои ҷалб ва нигоҳ доштани кормандони болаёқат хизмат мекунад.

Мутобиқ ба қисми сеюм «барои гирифтани ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) аз рӯи шартномаҳои суғурта суғурташаванда ҳуқуқ дорад ҳангоми бастани шартномаҳои суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳатмӣ шахсони сеюм (фоидагирандагон)-ро даъво намояд, инчунин дар давоми

амали шартномаи суғуртавӣ аз рӯи салоҳдиди худ онҳоро иваз намояд». Ин қисм ба суғурташаванда ҳуқуқи таъйин ва иваз кардани фоидагирандагонро медиҳад. Барои соҳибкорон ин муқаррарот имкон медиҳад:

– Ҳамчун фоидагиранда таъйин кардани шахсоне, ки дар сурати рух додани ҳодисаи суғуртавӣ бояд ҷуброни суғуртавиро гиранд;

– Дар сурати тағйир ёфтани ҳолатҳо (масалан, фурӯши тиҷорат, тағйири шарикон) фоидагирандаро иваз кунанд.

Қисми чоруми модда бошад муқаррар менамояд, ки суғурташаванда ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи ихтиёрӣ ва ҳатмӣ ҳуқуқи интихоби ташкилоти суғуртавиро дорад. Ин қисм ҳуқуқи интихоби озоди суғурткунандаро муқаррар мекунад, ки принсипи асосии иқтисоди бозорӣ мебошад. Дар ҳаёти соҳибкорон ин имконият аҳаммияти хеле бузург дорад, чунки:

– Соҳибкорон метавонанд ширкати суғуртавиро бо шароитҳои мувофиқтарин интихоб намоянд;

– Соҳибкорон қобилияти муқоиса кардани ширкатҳои суғуртавӣ ва ҷудо намудани беҳтарин вариантро пайдо мекунанд;

– Рақобати шадиди байни ширкатҳои суғуртавӣ ба баланд шудани сифати хизматрасонӣ ва арзон гардидани нархҳо заминаи мустаҳкам фароҳам меорад.

Моддаи 18 Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ба таври мустақим ҳуқуқҳои суғурташавандаро ҳамчун истеъмолкунандаи хизматрасонии суғуртавӣ муайян мекунад. Ин ҳуқуқҳо дар якҷоягӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" [21] механизми мукаммали ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасонии суғуртавиро ташкил медиҳанд.

Механизми ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз унсурҳои зерин иборат аст:

«– Ҳуқуқ ба маълумот (дар бораи ширкати суғуртавӣ, шартҳои суғурта, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо);

– Ҳуқуқ ба интихоби озод;

– Ҳуқуқ ба бехатарӣ;

– Ҳуқуқ ба ҷуброни зарар;

– Ҳуқуқ ба муроҷиат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва суд».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, № 72 [21] механизмҳои калидии ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро муайян ва муқаррар менамояд. Ин қонун ба соҳаи хизматрасонии суғуртавӣ низ паҳн мешавад, чунки: суғурта ҳамчун намуди хизматрасонии пурарзиш шинохта шудааст; суғурташаванда (соҳибкор) дар ин раванд ҳамчун истеъмолкунандаи бевоситаи хизматҳои суғуртавӣ ҳисобида мешавад.

Тибқи қонунгузории амалкунанда, суғурташаванда (соҳибкор) дар сурати вайрон шудани ҳуқуқаш механизмҳои даъвоии зеринро истифода бурда метавонад:

«1. Даъво ба ширкати суғуртавӣ – пешниҳоди шикоят ба ширкати суғуртавӣ дар бораи вайрон кардани шартҳои шартнома ё радди пардохт.

2. Муроҷиат ба мақомоти назоратӣ – муроҷиат ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ.

3. Муроҷиат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон – муроҷиат ба Хадамоти зиддиинҳисорӣ ва рушди рақобат, ки ваколати ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро дорад.

4. Муроҷиат ба суд – пешниҳоди даъво ба суди иқтисодӣ (барои соҳибкорон) ё суди маданӣ».

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон (аз ҷумла соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон) намудҳои зерини ҷавобгариро пешбинӣ мекунад:

«1. Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ – ҷуброни зарар, пардохти ҷарима, ҷуброни зарари маънавӣ.

2. Ҷавобгарии маъмурӣ – ҷаримаҳои маъмурӣ, боздошти муваққатии иҷозатнома.

3. Ҷавобгарии интизомӣ – нисбат ба кормандони ширкатҳои суғуртавӣ».

Тибқи маълумоти GlobalData, «дар Тоҷикистон талабот ба қобилияти пардохтпазирӣ (solvency requirements) муқаррар нашудааст, ки ин метавонад ба устувории молиявии ширкатҳои суғуртавӣ таъсири манфӣ расонад» [224].

Тартиби баррасии шикоятҳои суғурташавандагон (соҳибкорон) дар санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудааст:

1. Мухлатҳои баррасӣ – шикоятҳо бояд дар мухлатҳои муқарраршуда (одатан 30 рӯз) баррасӣ карда шаванд.

2. Тартиби пеш аз судӣ – барои баҳсҳои суғуртавӣ тартиби пеш аз судии ҳалли ихтилофот пешбинӣ шудааст.

3. Далелҳо – суғурташаванда бояд далелҳои вайрон шудани ҳуқуқашро пешниҳод кунад.

Дар таҳқиқоти Д.Ш. Сангинов, П.З. Мирзозода, Э.Д. Кабутов, С.К. Ризоева, О.А. Мавлоназаров оид ба таҳияи Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҷрибаи кишварҳои пешқадами ҷаҳон, қайд шудааст, ки «барои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар соҳаи суғурта зарурати такмили минбаъдаи қонунгузорӣ вуҷуд дорад» [174, с.89-98; 173, с. 244-254].

Дар Иттиҳоди Аврупо, Директиваи Solvency II [217] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳифзи ҳуқуқи суғурташавандагонро таъмин мекунанд. Хусусиятҳои асосӣ:

«– Ҳуқуқ ба маълумот – ширкатҳои суғуртавӣ вазифадоранд маълумоти пурра дар бораи шартҳои суғурта, хатарҳо ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳоро пешниҳод кунанд.

– Ҳуқуқ ба интихоби озод – суғурташаванда ҳуқуқ дорад ширкати суғуртавиро озодона интихоб кунад.

– Ҳуқуқ ба ҷуброни зарар – дар сурати вайрон шудани шартҳои шартнома, суғурташаванда ҳуқуқ дорад ҷуброни пурраи зарарро талаб кунад».

Дар Русия, Қонуни федералии "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" ва Қонуни федералии "Дар бораи ташкили фаъолияти суғуртавӣ дар Федератсияи Русия" механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи суғурташавандагонро муқаррар мекунанд. Тибқи маълумоти мавҷуда, дар Русия дар соли 2024 Қонуни федералии №477-ФЗ "Дар бораи кафолати ҳуқуқҳо аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи ҳаёт" [45] қабул шудааст, ки ба ҳифзи ҳуқуқи суғурташавандагон дар суғуртаи ҳаёт равона шудааст.

Дар Қазоқистон, тибқи таҳқиқоти Бектенов А.Е., «механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасонии суғуртавӣ дар сатҳи баланд қарор доранд. Аз ҷумла: таъсиси фонди кафолати пардохтҳои суғуртавӣ; ҷорӣ намудани институти омбудсмени молиявӣ; ҳатмии нашри ҳисоботҳои молиявӣ ва дастрасии озод ба онҳо» [132, с. 186-194].

Дар асоси таҳлили парвандаҳои судӣ [226; 227; 228; 229; 230] ва таҳқиқоти илмӣ [193, с.21; 194, с. 189; 195, с. 202; 196, с. 179; 197, с. 44; 198, с. 316; 199, с. 170; 200, с.27; 201, с. 178; 202, с. 23; 203, с. 201; 204, с. 354; 205, с. 27; 206, с. 193, 207, с. 53 208, с 383 180–197] дар амалияи

Тоҷикистон мушкилоти зерин дар ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон мавҷуданд:

1. Радди бесабаби пардохтҳои суғуртавӣ – ширкатҳои суғуртавӣ аксар вақт бо баҳонаҳои расмӣ пардохтро рад мекунанд.

2. Тулонии раванди судӣ – баҳсҳои суғуртавӣ дар судҳо солҳо тул мекашанд [226; 227; 228; 229; 230].

3. Мушкилоти исботи фоидаи гумшуда – соҳибкорон аксар вақт наметавонанд ҳаҷми дақиқи фоидаи гумшударо исбот кунанд [194, с. 189, 195, с. 202 201, с. 178; 202, с. 22].

4. Набудани дастрасӣ ба маълумоти молиявӣ – соҳибкорон маълумоти кофӣ дар бораи вазъи молиявии ширкатҳои суғуртавӣ надоранд [193, с. 21].

Тибқи маълумоти мавҷуда, дар парвандаҳои [226; 227; 228; 229; 230] соҳибкорон маҷбуранд солҳо дар судҳо исбот кунанд, ки ҳодисаи рухдода воқеан суғуртавӣ будааст. Ин вазъият ба самаранокии пасти механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар соҳаи суғурта далолат мекунад.

Дар таҳқиқоти А.В. Золотухин [197, с.44; 198, с. 316; 197] қайд шудааст, ки «яке аз сабабҳои асосии паст будани эътимоди соҳибкорон ба суғурта дар Тоҷикистон ин набудани механизмҳои муассири ҳифзи ҳуқуқи онҳо мебошад». Ба андешаи ин муҳаққиқ, «то замоне ки механизмҳои самараноки ҳифзи ҳуқуқи суғурташавандагон таъсис дода нашаванд, соҳибкорон дар муносибатҳои суғуртавӣ ҳамчун тарафи заиф боқӣ мемонанд» [198, с. 316].

Д.Ш. Сангинов низ дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки «барои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар соҳаи суғурта зарурати такмили қонунгузорӣ ва таъсиси институтҳои нав (омбудсмен, фонди кафолат) вуҷуд дорад» [208, с. 383].

Ҷанбаҳои мусбии механизм чунинанд:

1. Муайян кардани ҳуқуқҳои асосӣ – модда ҳуқуқҳои асосии суғурташавандаро (соҳибкор)-ро муайян мекунад.

2. Ҳуқуқи интихоби озод – муқаррар намудани ҳуқуқи интихоби ташкилоти суғуртавӣ ба рақобат ва беҳбудии сифати хизматрасонӣ мусоидат мекунад.

3. Имконияти таъйин ва иваз кардани фоидагирандагон – ба суғурташаванда имкон медиҳад, ки дар давоми амали шартнома тағйироти заруриро ворид кунад.

4. Имконияти суғуртаи шахсони сеюм – ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки кормандони худро суғурта кунанд.

Аммо масоли мазкур ба такмил ниёз доранд:

1. Набудани механизмҳои мушаххаси ҳифзи ҳуқуқ – дар модда механизмҳои мушаххаси ҳифзи ҳуқуқи суғурташаванда дар сурати вайрон шудани ҳуқуқаш пешбинӣ нашудаанд.

2. Набудани ҷавобгарӣ барои вайронкунӣ – дар модда ҷавобгарии ширкатҳои суғуртавӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи суғурташаванда муқаррар нашудааст.

3. Истинод ба дигар қонунҳо – модда бевосита ба Қонуни "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" истинод намекунад, ки метавонад ба тафсири гуногун оварда расонад.

Аз ин рӯ, чунин пешниҳодҳо манзур карда мешавад:

1. Ворид намудани истинод ба Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" – дар модда бояд зикр шавад, ки суғурташаванда ҳамчун истеъмолкунандаи хизматрасонии суғуртавӣ аз ҳифози ин қонун низ бархӯрдор аст.

2. Муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои вайронкунӣ – дар модда бояд ҷавобгарии ширкатҳои суғуртавӣ барои вайрон кардани ҳуқуқи суғурташаванда муқаррар карда шавад (ҷарима, ҷуброни зарар ва ғ.).

3. Ворид намудани қоидаҳо дар бораи маълумотрасонӣ – дар модда бояд муқаррар карда шавад, ки ширкатҳои суғуртавӣ вазифадоранд ба суғурташаванда маълумоти пурра ва дақиқ дар бораи шартҳои суғурта пешниҳод кунанд.

4. Муқаррар намудани муҳлати баррасии шикоятҳо – дар модда бояд муҳлати баррасии шикоятҳои суғурташавандагон аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ муқаррар карда шавад.

5. Ворид намудани қоида дар бораи ҳалли пеш аз судии баҳсҳо – дар модда бояд тартиби ҳатмии пеш аз судии ҳалли баҳсҳо пешбинӣ карда шавад.

Моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" мақоми ҳуқуқии суғурташавандаро муайян намуда, барои соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон ҳуқуқҳои асосиро муқаррар мекунад. Ин модда дар якҷоягӣ бо Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаи ҳуқуқиро барои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар соҳаи суғурта фароҳам меорад.

Дар муқоиса бо таҷрибаи байналмилалӣ, Тоҷикистон барои такмили низоми ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон дар соҳаи суғурта метавонад аз таҷрибаи кишварҳое чун Русия, Қазоқистон ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо истифода барад. Аз ҷумла, таъсиси фонди кафолати пардохтҳои суғуртавӣ, институти омбудсмени суғуртавӣ ва ҳатмии нашри ҳисоботҳои молиявӣ метавонад ба баланд шудани сатҳи ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон мусоидат кунад.

Ҳамин тариқ, моддаи 18 заминаи мустаҳками ҳуқуқиро барои муайян кардани мақоми суғурташаванда фароҳам меорад, вале барои таъмини ҳифзи самараноки ҳуқуқи соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон, зарурати такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ва таъсиси институтҳои нави ҳифзи ҳуқуқ вуҷуд дорад.

Механизми чорум – татбиқи суғуртаҳои ҳатмӣ ва ихтиёрии муҳим барои соҳибкорон мебошад. Дар қонунгузории Тоҷикистон чанд намуди суғуртаи ҳатмӣ муқаррар шудаанд, ки бевосита ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд:

– суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании соҳибони воситаҳои нақлиёт [37];

– суғуртаи тиббӣ [25];

– суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ва нафақаҳои касбӣ [27; 32].

Ин намудҳои суғурта хавфҳои асосии тиҷоратиро (масалан, талафоти моддӣ аз садамаҳо, хароҷоти тиббӣ барои кормандон, хароҷоти нафақа) коҳиш дода, устувории молиявии корхонаҳоро таъмин менамоянд.

Дар таҳқиқотҳои илмӣ ин механизм ҳамчун «воситаи муҳимми коҳиш додани хавфҳои соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолият арзёбӣ шудааст» [198, с. 316; 199, с. 170].

Механизми панҷум – дастгирии иҷтимоӣ ва маъмурӣ барои соҳибкорон дар бозори суғурта мебошад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ” аз 2 январи соли 2025 № 2119 «суғуртаро ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми соҳибкории иҷтимоӣ эътироф намуда, барои ташкилотҳои суғуртавӣ имтиёзҳои муайян пешбинӣ кардааст» [29].

Инчунин, Қонуни “Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ” аз 11 феврали соли 2025 № 2142 фишори зиёди мақомоти назоратиро коҳиш дода, ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки ба фаъолияти асосии худ тамаркуз намоянд [22].

Механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои онҳо дар бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал ва мутаносиб ташаккул ёфтаанд. Ин механизмҳо иборатанд аз: иҷозатдиҳӣ ва назорати қавӣ; ҳимояи рақобат; ҳимояи

ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон; суғуртаҳои ҳатмӣ; дастгирии иҷтимоӣ ва маъмурӣ.

Ин низом дар маҷмуъ устувории молиявии соҳибкоронро таъмин намуда, хавфҳои тиҷоратиро коҳиш медиҳад ва ба рушди бозори суғурта мусоидат менамояд Ҳамгироии суғурта ба сиёсати умумии рушди соҳибкорӣ ва нақшаҳои стратегӣ дар сатҳи давлатӣ яке аз самтҳои муҳимтарини такмили механизмҳои ҳуқуқӣ мебошад. Дар ҳолати кунунӣ суғурта ҳамчун воситаи ҳифзи хавфҳои соҳибкорӣ дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ (солҳои 2020–2025) ҳамчун самти муҳим зикр шудааст, аммо ҳанӯз ба ҳайси ҷузъи мукаммали сиёсати соҳибкорӣ пурра ҳамгиро нашудааст [215; 41; 42; 43; 40].

Механизмҳои ҳуқуқии ҳамгироии суғурта ба сиёсати соҳибкорӣ метавонанд чунин бошанд:

«1. Муқаррар кардани нишондиҳандаҳои ҳатмӣ дар нақшаҳои рушди соҳибкорӣ (ҳаҷми шартномаҳои суғуртаи хатарҳои тиҷоратӣ нисбат ба даромади солонаи корхона);

2. Дохил кардани шартҳои суғурта ҳамчун талаботи иловагӣ барои гирифтани имтиёзҳои давлатӣ (субсидияҳо, қарзҳои имтиёзнок, иштирок дар барномаҳои содирот);

3. Таъсиси механизми ҳисоботдиҳии ягона оид ба ҳолати ҳифзи хавфҳои соҳибкорӣ дар ҳисоботҳои солонаи Вазорати иқтисод ва савдо ва Бонки миллии Тоҷикистон;

4. Гузаронидани таҳлили ҳамасолаи самаранокии суғурта барои соҳибкорон ва пешниҳоди он ба Ҳукумат ҳамчун қисми Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Ин тадбирҳо суғуртаро аз ҳолати «хизматрасонии иловагӣ» ба ҳолати «ҷузъи муҳимми устувории соҳибкорӣ» мегузаронанд.

Такмили қонунгузории соҳавӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт низ зарур аст. Масалан, дар соҳаи кишоварзӣ ва саноати сабук хавфҳои табиӣ ва иқлимӣ баланданд, аммо ҳаҷми суғуртаи ин хатарҳо ҳанӯз паст аст.

Пешниҳодҳо барои самтҳои мушаххас:

– таҳияи қонуни алоҳида ё боби махсус дар Қонуни фаъолияти суғуртавӣ оид ба суғуртаи хатарҳои кишоварзӣ бо дастгирии давлатӣ (мувофиқи таҷрибаи Қазоқистон ва Русия) [19; 146, с. 48-50];

– муқаррар кардани стандартҳои ҳатмӣ барои суғуртаи масъулияти маҳсулоти саноатӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва сохтмон;

– ҷорӣ кардани суғуртаи ихтиёрии ҳатмӣ барои лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва содиротӣ ҳамчун шарти шартномаҳои давлатӣ.

Ин механизмҳо хавфҳои соҳавиро коҳиш дода, соҳибкорони ин соҳаҳоро ба истифодаи суғурта ҳавасманд месозанд.

Муҳиммияти таъсиси фонди махсуси ҳифзи соҳибкорон дар ҳолатҳои фавқулодда (форс-мажор, ҳодисаҳои табиӣ, бuҳронҳои иқтисодӣ) низ зиёд аст. Дар ҳолати кунунӣ чунин фонд мавҷуд нест ва соҳибкорон дар ҳолатҳои фавқулодда аксар вақт бе ҳеҷ ҳимоя мемонанд.

Пешниҳодҳо:

– таъсиси Фонди ҳифзи соҳибкорон аз хатарҳои ғайрисуғуртавӣ дар ҳайати Вазорати молия ё Бонки миллии Тоҷикистон;

– маблағгузории фонди мазкур аз ҳисоби буҷаи давлатӣ, маблағҳои байналмилалӣ ва саҳми ихтиёрии ширкатҳои суғуртавӣ;

– муқаррар кардани тартиби содаи пардохтҳои якдафъаина аз ин фонд ба соҳибкороне, ки дар ҳолатҳои фавқулодда зарар дидаанд;

– ҳамоҳангсозии ин фонд бо низоми суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии мавҷуда.

Ин тадбирҳо ҳамчун «суғуртаи охирин» (last resort insurance) хизмат карда, устувории соҳибкоронро дар ҳолатҳои бухронӣ таъмин менамоянд.

Таъмини устувории дарозмуддати бозори суғурта тавассути ташаккули захираҳои кофӣ ва идоракунии хавфҳои системавӣ низ барои соҳибкорон муҳим аст. Шурои миллии суботи молиявӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2025 чораҳои зиёде барои пешгирии хавфҳои системавӣ андешидаанд [225].

Пешниҳодҳои иловагӣ:

– муқаррар кардани ҳадди ақалли захираҳои суғуртавӣ барои ҳар як намуди хавфи соҳибкорӣ;

– гузаронидани стресс-тестҳои солонаи ташкилотҳои суғуртавӣ бо назардошти сенарияҳои бухронӣ;

– таъсиси механизми барвақти огоҳсозии соҳибкорон дар ҳолати мушкилоти молиявии ширкатҳои суғуртавӣ;

– афзоиши ҳаҷми аз навсуғуртакунии хавфҳои калон дар бозори байналмилалӣ.

Ин чораҳо хавфи талафоти соҳибкоронро ҳатто дар ҳолатҳои бухронӣ коҳиш медиҳанд.

Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои онҳо дар бозори суғурта тавассути механизмҳои зерин тақвият дода мешавад:

– ҳамгироии пурраи суғурта ба сиёсати умумии рушди соҳибкорӣ ва нақшаҳои стратегӣ;

– такмили қонунгузории соҳавӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳаҳои мушаххаси иқтисодиёт;

– таъсиси фонди махсуси ҳифзи соҳибкорон дар ҳолатҳои фавқулодда;

– таъмини устувории дарозмуддати бозори суғурта ва идоракунии хавфҳои системавӣ.

Ин механизмҳо дар маҷмуъ метавонанд «суғуртаро ба воситаи воқеии ҳифзи устувории соҳибкорӣ табдил дода, хавфҳои тиҷоратиро ба таври назаррас коҳиш диҳанд ва ба рушди босуботи иқтисоди миллӣ мусоидат намоянд» [31; 215; 225; 29; 33; 197, с 44].

Таъмини ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон ҳангоми вайрон шудани шартҳои шартномаҳои суғуртавӣ ва баланд бардоштани суръати пардохтҳои суғуртавӣ яке аз масъалаҳои мубрами ҳозира мебошад. Дар таҷрибаи амалӣ аксар соҳибкорон аз тулонӣ шудани муҳлати баррасии даъвоҳо ва пардохтҳои суғуртавӣ шикоят мекунанд, ки ин ба устувории молиявии корхонаҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати умумии баррасии даъворо муқаррар кардаанд, аммо дар амал ин муҳлатҳо аксар вақт риоя намешаванд [13; 16]. Таҷрибаи судӣ низ нишон медиҳад, ки парвандаҳои марбут ба пардохти суғурта аксар вақт тулонӣ мешаванд (парвандаҳои 1-203/20, 1-87/19) [228; 126].

Механизмҳои такмил барои суръатбахшӣ ва ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон ҳангоми пардохтҳои суғуртавӣ:

1) муқаррар кардани муҳлати қатъии баррасии даъвоҳо (масалан, 15 рӯзи корӣ барои даъвоҳои оддӣ ва 30 рӯз барои даъвоҳои мураккаб) бо ҷаримаҳои ҳаррӯза барои таъхир;

2) ҷорӣ кардани тартиби пардохти пешакӣ (авансӣ) барои даъвоҳои сода (то 30–50% аз маблағи эҳтимолӣ) дар давоми 5-7 рӯз пас аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳо;

3) таъсиси низоми ягонаи электронии пешниҳоди даъвоҳо ва назорати рафти баррасӣ (дар доираи портали Бонки миллии Тоҷикистон ё системаи ягонаи давлатӣ);

4) муқаррар кардани ҳадди ақалли маблағ барои пардохти фаврӣ (масалан, то 100 000 сомонӣ) бе баррасии муфассал;

5) ҳатмӣ кардани истифодаи экспертизаи мустақил барои даъвоҳои калон бо муҳлати қатъӣ (15–20 рӯз).

Ин тағйирот метавонанд тавассути иловаҳо ба Қонуни фаъолияти суғуртавӣ (бо назардошти тағйироти соли 2025) ва қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ гарданд [31; 29; 13].

Тақвияти масъулияти ташкилотҳои суғуртавӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳо низ зарур аст. Дар ҳолати кунунӣ ҷаримаҳо ва ҷазоҳои маъмурӣ барои таъхири пардохтҳо нокифояанд ва аксар вақт ба соҳибкорон зарари воқеӣ намерасонад.

Рушди низоми суғуртаи масъулияти касбӣ ва масъулияти директори соҳибкорӣ (D&O insurance) барои ҳимзи манфиатҳои соҳибкорон ва роҳбарон низ аҳаммияти калон дорад. Дар Тоҷикистон ин намуди суғурта ҳанӯз хеле маҳдуд аст ва аксар роҳбарони корхонаҳо аз хавфи масъулияти шахсӣ (барои қарорҳои идоракунӣ, вайрон кардани ҳуқуқи акционерҳо, кормандон ё шарикон) ҳимоя нашудаанд.

Пешниҳодҳо:

– таҳияи стандартҳои ҳатмӣ барои суғуртаи масъулияти директори ширкатҳои саҳҳомӣ ва корхонаҳои калон;

– ҳавасмандгардонии ширкатҳои суғуртавӣ барои пешниҳоди маҳсулоти D&O бо нархҳои дастрас барои МСП;

– дохил кардани суғуртаи масъулияти касбӣ ҳамчун шарти иҷозат барои фаъолияти муайян (масалан, брокерҳо, аудиторҳо, ҳуқуқшиносони корпоративӣ);

– таъсиси барномаҳои омӯзишӣ барои роҳбарон оид ба фаҳмидани хавфҳои шахсӣ ва зарурати суғуртаи онҳо.

Ин тадбирҳо ҳимояи шахсии роҳбаронро таъмин карда, ба қабули қарорҳои оқилона ва устувор мусоидат менамоянд.

Таъмини дастрасии соҳибкорон ба маълумоти дақиқ ва муқоисавӣ дар бораи ширкатҳои суғуртавӣ ва маҳсулоти онҳо низ зарур аст. Дар ҳолати кунунӣ соҳибкорон аксар вақт маълумоти пурра надоранд ва аз ин сабаб интихоби ғалат мекунанд.

Пешниҳодҳо барои такмил:

– таъсиси портали ягонаи муқоисавии суғурта дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон (бо нишон додани тарифҳо, шароитҳо, рейтинги ширкатҳо ва сатҳи қаноатмандии муштариён);

– нашри ҳарсолаи рейтинги мустақили ширкатҳои суғуртавӣ аз ҷониби ташкилоти мустақил ё бо иштироки иттиҳодияҳои соҳибкорӣ;

– ҷорӣ кардани системаи ягонаи арзёбии шикоятҳо ва даъвоҳои муштариён (бо нашри оммавӣ);

– таъмини тарҷумаи шартҳои стандартӣ ба забони тоҷикӣ ва содагардонии матнҳо.

Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои онҳо дар бозори суғурта тавассути механизмҳои зерин тақвият дода мешавад:

– суръатбахшӣ ва ҳимояи ҳуқуқӣ ҳангоми баррасии даъвоҳо ва пардохтҳои суғуртавӣ;

– афзоиши масъулияти ташкилотҳои суғуртавӣ барои таъхир ва вайрон кардани уҳдадориҳо;

– рушди суғуртаи масъулияти касбӣ ва масъулияти директорон (D&O);

– таъмини дастрасии комил ва муқоисавӣ ба маълумот дар бораи ширкатҳо ва маҳсулоти суғуртавӣ.

Ин механизмҳо дар маҷмуъ метавонанд «суръати ҳифзи хавфҳо, сатҳи эътимод ва сифати интихоби соҳибкоронро ба таври назаррас

баланд бардоранд, хароҷоти ногаҳониро кам кунанд ва устувории молиявии корхонаҳоро таъмин намоянд» [31; 11; 29; 225; 197; 169, с. 89-95].

Такмили низоми суғуртаи гурӯҳӣ ва корпоративӣ барои корхонаҳо яке аз самтҳои муҳимтарини ҳимояи манфиатҳои соҳибкорон мебошад. Дар ҳолати кунунӣ аксари корхонаҳо кормандон ва молу мулки худро алоҳида суғурта мекунанд, ки ин ҳам хароҷотро зиёд мекунад ва ҳам ҳимояи комплексӣ таъмин намекунад.

Суғуртаи гурӯҳӣ имкон медиҳад, ки корхонаҳо ҳамзамон ҳаёти, саломатии кормандон, масъулияти корфармо, молу мулки корхона ва хавфҳои тиҷоратиро дар як баста ҳимоя намоянд. Ин намуд дар қонунгузории Тоҷикистон пурра танзим нашудааст, аммо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» имкони вуҷуди он пешбинӣ шудааст [31]. Барои рушди ин самт пешниҳод мешавад, ки қоидаҳои махсуси суғуртаи гурӯҳӣ ва корпоративӣ таҳия ва тасдиқ карда шаванд.

Механизмҳои ҳуқуқӣ барои рушди суғуртаи гурӯҳӣ ва корпоративӣ:

1) таҳияи стандартҳои ягонаи шартномаҳои суғуртаи гурӯҳӣ бо тавсифи возеҳи кормандони суғурташаванда, ҳадди ақалли шумораи кормандон ва намудҳои хавфҳо;

2) муқаррар кардани имтиёзҳои андозӣ барои корхонаҳое, ки суғуртаи гурӯҳии ҳаёт ва саломатии кормандонро бастаанд (ҳамчун хароҷоти қонунӣ ҳангоми ҳисоби андози даромад);

3) ҳатмӣ кардани суғуртаи гурӯҳии масъулияти корфармо барои ҳамаи корхонаҳои дорои зиёда аз 50 корманд;

4) ҷорӣ кардани бастаҳои корпоративӣ бо нархҳои тахфифӣ барои корхонаҳои хурду миёна (МСП) бо иштироки ширкатҳои суғуртавӣ ва давлат;

5) таъсиси низоми ҳисоботдиҳии сода барои шартномаҳои гурӯҳӣ (ҳисобот як бор дар сол аз ҷониби корфармо).

Ин механизмҳо хароҷоти соҳибкоронро барои ҳимояи кормандон ва моликият кам карда, устувории захираҳои инсонӣ ва молиявии корхонаҳоро таъмин менамоянд.

Рушди суғуртаи масъулияти экологӣ ва масъулияти маҳсулот (product liability) барои соҳибкорон дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва саноатӣ низ зарур аст. Дар Тоҷикистон ин намудҳои суғурта ҳанӯз хеле маҳдуданд ва аксар корхонаҳо аз хавфи даъвоҳои экологӣ ё зарар ба истеъмолкунандагон ҳимоя нашудаанд.

Пешниҳодҳо барои такмил:

– муқаррар кардани ҳадди ақалли масъулияти суғуртавӣ барои корхонаҳои дорои истеҳсолот ё фаъолияти экологӣ;

– таҳияи стандартҳои ягонаи шартномаҳои суғуртаи масъулияти маҳсулот бо нишон додани намудҳои зарарҳои ҷуброншаванда (ҷароҳати ҷисмонӣ, зарар ба молу мулк, талафоти иқтисодӣ);

– ҳамкорӣ бо Вазорати экология ва Вазорати саноат барои муайян кардани хавфҳои баланд ва талаботи суғурта барои ин соҳаҳо;

– ҷорӣ кардани имтиёзҳои андозӣ барои корхонаҳое, ки масъулияти экологӣ ва маҳсулотро суғурта кардаанд.

Ин тадбирҳо хавфи даъвоҳои калонро коҳиш дода, ба соҳибкорон имкон медиҳанд, ки ба рушди истеҳсолот ва содирот бо эътимоди бештар машғул шаванд.

Таъмини ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон дар ҳолати барҳамдиҳии ширкати суғуртавӣ ё боздошти фаъолияти он низ бояд ба сатҳи нав бардошта шавад. Таҷрибаи барҳамдиҳии «Тоҷиксармоягузор» ва баъзе ширкатҳои дигар нишон дод, ки соҳибкорон дар ҳолатҳои чунин аксар вақт ба мушкилоти зиёд дучор мешаванд [15; 16].

Пешниҳодҳо барои такмил:

– муқаррар кардани муҳлати қатъии пардохтҳои кафолатӣ аз Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳо (на зиёда аз 60 рӯз пас аз қарори барҳамдиҳӣ);

– афзоиши ҳадди кафолати ҳар як суғурташаванда (аз ҳолати кунунӣ то 2-3 маротиба);

– таъсиси низоми огоҳсозии фаврӣ ва электронии соҳибкорон дар ҳолати ворид шудани ширкат ба реҷаи барҳамдиҳӣ;

– муқаррар кардани тартиби интиқоли шартномаҳои суғурта ба ширкати дигар бо ризоияти соҳибкорон ва бе тағйири шароит.

Ин механизмҳо хавфи талафоти пурраи маблағҳои суғурташударо коҳиш медиҳанд ва эътимоди соҳибкоронро ба системаи суғурта баланд мебардоранд.

Рушди суғуртаи хатарҳои киберӣ ва масъулияти иттилоотӣ барои соҳибкорони муосир (хусусан дар соҳаи тиҷорати электронӣ, бонкдорӣ, телекоммуникатсия) низ самти афзалиятнок аст. Дар шароити афзоиши ҳамлаҳои киберӣ ва талафоти маълумот ин намуди суғурта барои ҳимояи молиявӣ ва обрӯи корхонаҳо муҳим мешавад.

Пешниҳодҳо:

– таҳияи стандартҳои махсус барои суғуртаи киберӣ дар Қонуни фаъолияти суғуртавӣ;

– муқаррар кардани ҳадди ақалли масъулияти суғуртавӣ барои ширкатҳои дорои системаҳои иттилоотии калон;

– ҳамкорӣ бо Кумитаи амнияти иттилоотӣ ва Вазорати рақамизатсия барои муайян кардани хавфҳои асосӣ ва талаботи суғурта;

– ҷорӣ кардани барномаҳои омӯзишӣ ва сертификатсия барои соҳибкорон оид ба идоракунии хавфҳои киберӣ ва зарурати суғуртаи онҳо.

Ин тадбирҳо соҳибкоронро аз талафоти калон дар ҳолатҳои ҳамлаҳои киберӣ ҳимоя карда, ба рушди тиҷорати электронӣ ва рақамизатсия мусоидат менамоянд.

Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои онҳо дар бозори суғурта тавассути механизмҳои зерин тақвият дода мешавад:

– рушди суғуртаи гурӯҳӣ ва корпоративӣ барои ҳимояи комплексӣ;

–такмили суғуртаи масъулияти экологӣ ва масъулияти маҳсулот дар соҳаҳои истеҳсолӣ;

– ҳимояи ҳуқуқӣ ва суръатбахшии пардохтҳо ҳангоми барҳамдиҳии ширкатҳои суғуртавӣ;

– рушди суғуртаи хатарҳои киберӣ ва масъулияти иттилоотӣ барои соҳибкорони муосир.

Ин механизмҳо дар маҷмуъ метавонанд ҳимояи соҳибкоронро дар самтҳои гуногуни фаъолият (аз кормандон то хавфҳои технологӣ) мукаммал карда, хароҷоти ногаҳонӣ ва хавфҳои тиҷоратиро ба таври назаррас коҳиш диҳанд [31; 29; 15; 16; 197, с 44; 169, с 89-95].

Рушди бозори аз навсуғуртакунӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт барои ҳимзи манфиатҳои соҳибкорон аҳаммияти калон дорад. Дар ҳолати кунунӣ ҳаҷми аз навсуғуртакунии дохилӣ ва хориҷӣ дар Тоҷикистон маҳдуд аст, ки ин боиси маҳдуд шудани қобилияти қабули хавфҳои калон мегардад [142, с 125-129].

Пешниҳодҳо барои такмил:

– таъсиси талаботи ҳатмӣ барои аз навсуғуртакунии ҳадди ақалли 30–50% аз ҳаҷми хавфҳои калон;

– ҳавасмандгардонии ширкатҳои байналмилалии аз навсуғуртакунӣ (Swiss Re, Munich Re, Hannover Re ва ғ.) барои ворид шудан ба бозори Тоҷикистон тавассути содагардонии талаботи иҷозатдиҳӣ;

– таҳияи стандартҳои ягонаи шартномаҳои аз навсуғуртакунӣ бо риояи принсипҳои байналмилалӣ;

– таъсиси гурӯҳи кории байниидоравӣ барои ҳамоҳангсозии аз навсуғуртакунӣ бо бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ.

Ин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки соҳибкорон хавфҳои калонро (аз ҷумла хавфҳои табиӣ, саноатӣ ва тиҷоратӣ) бо нархҳои қобили қабул суғурта кунанд.

Таъмини ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон дар ҳолатҳои низоъҳои байнисоҳавӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ низ бояд ба сатҳи нав бардошта шавад. Дар ҳолати кунунӣ баъзан низоъҳо байни соҳибкорон ва ширкатҳои суғуртавӣ бо сабаби нофаҳмиҳои қонунгузорӣ ё тафсирҳои гуногуни меъёрҳо ба миён меоянд.

Пешниҳодҳо:

– таъсиси Кумитаи ҳамоҳангсозии суғурта дар ҳайати Шурои миллии суботи молиявӣ бо иштироки намояндагони соҳибкорон;

– нашри шарҳҳои расмӣ ва тафсирҳои ягонаи меъёрҳои қонунгузории суғуртавӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон;

– гузаронидани конфронсҳо ва муҳокимаҳои ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои мубрами суғурта бо иштироки иттиҳодияҳои соҳибкорӣ;

– таъсиси низоми ягонаи арзёбии қаноатмандии соҳибкорон аз хизматрасонии суғуртавӣ ва нашри натиҷаҳо.

Ин механизмҳо нофаҳмиҳоро кам карда, эътимод ва ҳамкориро байни соҳибкорон ва бозори суғурта баланд мебардоранд. Механизмҳои ҳуқуқии мавҷуда дар бозори суғуртаи Тоҷикистон аллакай заминаи муносиби барои ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон фароҳам овардаанд. Аммо барои расидан ба сатҳи баланди самаранокӣ ва ҳимояи воқеӣ лозим аст, ки системаи мукаммали ҳуқуқӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ ташаккул дода шавад.

### 3.2. Пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва таъмини устувории фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта

Дар натиҷаи омӯзиши амиқи қонунҳои фаъол ва тарзи амалӣ гардидани онҳо маълум мешавад, ки барои таъмини пойдории дарозмуддати фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта зарур аст, ки як силсила ислоҳотҳои системавӣ ва ҳамаҷониба ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ворид карда шаванд. Ин ислоҳотҳо бояд на танҳо ҳимояи манфиатҳои соҳибкоронро устувор гардонанд, балки ҳамзамон назорати давлатиро самарабахштар созанд, бозорро рақобатпазиртар намоянд ва хизматрасониро дастрастару арзонтар гардонанд.

Пешниҳоди асосӣ ва стратегӣ – таҳия ва қабули Кодекси суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санадҳои ягонаи кодексӣ мебошад. Ин кодекс бояд ҳамаи муносибатҳои суғуртавӣ, аз ҷумла шартномаҳои суғуртаи хатарҳои соҳибкорӣ, аз навсуғуртакунӣ, суғуртаи рақамӣ, гурӯҳӣ ва корпоративӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои суғурташавандагон ва тартиби ҳалли низоъҳоро дар бар гирад.

Қабули чунин кодекс имкон медиҳад, ки меъёрҳои парокандаи қонунҳои амалкунанда муттаҳид шуда, такрорҳо ва ихтилофҳо бартараф гарданд.

Пешниҳодҳои мушаххас барои сохтори Кодекси суғурта:

1. Қисми умумӣ: «принсипҳои асосии фаъолияти суғуртавӣ, таърифи мафҳумҳои калидӣ (суғурташаванда – субъектҳои соҳибкорӣ, ҳодисаи суғуртавӣ, хавфи соҳибкорӣ, зарари иқтисодӣ), ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳо»;

2. Қисми махсус: «намудҳои суғуртаи марбут ба фаъолияти соҳибкорӣ (суғуртаи хатарҳои тиҷоратӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва касбӣ, қатъи фаъолият, масъулияти маҳсулот, киберӣ, гурӯҳӣ ва корпоративӣ)»;

3. Боби алоҳида оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон (муҳлатҳои қатъии баррасии даъвоҳо, маҳдудияти ҳолатҳои радди пардохт, тафсири ба нафъи суғурташаванда);

4. Тартиби ҳалли низоъҳо (муассисаи мустақили омбудсмен суғурта, миёнаравӣ, низоми судӣ);

5. Назорати давлатӣ, устувории молиявӣ ва кафолатҳои пардохтҳо (стресс-тестҳо, нақшаҳои барқарорсозӣ, Хазинаи кафолат).

Ин кодекс бояд ҳамчун асоси ягонаи ҳамаи муносибатҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардад.

Пешниҳоди дуюми стратегӣ – тағйири назарраси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» (№1349 бо тағйироти соли 2025) бо ворид кардани бобҳои нав:

– «Суғуртаи хатарҳои соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ» бо тавсифи возеҳи намудҳои хавфҳо (қатъи фаъолият, талафоти даромад, масъулияти маҳсулот, масъулияти директорон, киберӣ);

– «Суғуртаи рақамӣ ва хизматрасонии онлайн» бо талаботи ҳатмӣ барои платформаҳои электронӣ ва эътирофи имзои электронӣ;

– «Ҳимояи ҳуқуқҳои суғурташавандагон – субъектҳои соҳибкорӣ» бо муҳлатҳои қатъӣ, маҳдудияти радди пардохт ва ҷазоҳо барои вайронкуниҳо;

– «Азнавсуғуртакунӣ ва идоракунии хавфҳои калон» бо ҳадди ақалли ҳатмии аз навсуғуртакунӣ барои шартномаҳои бузург.

Ин тағйиротҳо қонунро ба талаботҳои муосири бозор ва ниёзҳои соҳибкорон мутобиқ месозанд.

Барои ҳимояи манфиатҳои соҳибкорон дар ҳолатҳои барҳамдиҳӣ ё қатъи фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ пешниҳод мешавад, ки низоми кафолати пардохтҳо ба таври ҷиддӣ такмил дода шавад.

Пешниҳодҳои мушаххас барои Қонуни «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» ва қонунҳои марбут:

«– афзоиши ҳадди кафолати як суғурташаванда (аз ҷумла соҳибкорон) аз ҳолати кунунӣ то 300 000–500 000 сомонӣ;

– муқаррар кардани мухлати қатъии пардохтҳо аз хазина – на зиёда аз 45 рӯзи корӣ пас аз қарори барҳамдиҳӣ;

– ҳатмӣ кардани интиқоли шартномаҳои суғурта ба ширкати дигар бо ризоияти суғурташаванда ва бе тағйири шароитҳои асосӣ (ҳаҷм, нарх, мухлат);

– таъсиси ҳисоботи семоҳаи шаффоф дар бораи ҳолати хазина ва пардохтҳои кафолатӣ бо нашри оммавӣ дар сомонаи расмӣ».

Ин тағйиротҳо хавфи талафоти комили маблағҳои суғурташударо барои соҳибкорон коҳиш медиҳанд.

Барои рушди суғуртаи гурӯҳӣ ва корпоративӣ (ҳимояи ҳамзамони кормандон, молу мулк ва хавфҳои тиҷоратӣ) пешниҳод мешавад, ки дар қонунгузорӣ меъёрҳои нав ворид карда шаванд:

«1) таҳияи стандартҳои ягонаи шартномаҳои гурӯҳӣ бо тавсифи возеҳи кормандони суғурташаванда, намудҳои хавфҳо ва тартиби ҳисоботдиҳӣ;

2) муқаррар кардани имтиёзҳои андозӣ барои корхонаҳое, ки суғуртаи гурӯҳии ҳаёт ва саломатии кормандонро бастаанд (ҳамчун хароҷоти қонунӣ);

3) ҳатмӣ кардани суғуртаи гурӯҳии масъулияти корфармо барои корхонаҳои дорои зиёда аз 50 корманд;

4) ҷорӣ кардани бастаҳои корпоративӣ бо нархҳои тахфифӣ барои МСП бо иштироки ширкатҳои суғуртавӣ ва дастгирии давлатӣ;

5) содагардонии тартиби ҳисоботдиҳӣ барои шартномаҳои гурӯҳӣ (як бор дар сол аз ҷониби корфармо)».

Ин тағйиротҳо хароҷоти ҳимояи кормандон ва моликиятро барои соҳибкорон кам мекунанд.

Такмили қонунгузорӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон бояд аз муқаррар кардани мӯҳлатҳои қатъӣ ва ҷазоҳои муассир барои вайронкуниҳо оғоз шавад. Дар ҳолати кунунӣ қонунгузорӣ мӯҳлати дақиқи баррасии даъвоҳо ва пардохтҳои суғуртавӣ муайян накардааст, ки ин ба таъхирҳои тулонӣ ва талафоти иқтисодӣ барои соҳибкорон оварда мерасонад.

Пешниҳод мешавад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» (бо тамоми тағйиротҳои оянда) мӯҳлатҳои дақиқи зерин муқаррар гарданд:

«– барои баррасӣ ва ҳалли даъвоҳои сода (ҳангоми пешниҳоди пурраи ҳуҷҷатҳои зарурӣ) – на зиёда аз 15 рӯзи корӣ, ки аз рӯзи қабули расмии даъво ҳисоб карда мешавад;

– барои даъвоҳои мураккаб (ки барои ҳалли онҳо экспертизаи мустақили мутахассисон ё таҳқиқоти иловагӣ лозим аст) – на зиёда аз 30 рӯзи корӣ;

– ҳангоми вайрон шудани ин мӯҳлатҳо – ҷаримаи ҳаррӯза ба андозаи 0,2–0,3 фоизи маблағи пардохтнашуда муқаррар шавад, ки ин маблағ бевосита ба суғурташаванда (ё соҳибкори зарардида) ҳамчун ҷуброни талафот ва зарари молӣ супорида мешавад» [31; 29].

Ин меъёрҳо ширкатҳои суғуртавиро ба фаъолияти саривақтӣ ва масъулиятнок водор месозанд.

Барои пешгирии радди беасоси даъвоҳо ва таъмини шаффофияти қарорҳо пешниҳодҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Муқаррар кардани рӯйхати маҳдуди ҳолатҳои рад кардани пардохт (танҳо ҳолатҳои возеҳ ва исботшаванда: қаллобии исботшудаи судӣ, ҳодисаи ғайрисуғуртавӣ, набудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар мӯҳлати муайяншуда ва ғайра);

2. Ворид кардани қоидаи тафсири ҳамаи шубҳаҳо, нофаҳмиҳо ва истилоҳҳои норавшан дар матни шартнома ба нафъи суғурташаванда (принсипи тафсири ба нафъи заифтараш – contra proferentem);

3. Ҳатмӣ кардани пешниҳоди асосҳои рад кардани пардохт бо ҳуҷҷатҳои мушаххас ва бо забони тоҷикӣ дар муҳлати на зиёда аз 5 рӯзи корӣ пас аз қабули қарор;

4. Эътирофи радди беасос ё беасос ҳамчун вайронкунии ҷиддии шартнома бо ҳуқуқи соҳибкор ба талаб кардани ҷуброни пурраи зарар, фоидаи аз даст рафта ва зарари маънавӣ [11; 118, с. 200].

Ин тағйиротҳо сатҳи адолат ва шаффофиятро дар муносибатҳои суғуртавӣ ба таври назаррас баланд мебардоранд.

Таъсиси низоми мустақили ҳалли низоъҳои ғайрисудӣ дар бозори суғурта барои кам кардани бори судҳо ва суръатбахшии ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон зарур аст. Дар ҳолати кунунӣ аксари низоъҳо ба судҳои иқтисодӣ мераванд, ки ин барои соҳибкорон гарон, тулонӣ ва аксар вақт ғайримуассир аст.

Пешниҳодҳои мушаххас:

– таъсиси Муассисаи мустақили омбудсмени суғурта дар ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон ё ҳамчун сохтори мустақил бо мақоми қонунӣ;

– ваколати қабули шикоятҳо аз суғурташавандагон (аз ҷумла соҳибкорон) ва қабули қарорҳои ҳатмӣ барои ширкатҳои суғуртавӣ дар доираи салоҳияти муайяншуда;

– муҳлати баррасии шикоятҳо – на зиёда аз 20 рӯзи корӣ аз лаҳзаи қабули расмӣ;

– ройгон будани хизматрасонии омбудсмен барои ҳамаи соҳибкорон;

– эътирофи қарорҳои омбудсмен ҳамчун асоси иҷрои ҳатмӣ бо ҳуқуқи муроҷиат ба суд дар ҳолати норозигии ҷонибҳо [44; 21].

Ин институт вақт ва хароҷоти соҳибкоронро ҳангоми ҳалли низоъҳо ба таври назаррас кам мекунад.

Барои ҳимояи соҳибкорон дар ҳолатҳои барҳамдиҳӣ ё маҷбуран қатъ кардани фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ пешниҳод мешавад, ки низоми кафолати пардохтҳо ба таври ҷиддӣ такмил дода шавад.

Пешниҳодҳои мушаххас:

– афзоиши ҳадди кафолати як суғурташаванда аз Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳо то 300 000-500 000 сомонӣ (аз ҳолати кунунӣ);

– муқаррар кардани муҳлати қатъии пардохтҳо аз хазина – на зиёда аз 45 рӯзи корӣ пас аз қарори барҳамдиҳӣ ё қатъи фаъолият;

